**ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ МОЛИЯ ВА ИҚТИСОДИ ТОҶИКИСТОН**

***ВБД: 336+336,4+336,46+336,74(575,3)***

*Бо ҳуқуқи дастнавис*

**РАҲИМЗОДА ҶУРАБЕК РАҲИМ**

# НАВОВАРИҲОИ БОНКӢ ҲАМЧУН АФЗОРИ РАҚАМИКУНОНИИ ИҚТИСОДИЁТ

# ДИССЕРТАТСИЯ

барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900- Молия (6D050901- Молия, муомилоти пулӣ ва қарз)

**Роҳбари илмӣ:**
д.и.и., профессор Шариф Раҳимзода

**ДУШАНБЕ-2026**

# МУНДАРИҶА

**Феҳристи ихтисораҳои истифодашуда........................................................ 3**

**МУҚАДДИМА................................................................................................ 4**

**БОБИ 1. АСОСҲОИ НАЗАРИЯВӢ ВА МЕТОДОЛОГИИ НАВОВАРИҲОИ БОНКӢ ҲАМЧУН АФЗОРИ РАҚАМИКУНОНИИ ИҚТИСОДИЁТ ................................................................................. 17**

1.1. Асосҳои назариявӣ ва методологии навоварии бонкӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт............................................................................ 17

1.2. Хусусият ва вазифаҳои навовариҳои бонкӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт........................................................................... 30

1.3 Раванди навовариҳо дар фаъолияти бонкӣ дар кишварҳои хориҷӣ............................................................................................................ 44

**БОБИ 2. ТАҲЛИЛИ ВАЗЪИ НАВОВАРИҲОИ БОНКӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН........................................................................ 59**

2.1. Вазъи низоми бонкӣ ва навовариҳо дар он............................................... 59

2.2. Таҳлил ва баҳодиҳии навовариҳои бонкӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт............................................................................ 76

2.3. Муаммоҳои рақамикунонии иқтисодиёт дар шароити рушди низоми бонкӣ................................................................................................................ 88

**БОБИ 3. ДУРНАМОИ НАВОВАРИҲОИ БОНКӢ ДАР ШАРОИТИ РАҚАМИКУНОНИИ ИҚТИСОДИЁТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ................................................................................ 101**

3.1. Стратегияи рақамикунонии низоми бонкӣ дар шароити муосир.......................................................................................................... 101

3.2. Таъмини амнияти навовариҳои бонкӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт...................................................................................................... 114

3.3. Роҳҳо ва афзорҳои татбиқи амалии рақамикунонии иқтисодиёт ва ғайринақдикунонии амалиётҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.......................... 127

**ХУЛОСА........................................................................................................ 147**

**Тавсияҳо оид ба истифода натиҷаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот ......... 148**

**Адабиёти истифодашуда............................................................................. 154**

**Интишороти довталаб вобаста ба мавзуъ................................................. 168**

## Феҳристи ихтисораҳои истифодашуда

**СМР-2030** – Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030

**ИМА** – Иёлоти Муттаҳидаи Амрико

**ҶСК** – Ҷамъияти саҳомии кушода

**ҶСП** – Ҷамъияти саҳомии пӯшида

**ДАҚ** – Доираи амалиёти қарзӣ

**ММД** – Маҷмуи маҳсулоти дохилӣ

**ТАҚХ** – Ташкилоти амонатии қарзии хурд

**ТҶХ –** Таҷрибаи ҷаҳонии хизматрасонӣ

**БМТ -** Бонки миллии Тоҷикистон

**АББИ** - Ассотсиатсияи байналмилалии бонкҳои исломӣ

**ХБА -** Хазинаи байналмилалии асъор

**МХБ -** Маркази хизматрасониҳои бонкӣ

**МХХ -** Маркази хизматрасониҳои хазинавӣ

**МФҚ** - Меъёри фоизи қарзҳо

**НБҶТ** – Низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**НППН –** Нуқтаҳои пардохти пули нақд

**б.ф.** – банди фоизӣ

## Муқаддима

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Тоҷикистони тозаистиқлол вобаста ба равандҳои ҷаҳонишавӣ дар марҳалаи нави рушд ва бознигарӣ ба пешрафтҳои устувор қарор дошта, пайгири тамоюлҳои ба ояндаи рушд нигаронидашуда мебошад, ки онҳо бо техникаву технологияҳои муосир асос ёфтаанд. Таъсири таконҳои молиявӣ, иқтисодӣ ва сиёсӣ то як андоза низоми молиявии кишварро хатарафзо намуда, як қатор мушкилоти молиявӣ ва сохториро ба миён овард.  Мушкилоти низоми бонкии кишвар дар чанд соли охир ва зарурати ҷиддии давлат барои гузаштан ба иқтисодиёти рақамӣ боис гардид, ки дар ин самт аз тарафи роҳбари давлат ва дигар сохтору мақомоти дахлдор чораҳои зарурӣ андешида шаванд. Зеро роҳи ягонаи аз байн бурдани буҳрони бонкӣ дар солҳои охир махсусан солҳои 2014-2019 ин гузариш ба низомҳои нав ва пешрафтаи электронии пардохтӣ ва маҷозӣ буд, ки ин хавфҳои низоми бонкиро аз вартаи осебпазирӣ берун намуд.

Ҷаҳонишавии муносибатҳои иқтисодӣ дар сатҳи корхонаву муассисаҳо ва ҳамгироии онҳо талаб менамояд, ки механизмҳои содаи ба ҳам наздик намудани онҳо коркард ва мавриди истифода қарор дода шаванд. Дар ин робита, гузариш ба иқтисодиёти рақамӣ ва ё рақамикунонии иқтисодиёт аз ҳама механизми санҷидашудае буд, ки дар ташкили муҳити ҳамгироии байнисоҳавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидати ҳаматарафа намуда, пеш аз ҳама, муаммоҳои осебпазирии низоми бонкиро дар як марҳалаи кӯтоҳ аз байн бурд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати расидан ба ҳадафҳои ба рушд нигаронидашуда дар самти татбиқи иқтисодиёти рақамӣ ва ғайринақдикунонии тамоми амалиёт ва хизматрасониҳо ба аҳолӣ як қатор амалкардҳои институтсионалиро дар низоми бонкӣ ва татбиқи иқтисодиёти рақамӣ ба воситаи он ба миён овард. Ба ҳамин хотир дар кишвар Барномаи миёнамуҳлати рушди иқтисодиёти рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соҳои 2021-2025, Стратегияи миллии фарогирии молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2022-2026, Фармони Президенти Ҷумҳурии

Тоҷикистон “Дар бораи тадбирҳои вусъат додани ҳисоббаробаркунии ғайринакдӣ” аз 1 августи соли 2023 қабул шудааст, ки тавассути онҳо рақамикунонии иқтисодиёт дар сатҳи зарурӣ татбиқ карда мешавад.

Дар Тоҷикистони дар ҳоли рушд қарордошта зарурати татбиқи иқтисодиёти рақамӣ дар лаҳзаҳои кӯтоҳтарин тавассути низоми бонкӣ ягона механизме мебошад, ки ба воситаи онҳо татбиқи рақамикунонӣ дар тамоми сохторҳои иқтисодӣ ва ғайрииқтисодӣ имконпазир мегардад. Аз ҳамин лиҳоз, дар шароити имрӯза татбиқи иқтисодиёти рақамӣ дар муҳити навовариҳо танҳо ба воситаи бонку ташкилотҳои қарзии ғайрибонкӣ, ки вазифаи асосии онҳо анҷоми амалиётҳо бидуни пули накд мебошад, имконпазир мегардад. Вобаста ба ин, зарур аст, ки тавассути як қатор чораҳои маҷбуркунӣ, ки барои гузариш ба рақамикунонии иқтисодиёт мусоидат мекунанд, чораҳо андешида шавад ва дар заминаи ин, бонку ташкилотҳои дигари қарзӣ вазифадор карда шаванд, ки сифати хизматрасонӣ ва сари вақт анҷом додани амалиёту хизматрасониҳоро ҳадафи асосии худ қарор диҳанд.

Дар айни замон амалкардҳои институтсионалӣ вобаста ба талаботҳои рақамикунонӣ фаъолияти ташкилотҳои қарзиро ба як низоми воқеан нави пешрафта ва дорои хавфи пасту самаранокии баланд дар самти татбиқи иқтисодиёти рақамӣ расонида, мушкилоти қаблан вуҷуддошта ва дигар хавфҳои ба он алоқамандро комилан аз байн мебарад. Зеро ҷаҳони имрӯзаро ҷаҳони инноватсионӣ, печида, сунъӣ ва ҳушманд мегӯянд, ки дар он технологияҳои нави иттилотӣ, зеҳни сунъӣ, воситаҳои ҳушманд ва замимабарномаҳои электронӣ нақши асосӣ доранд.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ.** Дар давоми 10-15 соли охир тамоюлҳои тезтағйирёбандаи ҷаҳони муосир дар самти техникаву технологияҳои пешрафта як қатор кишварҳои ҷаҳонро ба муваффақиятҳои чашмрас ва қисми дигари кишварҳоро, бинобар сабаби набудани чунин технологияҳои муосир, ба мушкилоти гуногун рӯ ба рӯ кард ва ин масъала диққати ҷомеаи ҷаҳонӣ, олимон ва коршиносонро ба худ ҷалб намудааст. Новобаста аз он ки дар замони пеш рушди иқтисодиёт ва дигар масъалаҳои

ба рушд нигаронидашуда бидуни технологияҳои воқеан пешрафта амалӣ мешуд, дар ҳамон давра низ нуқтаи назари олимону коршиносон дар ин самт матраҳ мегардид, чунончи Ҷ.М. Кейнс, Г.Н. Мэнкю, К.Р. Макконелл, У. Шарп, Й. Шумпетер, П. Самуэлсон, Л. Мизес, Ҷ. Кларк, М. Портер, А.В. Охлопков, А.И. Борлакова, А.В. Муравёва, А.И. Борлакова, Д.Н. Терновский, Г.А. Ярин ва дигарон оид ба масъала таҳқиқоти илмӣ анҷом дода, диссератсияю монографияҳо интишор намудаанд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ин масъала баъд аз соҳибистиқлолӣ ва махсусан дар даҳаи дуюми ин давра аҳаммияти зиёд ба худ касб намуда, ба он натанҳо ҳукумати кишвар, балки олимону коршиносони соҳа диққати аввалиндараҷа додаанд. Олимони соҳа ин масъаларо дар асарҳои худ мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор додаанд, аз ҷумла асарҳои Т.Н. Назаров, Ш. Раҳимзода, З.А. Раҳимов, Ш.Қ. Хайрзода, Р.Б. Бердиев, Б.М. Шарифзода, Б.М. Ҷураев, Ҷ.К. Нуралиев, Р.К. Раҷабов, Н. Акобирзода, М. Содиқова, П.Р. Пирзода, С.А. Қурбонова, М. Қличова, Р. Ғаниев, М. Дембегиев, Ғ. Ғаюров, Т.Т. Аъзамова, Ш. Вализода ва дигарон ба ин самт бахшида шудааст.

Аз таҳлилҳо маълум мегардад, ки ҳар як соҳа ва сохтори алоҳида вобаста ба имкониятҳои мавҷудаи худ ба ин масъала аҳаммияти аввалиндараҷа дода, барои амалӣ гардонидани имкониятҳо дар ин марҳала қадамҳои устувор мондаанд.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзуъҳои илмӣ.** Дар шароити имрӯзаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти рақамикунонии иқтисодиёт ва гузариш ба меъёрҳои нави инноватсионӣ, ки дорои бартариятҳои зиёди самаранокӣ ва бехатарӣ мебошанд, як қатор барномаву стратегияҳои дахлдори соҳавӣ ва наздик ба ин қабул гардиданд, ки асоситарини онҳо Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021 - 2025, Барномаи миёнамуҳлати рушди иқтисодиёти рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соҳои 2021-2025, Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи тадбирҳои вусъат додани

ҳисоббаробаркунии ғайринакдӣ” ва Стратегияи миллии фарогирии молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошанд.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

Дар шароити муосири ҷаҳонишавӣ ва таконҳои молиявию сохторӣ, гузариш ба иқтисодиёти рақамӣ ва муосиркунонии низоми бонкии ватанӣ ба яке аз афзалиятҳои асосии рушди устувори Ҷумҳурии Тоҷикистон мубаддал гаштааст. Моҳияти муаммо дар он зоҳир мегардад, ки низоми анъанавии бонкӣ ба трансформатсияи амиқи технологиву институтсионалӣ эҳтиёҷ дошта, татбиқи ҳисоббаробаркуниҳои ғайринакдӣ ва хизматрасониҳои маҷозиро чун механизме барои бартараф сохтани осебпазирии молиявӣ ва таъмини фарогирии пурраи молиявӣ тақозо менамояд. Бинобар ин, зарурати навовариҳои бонкиро на танҳо чун воситаи оддии техникии пардохт, балки ҳамчун афзори калидиву стратегии рақамикунонии кулли иқтисодиёти миллӣ арзёбӣ кардан, пеш омадааст. Аз ин зовия, ноил шудан ба самаранокии баланд ва амнияти пардохтҳо танҳо тавассути ворид намудани технологияҳои пешрафта, аз қабили замимабарномаҳои ҳушманд ва зеҳни сунъӣ, такомули низоми институтсионалӣ ва рақамикунонии пурраи амалиётҳои молиявӣ дар доираи стратегияву барномаҳои давлатӣ имконпазир мегардад. Чунин муносибат имкон медиҳад, ки хароҷот коҳиш ёфта, вақт сарфа шавад ва амнияти молиявии кишвар пайваста таъмин гардад.

**Мақсади таҳқиқот**и илмӣ ин навовариҳои бонкӣ ҳамчун афзори рақамикунонии иқтисодиёт дар заминаи техникаву технологияҳои муосири ҳозиразамони электронӣ буда, он ҳам хоси низоми бонкӣ ва корхонаву муассисаҳои сатҳи гуногун мебошад.

**Вазифаҳои таҳқиқот.** Барои ноил гардидан ба мақсади мазкур иҷрои вазифаҳои зерин зарур аст:

- таҳлилу баррасии ҷанбаҳои назариявии навовариҳои бонкӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт ва дар доираи он ҷанбаҳои методии мушаххассозии навовариҳо ва дигар воситаҳои татбиқи он; муайян ва

пешниҳоди роҳҳои ба таври сода ҷорӣ намудани амалиёт ва хизматрасониҳои муосири инноватсионӣ аз таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ дар самти инноватсияҳои бонкӣ;

- дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт таҳлил ва баҳодиҳии навовариҳои электронӣ, ошкору пешниҳод гардидани шаклҳои инноватсияи бонкӣ ва дигар воситаю унсурҳои дар амал татбиқ намудани он;

- ҷиҳати баҳои воқеӣ додан ба вазъи имрӯзаи навовариҳои бонкӣ ва дар амал татбиқ намудани ҷараёнҳои рақамикунонӣ таҳлили як қатор нишондиҳандаҳо, мушаххаснамоии вазъи ҷорӣ ва минбаъдаи рушди он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- вобаста ба ҳолати воқеии андозаи истифодаи инноватсия дар низоми хизматрасониҳои бонкӣ, таҳлили муаммоҳои рақамикунонии фаъолияти бонкҳо; бо шиддат гирифтани раванди ҷаҳонишавӣ ва хатарафзо гардидани вазъи амалиёту хизматрасониҳои маҷозӣ, пешниҳоди комилан электронӣ кардани амалиёту хизматрасониҳо дар доираи амалкардҳои бехатар ва истифода аз усулҳои таъминкунандаи бехатарӣ.

**Объекти таҳқиқотро** равандҳои навоварӣ дар фаъолияти бонкӣ ҳамчун афзори рақамикунонии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил медиҳад.

**Мавзуи таҳқиқот** ташаккул ва густариши навовариҳои бонкӣ ҳамчун афзори рақамикунонии иқтисодиёт дар Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, роҳу воситаҳои дар амалияи имрӯзаи кишвар ҷорӣ намудани онро фарогир аст.

**Фарзияи таҳқиқот** аз ҷараёнҳои воқеӣ ва эҳтимолие иборат аст, ки хусусияти бозсозӣ ва боздорандагӣ дошта, дар шароити имрӯзаи иқтисодӣ ва иҷтимоии кишвар амалкардҳои гуногуни техникӣ ва технологиро тақозо менамоянд ва дар натиҷа барои расидан ба як қатор натиҷаҳои назаррас мусоидат мекунанд:

- то сатҳи зарурӣ коҳиш додани талабот ба пулу амалиётҳои нақдӣ ва дар заминаи ин, коҳиш додани хавфҳои бо пули нақд ва амнияти пардохткунандаю пардохтгиранда алоқаманд;

- таъмини бехатарии амалиётҳо, захираҳои пулӣ, коҳиши хароҷот, сарфаи вақт ва аз байн бурдани маҳдудиятҳои иҷрои амалиёт;

- татбиқи самаранок ва саривақтии Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи тадбирҳои вусъат додани ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ" дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Асосҳои назариявии** таҳқиқоти диссертатсиониро асарҳои илмии олимони дохилӣ ва хориҷӣ, коркардҳои амалию методӣ, барномаву стратегияҳои муайяни дахлдори соҳавӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, усулҳои методӣ, амалӣ ва тактикӣ оид ба навовариҳои бонкӣ дар самти татбиқи рақамикунонии иқтисодиёт ва дигар воситаҳои ба ин баробар ташкил медиҳанд.

**Асосҳои методологии таҳқиқот.** Масоили мубрами амалии таҳқиқоти илмии мазкур дар раванди омодасозии диссератсия стратегия ва барномаҳои дахлдори соҳавӣ, ҳисоботҳои расмии вазорату идораҳои дахлдор, бюллетенҳои омори бонкӣ, сомонаи расмии Бонки миллии Тоҷикистон, маълумотҳои ташкилотҳои қарзӣ, маълумотҳои омории Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ва як қатор дастуруламалу низомномаҳои соҳавӣ мебошанд. Дар диссертатсия, усулҳои муқоиса ва ҷамъбаст, таҳлил ва синтез, мантиқи диалектикӣ, гурӯҳбандӣ, усули хулосаи назариявии илмӣ ва моделсозӣ, ки эътимоднокии диссертатсияро таъмин мекунанд, ҳангоми иншои диссертатсия мавриди истифода қарор гирифтаанд.

**Сарчашмаи маълумот.** Дар омода намудани рисолаи илмӣ аз барномаву стратегияҳои дахлдори соҳавӣ, маълумоти сомонаи расмии Бонки миллии Тоҷикистон, бюллетени омори бонкӣ, ҳисоботи алоҳидаи бонкӣ, маълумоти омории Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, маҷаллаи Бонки миллии Тоҷикистон "Бонкдорӣ. Тараққиёт. Ҷаҳонишавӣ", мақолаву диссертатсияҳои олимони дохилию хориҷӣ васеъ истифода гардидааст.

**Пойгоҳи таҳқиқот.** Диссертатсия дар кафедраи молияи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон дар солҳои 2021-2024 иҷро гардидааст.

**Навгонии илмии таҳқиқоти** диссертатсионӣ дар шароити нави гузариш ба равандҳои ҷаҳонишавӣ дар заминаи техникаву технологияҳои муосир ва баланд бардоштани самараи иқтисодии давлат ва низоми бонкӣ бо истифода аз воситаҳои муосири электронии пардохт ва дар ин замина аз байн бурдани норасоиву камбудиҳои ҷойдошта ва хавфҳои мавҷудаю босамаргардонии тамоми амалиёту хизматрасониҳо мебошад, ки дар диссертатсия мукаммалан оварда шудаанд:

- вобаста ба зарурат ва баррасии масъала ҷанбаҳои назариявӣ ва методии навовариҳои бонкӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор дода шуда, роҳҳои бартарафсозии камбудиҳои ҷойдошта ва дар амалия ба таври сода ҷорӣ намудани амалиёт ва хизматрасониҳои муосири инноватсионии таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ дар самти инноватсияҳои бонкӣ бо усул ва механизмҳои истифодаи имконпазир коркарду дарёфт гардида, роҳҳои дар амал истифодабарии онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардидааст;

- новобаста аз мавҷудияти як қатор нишондиҳандаҳо ва воситаҳои татбиқкунандаи навовариҳои бонкӣ ва истифодаи амалии он дар кишвар, бо дарназардошти талаботи рӯзафзуни ҷомеа навовариҳои электронӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт таҳлил ва баррасӣ гардида, шаклҳои воқеан такмилёфтаи инноватсияи бонкӣ ва дигар сохтору унсурҳои он пешниҳод гардидаанд;

- барои баҳогузории воқеӣ ба вазъи имрӯзаи навовариҳои бонкӣ, воситаҳои истифодашаванда ва дар амал татбиқ намудани ҷараёнҳои рақамикунонӣ як қатор нишондиҳандаҳои низоми бонкию иқтисодӣ таҳлил гардида, ҷиҳати расидагии дуруст ба ҷараёнҳои рақамикунонии иқтисодиёт ва дар маҷмуъ, амалиётҳо муаммоҳои рақамикунонии иқтисодиёт дар

шароити рушди низоми бонкӣ ошкор гардида, як қатор нишондиҳандаҳо ва хулосаҳои мушаххас пешниҳод шудаанд;

- дар такя ба рушди чашмраси рақамикунонии иқтисодиёт ва гузариш ба ин ҷараёни мураккаб ва фоидаовар барои ҷомеа, ҳамчунин, шиддат гирифтани раванди ҷаҳонишавӣ ва хатарафзо гардидани вазъи амалиёту хизматрасониҳои бонкӣ як қатор коркардҳои ба ин масъала хос дар шакли диаграмма, ҷадвал ва расм пешниҳод ва хулосабарорӣ гардида, дар ҳошияи ҳадафҳои стратегии давлат роҳҳои дар амал татбиқ намудани рақамикунонии иқтисодиёт ва комилан электроникунонии амалиётҳои бонкӣ коркард гардида, мушкилот ва роҳҳои дар амалияи Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ намудани барномаву стратегияҳои дахлдори соҳавӣ дар самти рақамикунонӣ пешниҳод гардидаанд.

**Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда.** Дар асоси таҳлил, баррасӣ ва хулосабарориҳо оид ба мушаххаснамоии нишондиҳандаҳои мавҷуда дар самти татбиқи рақамикунонӣ ва комилан ғайринақдикунонии амалиётҳои молиявию қарзӣ ва асоснок намудани тавсияву пешниҳодҳо масъалаҳои зерин нуктаҳои ҳимояшавандаи диссертатсияро ташкил намуданд:

1. Исбот гардидааст, ки навовариҳои бонкӣ дар шароити муосир на танҳо воситаи оддии техникии ҳисоббаробаркунӣ, балки афзори калидиву стратегии рақамикунонии кулли иқтисодиёти миллӣ мебошанд. Дар ин замина, роҳу механизми мутобиқсозии таҷрибаи пешқадами хориҷӣ ба хусусиятҳои низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати бартараф сохтани осебпазирии молиявӣ асоснок карда шудааст. Консепсия мазкур имкон медиҳад, ки муносибатҳои байнисоҳавӣ дар сатҳи нави институтсионалӣ танзим ёфта, заминаи устувор барои табдили фаъолияти анъанавии бонкӣ ба формати рақамӣ гузошта шавад.

2. Муайян гардидааст, ки татбиқи шаклҳои муосиру такмилёфтаи инноватсияҳои бонкӣ, аз қабили замимабарномаҳои ҳушманд, технологияҳои зеҳни сунъӣ ва воситаҳои электронии пардохт ба беҳтар шудани нишондиҳандаҳои низоми бонкии кишвар мусоидат намуда, сохтори татбиқи

амалии онҳо дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт таҳлил ва баҳодиҳӣ карда шудааст. Арзёбии мазкур нишон медиҳад, ки мукаммалсозии инфрасохтори бонкии рақамӣ омили асосии баланд бардоштани сифати хизматрасониҳо ва суръатбахшии гардиши маблағҳо дар низоми молиявии кишвар мебошад.

3. Ошкор сохта шудааст, ки байни шиддат гирифтани равандҳои ҷаҳонишавӣ ва афзоиши хавфҳои кибернетикиву пардохтпазирӣ дар амалиётҳои маҷозӣ алоқамандии мустақим вуҷуд дорад. Меъёрҳо ва усулҳои амниятии таъминкунандаи навовариҳои бонкӣ пешниҳод гардидаанд, ки ба коҳиши хароҷот, сарфаи вақт ва амнияти бехатарии воситаҳои молиявӣ замина мегузоранд. Татбиқи усулҳои пешниҳодшуда минбаъд сатҳи боварии аҳолиро ба низоми бонкӣ афзун намуда, хавфи аз даст додани дороиҳои молиявиро дар шароити таҳдидҳои кибернетикӣ ба таври назаррас коҳиш медиҳад.

4. Пешниҳод ва асоснок карда шудааст, ки маҷмуи афзорҳои амалӣ барои мусоидат ба рақамикунонии пурраи амалиётҳои молиявӣ ва татбиқи самараноки Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тадбирҳои вусъат додани ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ» ва дигар стратегияҳои соҳавӣ роҳи асосии таъмини фарогирии пурраи молиявӣ ва рушди устувори иқтисодӣ мебошад. Истифодаи ин афзорҳо ба коҳиши назарраси сатҳи иқтисоди пинҳонӣ, афзоиши воридоти андозӣ ба буҷети давлатӣ ва гузариши боэътимод ба пардохтҳои комилан ғайринақдӣ дар сатҳи миллӣ мусоидат менамояд.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот.** Муқаррароти назариявӣ ва амалии анҷомшуда дар диссертатсия метавонанд дар раванди омӯзиши фанҳои амалиёти бонкӣ, менеҷмент ва маркетинг дар бонкҳо, технологияҳои инноватсионӣ дар бонкҳо, фаъолияти бонкӣ ва рушди устувори низоми бонкии кишвар истифода шаванд.

Натиҷаҳои диссертатсияи мазкур метавонад ҳангоми таҳқиқотҳои илмӣ оид ба ташаккул ва инкишофи бозори хизматрасониҳои бонкӣ, амалиётҳои

ҷудогонаи бонкӣ, истифодаи технологияи бонкӣ дар ҷараёни фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ, рақамикунонии фаъолияти бонкҳо, баландбардории сифати хизматрасониҳои бонкӣ ва коркарди маҳсулотҳои нави бонкӣ мавриди истифода қарор гиранд. Муқаррароти асосии диссертатсия дар конференсияҳои илмӣ – амалӣ ва илмӣ – назариявӣ, семинарҳои илмии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон ва конфронсияҳои байналмилалӣ таи солҳои 2019-2024 маърӯза шудаанд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳо.** Дар шароити имрӯза татбиқи рақамикунонии иқтисодиёт ва густариши бемайлони амалиётҳои электронии молиявию виртуалӣ ба он асос меёбад, ки нишондиҳандаҳо ва воситаву дастгоҳҳои истифодашавандаро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлилу баррасӣ намуда, роҳҳои дар амал истифодабарии онҳоро дар мушоҳидаю таҷрибаҳо, дарёфти дақиқи маълумотҳои воқеии истифодашаванда, дар сатҳи зарурӣ баррасӣ ва ошкорсозии рақамикунонӣ ва амалиётҳои маҷозии электронӣ, кифоягии ҳаҷми маводи таҳқиқ, дарёфт ва коркарди омории натиҷаҳои таҳқиқу интишорот ва баромадҳои муаллиф дар конфронсу мизҳои мудаввари сатҳи гуногун дар доираи мавзуи таҳқиқотӣ тасдиқ мегардад. Илова бар ин, хулоса ва тавсияҳо, ки хоси шароити имрӯзаи Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошанд, бо натиҷаҳои назаррас пешниҳод гардидаанд.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мавзуи диссертатсия ба бандҳои зерини шиносномаи феҳристи ихтисосҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900 - Молия (6D050901- Молия, муомилоти пулӣ ва қарз) мувофиқат мекунанд: 2.13. Ташаккули хизматрасониҳои давлатӣ; 5.6. Проблемаҳо ва дурнамои арзёбии сармояи зеҳнӣ; 10.15. Коркарди амсилаҳои муайян кардани нархҳо ва арзиши аслии хизматрасониҳо ва амалиёти бонкӣ; 8.4. Механизми гардиши пули нақдӣ ва ғайринақдӣ; 8.8. Ташкили низоми самараноки пардохтӣ ва афзорҳои ҳаллу фасли бухрони пардохтӣ; 10.1. Ташаккули низоми бонкӣ ва инфрасохтори он дар шароити иқтисоди бозорӣ; 10.10. Инноватсияҳои молиявӣ дар бахши

бонкӣ; 10.15. Коркарди амсилаҳои муайян кардани нархҳо ва арзиши аслии хизматрасониҳо ва амалиёти бонкӣ; 10.22. Маҳсулоти нави бонкӣ: намудҳо, технологияи ташкил, тарзҳои татбиқ; 11.8. Таҳқиқи таъсири танзими пулию қарзӣ ба равандҳои инноватсионӣ ва сармоягузорӣ дар иқтисодиёт.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Дар арзёбӣ ва занҷираи баррасии мавзуи таҳқиқот ҳамчун натиҷаи қаблӣ ва ниҳоӣ як қатор марҳилаҳои зарурӣ ва асоснок, ба монанди баррасӣ ва таҳияи мавзуи илмӣ, ҷараёни асоснокунӣ ва баҳодиҳии дараҷаи мубрамияти мавзуи таҳқиқот, ошкорсозӣ ва мақсадгузорӣ ҷиҳати иҷрои вазифаҳои гузошташуда бо иштироки бевоситаи муаллиф сурат гирифтааст. Илова бар ин, таҳқиқи таҷрибаи амалии кишвар дар самти гузариш ба хизматрасониҳои виртуалии бонкӣ, ки натиҷаи онҳо ба воситаи усулҳои оморӣ, экспертӣ ва аналитикӣ таҳқиқ ва пешниҳод гардидаанд, натиҷаҳои кори муаллиф мебошад.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Барои зарурати қисм ба қисм татбиқ намудани таҳқиқоти илмӣ ва дар амалияи пешбурди корҳои илмӣ аз нуқтаи назари мантиқӣ пешниҳод намудани мушаххассоти гуногуни коркардҳои илмии диссертатсия аз ҷониби муаллиф дар конференсияҳо ва семинарҳои байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ дар солҳои 2021-2024 мавриди пешниҳод қарор гирифтаанд. Ҳамчунин, натиҷаҳои бадастовардаи муаллифро дар машғулиятҳо ба донишҷӯёни макотиби олии кишвар аз фанҳои амалиётҳои бонкӣ, фаъолияти бонкӣ, навовариҳои электронӣ дар бонкҳо, инноватсия дар бонкҳо, технологияҳои рақамӣ дар кори бонкӣ ва суғурта дар Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон ва дигар донишгоҳҳо истифода бурдан мумкин аст.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Дар марҳалаи таҳқиқоти илмӣ дар доираи мавзуи баррасишавандаи диссертатсия 11 мақола, ки аз онҳо 6 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 5 мақола дар нашрияҳои дигар нашр шудааст.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия**. Аз феҳристи ихтисораҳои истифодашуда, муқаддима ва дигар талаботи муқаддимавӣ, матни мантиқӣ ва

фарогир, хулоса ва пешниҳодҳо иборат аст. Диссертатсия аз муқаддима, се боб, нуҳ параграф, хулоса, 18 расм, 9 ҷадвал, 11 диаграмма, рӯйхати адабиёти истифодашуда аз 134 номгӯй иборат буда, дар ҳаҷми 168 саҳифа таҳия шудааст.

## ҚИСМИ АСОСИИ ТАҲҚИҚОТ

**Дар муқаддимаи диссертатсия вобаста ба меъёрҳо ва талаботи КОА** ҷанбаҳои назариявии асосноккунии назариявӣ ва амалии мубрамияти мавзуи таҳқиқот бо таҳлилу баррасиҳои мукаммал асоснок карда шуда, саҳеҳӣ ва андозаи баррасии объекту мавзуи таҳқиқот дар адабиёти ватанӣ ва хориҷӣ, стратегияву барномаҳои дахлдори соҳавӣ, санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ арзёбӣ гардида, дар он ҳадаф ва вазифаҳо, асосҳои назариявӣ ва методӣ, пойгоҳҳои иттилоотию иртиботӣ, дараҷа ва саҳеҳии навгонии илмӣ ва аҳаммияти амалии татбиқи онҳо дар шароити имрӯза, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, муқаррарот ва хулосаҳое, ки унсурҳои навоварӣ доранд, инчунин, сохтор ва ҳаҷми диссертатсия оварда шудаанд.

**Дар боби якуми диссертатсия –** “Асосҳои назариявӣ ва методологии навовариҳои низоми бонкӣ ҳамчун инструменти рақамикунонии иқтисодиёт” асосҳои назариявӣ ва методологии навовариҳои низоми бонкӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт, хусусият ва вазифаҳои навовариҳои низоми бонкӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт, асосҳои ҳуқуқии рақамикунонии иқтисодиёт дар таҷрибаи бонкҳои хориҷӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифта, пешниҳодҳои мушаххас манзур карда шудааст.

**Дар боби дуюми диссертатсия - “**Таҳлил ва нововариҳои низоми бонкӣ дар шароити рушди иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон” баррасӣ гардида, ҳамчун асос таҳлил ва баҳодиҳии навовариҳои электронӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт, арзёбии навовариҳои рушди низоми бонкӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт, муаммоҳои рақамикунонии иқтисодиёт дар шароити рушди низоми бонкӣ мушаххасан бо хулосаҳои асоснок пешниҳод гардидааст.

**Дар боби сеюми диссертатсия натиҷаҳои ниҳоии таҳқиқот,** “Стратегия ва дурнамои рушди низоми бонкӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт” баррасӣ гардида, барои мукаммалсозии он ба таври иловагӣ стратегияи рақамикунонии низоми бонкӣ ҳамчун инструменти низоми бонкӣ, бехатарии навовариҳои бонкӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт, роҳҳо ва афзорҳои татбиқи амалии рақамикунонии иқтисодиёт ва ғайринақдикунонии амалиётҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлил ва натиҷабардорӣ карда шудаанд.

**Дар хулоса ва пешниҳоди диссертатсия** бошад, андешаҳои назариявӣ, методӣ ва амалии илман асосноккардашудаи муаллиф ҷиҳати рушди ҳаматарафаи иқтисодиёти рақамӣ дар муҳити инноватсионӣ бо амалиётҳои виртуалӣ, шаклҳои нав ва муосири татбиққунандаи иқтисодиёти рақамӣ ва як қатор омилҳои ба ин раванд таъсиррасон ба таври мушаххас ва мукаммал ошкору пешбинӣ гардидаанд.

# БОБИ 1. АСОСҲОИ НАЗАРИЯВӢ ВА МЕТОДОЛОГИИ НАВОВАРИҲОИ БОНКӢ ҲАМЧУН АФЗОРИ РАҚАМИКУНОНИИ ИҚТИСОДИЁТ

## 1.1. Асосҳои назариявӣ ва методологии навовариҳои бонкӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт

Пайваста дигаргуншавии сохти ҷамъиятӣ, ки асоси онро муносибатҳои иқтисодию ҷамъиятӣ ташкил медиҳанд, ҳамеша дар марҳалаи дигаргуншавӣ баҳри мутобиқшавӣ ба талаботи ҷомеа қарор дорад. Дар шароити муосир бозорҳои молиявӣ ва бонкҳо танҳо бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ фаъолият менамоянд ва бидуни истифодаи онҳо фаъолияти бонкҳоро тасаввур кардан ғайриимкон аст. Дар иқтисодиёти пешрафта ва фаъолнокии раванди институтсионалии корхонаву муассисаҳо тақозо менамояд, ки инноватсия дар институтҳои бонкӣ ва ғайрибонкӣ васеъ истифода гардида, ба он аҳаммият дода шавад. Дар натиҷаи истифодаи навоварӣ дар фаъолият имкон дорад, ки ҷалби сармоягузорӣ зиёд гардида, баланд бардоштани обрӯйи ширкат ва даромади дарназардоштаи он таъмин гардад.

Вобаста ба ин масъала Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» дар таърихи 21.12.2021 қайд намуданд: “Ҷиҳати зиёд намудани қарзҳои имтиёзноки дарозмуҳлат, хусусан, барои соҳибкории истеҳсолӣ, пешниҳоди хизматрасониҳои босифат бо истифода аз технологияҳои рақамӣ ва гузариши пурра ба ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ, инчунин, ҳарчи бештар ҷалб кардани сармояи дохиливу хориҷӣ ба низоми бонкӣ тадбирҳои қатъӣ андешида шаванд” [17].

Дар ҳақиқат, дар шароити имрӯза истифода намудан аз технологияҳои рақамӣ барои ташкилотҳои қарзӣ муҳим ва саривақтӣ ба ҳисоб рафта, бо ин роҳ метавон ба рушди ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаи муҳим ба ҳисоб меравад, тақвият бахшид.

Яке аз омилҳои фаъолияти муваффақонаи бонкҳо ва дигар ташкилотҳои молиявию қарзии ба мизоҷон хизматрасон дар сатҳи зарурӣ истифода аз технологияҳои ҳозиразамони соҳаи бонкӣ ва иттилоотӣ мебошад, ки ин масъала дар шароити кунунии иқтисодиёт мувофиқ ва зарурӣ ба шумор меравад. Дар бахши бонкӣ навовариҳои бонкиро он вақт истифода намудан мумкин аст, ки агар ба хизматрасонӣ ё маҳсулоти худ ягон навоварӣ ва ё тағйироти куллӣ ҷорӣ намуда, ба таваҷҷуҳи истеъмолкунандагон ва мизоҷон расонид.

“...Дар илми иқтисодии муосир мафҳуми «инноватсия»-ро ҳамчун «натиҷаи ниҳоии фаъолияти навоварӣ, ки дар шакли маҳсулоти нав ё мукаммалшуда ё технологияҳои дар фаъолияти амалӣ истифодашаванда ё муносибати нав ба хизматрасониҳои иҷтимоӣ таҷассум ёфтааст», маънидод кардан мумкин аст” [88, с.178].

Ҳамзамон, бо иловаи ин андешаҳо “...мафҳуми инноватсияро ҳамчун тағйирот ва ё навоварӣ дар фаъолият маҳсулот ва хизматрасонӣ донистан мумкин аст, ки он метавонад нисбат ба пештарааш ҷолибтар гардида, таваҷҷуҳи мизоҷонро ба худ бештар ҷалб намояд. Навоварӣ бояд ҳамчун тартиби нав, усули нав, ихтирооте, ки барои татбиқи амалии он оварда шудааст, фаҳмида шавад. Навоварӣ аз лаҳзаи ба истифода қабул шуданаш сифати нав гирифта, ба навоварӣ (инноватсия) табдил меёбад” [123, с.16].

Дар фаъолиятҳои доимии рақибон анҷоми амалҳои рақобатпазир ҷиҳати баромадан аз вазъияти ногувор ва нигоҳ доштани мавқеъ, метавонад тавассути истифодаи технологияҳои инноватсионӣ имконпазир гардад. Зеро дар як қатор сарчашмаҳо чунин ишора шудааст, ки “...дар асри XXI баробари рушди илму технология ва иттилооту коммуникатсия ва дар ин замина густариши интегратсияи низоми молиявию бонкӣ, рушди муносибатҳои иқтисодии байни давлатҳо, татбиқшавии иқтисодиёти рақамӣ саҳми пулҳои нақдӣ дар муомилоти пулии ҷаҳонӣ ба таври назаррас коҳиш ёфта истодааст ва истифодаи пардохтҳои ғайринақдӣ бартарӣ пайдо намуда истодаанд”[89, с.3].

“...Ин заруратро ба назар гирифта, бонкҳои тиҷоратӣ ва дигар ташкилотҳои қарзии ғайрибонкӣ кӯшиш мекунанд, ки ҳиссаи амалиёт ва хизматрасониҳои худро дар заминаи техникаву технологияҳои муосир ба роҳ монанд” [122, 118].

“...Мафҳуми навоварӣ (аз англисӣ «innovation») бори аввал дар пажуҳишҳои илмии фарҳангшиносон дар асри XIX пайдо шудааст. Навоварӣ раванди мутобиқсозии шакли нави фарҳанг ё меъёри мутобиқшавии фарҳанг буд. Навовариҳои техникӣ танҳо дар ибтидои асри XX омӯхта мешуданд”[90, с.58].

Ин ақидаро Д. Панков ва С. Зубок низ қобили қабул дониста, онро тарафдорӣ намуда, қайд менамоянд, ки “...Мафҳуми «инноватсия» бори аввал дар тадқиқоти илмӣ дар асри XIX ҳамчун раванди мутобиқшавии шакли нави фарҳанг пайдо шудааст. Аз асри XX инҷониб таваҷҷуҳи асосии муҳаққиқон дар категорияи таҳлилшуда, махсусан, ба навовариҳои техникӣ нигаронида шудааст. Имрӯз бо тағйирёбии парадигмаи системаи молиявии ҷаҳонӣ дар зери таъсири равандҳои ҷаҳонишавии иқтисоди ҷаҳонӣ навовариҳои технологӣ ҳамчун унсури асосии ин тағйирот баромад карда, барои пешниҳоди хизматрасониҳои молиявӣ имкониятҳои нав фароҳам меорад” [111, с.30].

Дар ҳақиқат, дар асри XIX пайдо гардидани мафҳуми “инноватсия” дар он таҷассум меёбад, ки дар он аср олими австриягӣ Й.А. Шумпетер кор ва фаъолияти эҷодӣ намудааст. Бинобар ин, дар олами иқтисодӣ иқтисодшиноси австриягӣ Й. Шумпетерро ҳамчун асосгузори назарияи навоварӣ ҳисобида, ақидаҳои ӯро, ки навовариро, аз ҷумла навоварии техникиро яке аз воситаҳои асосӣ барои ба даст овардани фоида дар тамоми фаъолияти иқтисодӣ медонад, дастгирӣ менамоянд.

Равандҳои ҷаҳонишавӣ дар шароити имрӯза ба низоми молиявии ҷаҳонӣ таъсири беандоза расонида, дар расонидани хизматрасониҳои молиявӣ имкониятҳои нав фароҳам меоранд. Аз ин рӯ, навовариҳои

технологӣ ҳамчун яке аз унсури асосӣ дар пешрафти соҳа бароmad намуда, асосан дар низоми бонкӣ бештар истифода бурда мешавад.

Навоварии бонкӣ натиҷаи ниҳоии фаъолияти инноватсионии бонк мебошад, ки дар шакли маҳсулот ё амалиёти нави бонкӣ амалӣ карда мешавад [67, с.303].

Навовариҳои бонкӣ як шакли иртиқолёфтаи амалиёт ва хизматрасониҳои бонкӣ буда, онҳо бо роҳу воситаҳои гуногун дар пешниҳоди шаклҳои муосиркардашудаи амалиёт ва хизматрасониҳо истифода мегарданд. Он асосан дар асоси рақобат ва талабот ба хизматрасониҳои нав ба вуҷуд омада, бонкҳо сатҳу сифати хизматрасониро ба шароити муосир мутобиқ мегардонанд.

Новобаста ба маълумотҳои расмӣ, низоми бонкӣ истифодабарандаи асосии технологияҳои иттилоотӣ дар байни тамоми низомҳо ба шумор рафта, инчунин, дар пешрафти технологияҳои иттилоотӣ таъсири мусбат дорад.

“...Махсусан, дар солҳои 80-уми асри гузашта К. Фриман ба таври возеҳ изҳор дошт, ки зинда мондани низоми молиявӣ ба нигоҳ доштани маҳсулоти инноватсионии молиявӣ, ки бо тағйироти нави иқтисодӣ ва молиявии ҷаҳон мувофиқанд, вобаста аст” [136, с.145].

Қайд намудан зарур аст, ки истифодаи навоварӣ дар низоми молиявӣ, аз ҷумла, дар низоми бонкӣ аллакай, дар асри XX ба вуҷуд омада буд ва сармоягузорон ва бонкдорон дарк намуда буданд, ки рушд додани хизматрасонии бонкӣ ба талаботи замон метавонад ба манфиати фаъолият бошад. Бинобар ин, онҳо аз техникаву технологияҳои навин ба зудӣ истифода намуда, хизматрасониҳои бонкиро такмил дод. Дар баробари ҳамаи ин гуфтаҳо, баъзе сарчашмаҳо бар он далолат доранд, ки “...таърихи инкишофи шаклҳои нави пардохтҳои ғайринақдӣ аз пайдоиш ва истифодаи чек ва вексел аз соли 1775 дар Британияи Кабир ва пасон дар асри XIX дар ИМА ва Аврупо сарчашма мегирад. Дар раванди истифода дар муомилот шаклҳои қалбакии воситаҳои мазкур пайдо шуда, дар онҳо элементҳои иловагии ҳифозатӣ ҷойгир карда шуданд, ки шакли онҳоро тағйир дод” [62].

Дар дигар маврид вобаста ба арзёбии ҷанбаҳои дигари масъала А.И. Борлакова бар он назар аст, ки “...инноватсияи технологии бонкиро ҳамчун таҳияи маҳсулоти нави бонкӣ, навсозии маҳсулоти мавҷуда бо истифода аз технологияҳои муосири иттилоотӣ, таҷҳизоти технологӣ барои баланд бардоштани самаранокӣ ва рақобатпазирии хидматҳои пешниҳодшуда, тағйир додани технологияҳои хизматрасонӣ ба мизоҷони бонкӣ муайян мекунад”[124, с.31].

Тибқи баъзе сарчашмаҳои дигар бошад “...аз рӯйи сарчашмаи дигар пардохтҳои ғайринақдӣ дар нимаи дуюми асри ХХ-ум дар кишварҳои рушдкардаи капиталистӣ (вақте ки мошинаҳои ҳисоббарор ихтироъ гардида, барои танзими амалиётҳои бонкӣ бо чек ва кортҳои бонкӣ истифода мегардид) инкишоф ёфта буд” [91, с.32].

Дар ҷаҳони муосир ва пешрафта дар амал истифода бурдани технологияҳои навини пешрафта дар институтҳои молиявӣ ҳамчун омили асосии муваффақиятҳо маҳсуб ёфта, ба он такя намудан барои ҳар як сохтори иқтисодию молиявӣ муҳим мебошад. Бинобар ин, низоми бонкии давлат, бонкҳои алоҳида ва ё ягон намуди амалиёт, ки аз технологияҳои нав истифода наменамоянд ва ба навоварӣ аҳаммияти хоса намедиҳанд, аз раванди рушд қафо мемонанд ва наметавонанд ба ҷараёни ҷаҳонишавӣ дохил гарданд.

Дар натиҷаи омӯзиши адабиёти соҳавӣ муайян кардан мумкин аст, ки мафҳуми «инноватсияи бонкӣ» дар шароити имрӯза нисбат ба дигар мафҳумҳо хеле маъмул гардидааст. Вобаста ба оне, ки имрӯз мавҷудияти бонкҳо ва умуман, низоми бонкиро бе истифода аз техника ва технологияҳои муосир тасаввур кардан ғайриимкон аст, инноватсия ба худ як аҳаммияти махсусро пайдо намудааст, ки дар амалиёт ва хизматрасониҳои бонкӣ комилан эҳсос мегарданд. Аз ин рӯ, навоварӣ дар бахши бонкӣ ин бо тавлиди маҳсулот ва хизматҳои нави бонкӣ нисбат ба маҳсулот ва хизматҳои қаблан вуҷуддошта муайян карда мешавад.

Бинобар ин, дар низоми бонкӣ ва фаъолияти тамоми субъектҳои он ҳамчун омили таъсиррасон аз инноватсия истифода менамояд, зеро онҳо дар ҳама самтҳои фаъолияти ташкилоти қарзӣ таъсири мусбат доранд. Бо дарназардошти ин, андешаҳои олимон доир ба мафҳуми таҳқиқшавандаи “инноватсия” ва ё “инноватсияи бонкӣ” дар муҳити низоми бонкӣ як омили насозишудаест, ки муваффақиятҳои бонкҳо ва дигар ташкилотҳои қарзиро дар бозори бонкӣ таъмин менамояд. Бинобар ин, тафсири муҳиммияти онро дар доираи андешаҳои олимон чунин инъикос намудем (ба ҷадвали 1.1 нигаред).

**Ҷадвали 1.1 - Тафсири мафҳуми «навоварии бонкӣ» аз нуқтаи назари олимон**

| **Муаллиф** | ***Тафсир*** |
|---|---|
| Семикова П. | *“...Навоварии бонкӣ натиҷаи ниҳоии фаъолияти инноватсионии бонк мебошад, ки дар шакли маҳсулот ё амалиёти нави бонкӣ амалӣ карда мешавад” [127, с.11].* |
| Иванова О.И. | *“...Натиҷаи ниҳоии фаъолияти инноватсионӣ як намуди мушаххаси инноватсионии молиявӣ, ки бонкҳо дар бозорҳои молиявӣ ё дар фаъолияти худ дар шакли маҳсулот, хизматрасонӣ, раванд, шакли ташкилӣ ё технологияҳои нав ё такмилёфтаи бонкӣ бо мақсади самараноктар ташаккул ва иқтидори ресурсҳои бонки тиҷоратӣ ҷудо карда шавад” [127, с.11].* |
| Луғати калони иқтисодӣ | *“...Усулҳое, ки барои анҷом додани муомилот бо намудҳои нави дороиҳои молиявӣ ё дар шакли амалиёти нав бо дороиҳои мавҷуда истифода мешаванд, имкон медиҳанд, ки захираҳои молиявии ширкатҳо самараноктар истифода шаванд” [67].* |
| А.В. Муравёва | *“Инноватсияи бонкӣ маҳсулоти нави бонкӣ буда, натиҷаи ниҳоии фаъолияти инноватсионӣ мебошад” [132, с.12].* |
| Яковенко С.Н., Тимченко А.А. | *“...Усулҳои ташкили институтсионалии равандҳои бонкӣ ва моделҳои рафтори онҳо дар ҷаҳони муосири молиявӣ, ки дар пайдоиши технологияҳои нави бонкӣ, хизматрасонӣ, маҳсулоте, ки ба баланд бардоштани самаранокии бонки тиҷоратӣ ва ҷузъи иҷтимоии он нигаронида шудаанд, ифода меёбанд”[119].* |

| | |
|---|---|
| Кох Л.В. | *“...Инноватсияи бонкӣ на танҳо эҷод ва татбиқи маҳсулоти нав, балки васеъ кардани номгӯи хизматрасониҳои пешниҳодшаванда, истифодаи технологияҳои муосири инфокоммуникатсионӣ мебошад, ки барои мизоҷони бонк имкониятҳои беназирро барои гирифтани хизматрасониҳои бонкӣ фароҳам меорад”[71, с.24].* |
| Борлакова А.И. | *“...Инноватсияи технологии бонкиро ҳамчун таҳияи маҳсулоти нави бонкӣ, навсозии маҳсулоти мавҷуда бо истифода аз технологияҳои муосири иттилоотӣ, таҷҳизоти технологӣ барои баланд бардоштани самаранокӣ ва рақобатпазирии хидматҳои пешниҳодшуда, тағйир додани технологияҳои хизматрасонӣ ба мизоҷони бонкӣ муайян мекунад”[124].* |
| Терновский Д.Н. | *“...Натиҷаи фаъолияти бонк барои ба даст овардани даромади иловагӣ нигаронида шудааст, ки ҳам дар шакли моддӣ ва ҳам ғайримоддӣ дар раванди фароҳам овардани шароити мусоид барои ташаккул ва ҷойгиркунии иқтидори захиравӣ бо ёрии инноватсияҳо, ки ба мизоҷон дар нигоҳ доштани сармоя ва афзоиши он мусоидат мекунанд, инъикос меёбад”[133, с.8].* |
| Муаллиф | *Инноватсияи бонкӣ фаъолияти мустақилонаи навсозишудаест, ки бо истифода аз техника ва технологияҳои нав ва дорои арзиши мухторият буда, ба таври фосилавӣ ва ё ғайри он иҷро гардида, талаботи доимии мизоҷонро қонеъ мегардонад.* |

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф дар асоси адабиёти соҳа

Инноватсия ин илми шахшуда набуда, балки он баробари пешрафтҳои аблақудратҳои ҷаҳон ба вуҷуд омада, таркиби тамоми соҳаҳоро дигаргун намудааст, ки ин раванд бо тағйироти замон барои пеш рафтани истифодабарандагони он ҳамроҳ мебошад. Маъмултарин ҷузъиёти инноватсия ва сатҳи таъсиррасонии онро дар соҳаҳои алоҳида аз ҳама бештар дар соҳаи молия ва бонкдорӣ вохӯрдан мумкин аст. Бинобар ин, равишҳои муайян намудани инноватсияи бонкӣ бояд дар доираи як механизми технологӣ маҳдуд намонад, балки он гурӯҳи унсурҳои технологӣ ва ғайритехнологияро дар бар гирад. Истифодаи равишҳои гуногуни инноватсия зарурати онро дар масъалаи таъсиррасонӣ боз ҳам бештар намуда, қолабҳои нави баҳодиҳиро ба миён меоварад.

Бинобар ин, дуруст дарк кардани “инноватсия” аз “инноватсияи бонкӣ” зарур буда, яке аз дигаре бо хусусиятҳои алоҳидаи худ фарқ мекунанд (расми 1).




**Расми 1.1. Мафҳуми инноватсияи бонкӣ**

**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф

Дар таҷрибаи рушди низоми бонкӣ аз ҳама афзалияти бештаре, ки бевосита бонкҳоро ба ҳадафҳои стратегии худ мерасонад, инноватсияи бонкӣ мебошад ва он ҳамчун раванди мураккаб технологияҳои нав ва амалиётҳои навкардашударо дар ҳамин замина инъикос менамояд. Илова бар ин, он ҳамчун омили гурӯҳӣ ва мақсаднок мебошад. Ҳамчун инноватсияи бонкӣ, ки он бо низоми пардохтӣ асос ёфтааст, дигар олимон чунин назар доранд, ки “...низоми пардохтии ғайринақдии имрӯза (бонк - нуқтаи пардохт - шакли пардохт) дар асри XX-ум пайдо шуда, марҳила ба марҳила то ба имрӯз такмил ёфта истодааст” [80, с.7]. Олими ватанӣ Шариф Раҳимзода бошад, инноватсияро дар муҳити низоми пардохт ё ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ чунин шарҳ додааст, ки “низоми пардохтӣ ин ташкили маркази

ҳисоббаробаркунӣ, муайян намудани тартибу қоидаҳои ҳисоббаробаркунии байни бонкҳо, байни ширкатҳо, байни онҳою одамони алоҳида ва давлатро дар бар мегирад" [77, с.99].

Тавре дар рисолаи худ А.В. Муравёва "...инноватсияи бонкиро маҳсулоти нави бонкӣ меномад, ки натиҷаи ниҳоии фаъолияти инноватсионӣ мебошад" [128, с.12]. Ин ба он маъно изҳор карда мешавад, ки бахши бонкӣ бо инноватсия пайвастагии бевоситаи зич дошта, он дар ташкили хизматрасониҳо ва маҳсулоти нави бонкӣ низ саҳмгузор аст. Дар шароити муосири ҷаҳонишавӣ дар баланд бардоштани сифати хизматрасонӣ дар бонкҳо ва самаранок истифода намудани дороиҳои бонкӣ нақши инноватсия муҳим мебошад.

"...Дар адабиёти иқтисодӣ дар баробари истилоҳи «инноватсия» истилоҳи «навоварӣ» васеъ истифода мешавад. Дар назари аввал, ҳарду категория ба ҳам монанданд, аммо бо вуҷуди ин онҳо аз рӯйи маъно каме фарқ мекунанд. Масалан, баъзе муҳаққиқон навовариро «натиҷаи расмишудаи таҳқиқоти фундаменталӣ» ва инноватсияро «натиҷаи ниҳоии ҷорӣ намудани навоварӣ бо мақсади тағйир додани объекти идоракунӣ ва ба даст овардани самараи иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва дигар намудҳо» мешуморанд" [76].

Муҳити технологияҳои рақамӣ ба ташкилотҳои қарзӣ имкониятҳои зиёдеро фароҳам оварда, ба дастрасии муштариён ба маҳсулот ва хизматҳои молиявӣ мусоидат мекунад. Бинобар ин, бонкҳо кӯшиш ба харҷ медиҳанд, то нисбат ба дигар рақибон аввалин шуда, инноватсияҳоро ҷорӣ намоянд.

Бартарии асосие, ки ба онҳо имкон медиҳанд, то дар назди дигар муассисаҳои қарзӣ мавқеи муҳим дошта бошанд, ин сари вақт аз ҷараёнҳои навоварӣ бохабар будан ва худро ба он зуд мутобиқ гардонидан аст. Ин боиси ҳалли мушкилоти мушаххасе мегардад, ки дар вақти фаъолият вобаста ба нав шудани талаботи технологӣ ба вуҷуд меоянд.

Тавре ки муҳаққиқи ҷавон И.Қ. Аҳадов дар кори таҳқиқотии худ қайд менамояд: "...ҷалби маблағҳои иловагӣ ва афзудани ҳаҷми қарзҳо

ташкилотҳои қарзии молиявиро маҷбур сохт, ки аз амалиётҳои нави технологияҳои электронии молиявӣ васеъ истифода бурда, кӯшиш ба харҷ диҳанд, то роҳҳои ҷадиди ҷалби сармояро дарёфта, тавассути он ҷойгиркунӣ ва ҳаракати маблағҳои пулии бадастоварда пайдо намоянд” [118, с.17].

“...Бо вуҷуди ин, воқеияти муосир аҳаммияти бузурги инноватсияро аз нигоҳи таъсири онҳо ба равандҳои манфии динамикӣ дар тамоми соҳаҳои ҷомеа нишон медиҳад, ки инноватсия рушди технологияҳоро барои баланд бардоштани сатҳ ва сифати онҳо ҳавасманд мекунад” [83, с.32].

“...Гузариш ба иқтисодиёти рақамӣ пайваста боиси кам шудани шуъбаҳо ва мутаносибан кам шудани шумораи кормандони бонкҳо мегардад, зеро акнун қисме аз амалиёти бонкӣ фосилавӣ ва бо истифодаи барномаҳои компютерӣ анҷом дода мешаванд. Бинобар ин, бонкҳои ватаниро зарур аст, ки аз ҳоло ба ин тағйирот омодагӣ гиранд” [125, с.48].

Л.В. Кох қайд менамояд, ки “...Инноватсияи бонкӣ на танҳо эҷод ва татбиқи маҳсулоти нав, балки васеъ кардани номгӯи хизматрасониҳои пешниҳодшаванда, истифодаи технологияҳои муосири инфокоммуникатсионӣ мебошад, ки барои мизоҷони бонк имкониятҳои беназирро барои гирифтани хизматрасониҳои бонкӣ фароҳам меорад” [67, с.24]. Ҳамин нуқтаи назарро Л.В. Зубченко [108], Н.В. Маренков [69], М.К. Спружевникова [106], Ш.Ш. Вализода [89], Н.Г. Исаков [91], Н. Комилов [92], С.А. Қурбонова [93] ва дигарон дастгирӣ намудаанд.

Ташкилотҳои қарзӣ барои ҷалб ва ба даст овардани боварии муштариён номгӯи хизматрасониҳои худро гуногун намуда, танҳо ба хизматҳои анъанавӣ қаноат намекунад, балки баҳри хизматрасониҳои нав кӯшиш ба харҷ медиҳанд. Бинобар ин, иваз намудани тартиби гузаронидани хизматрасониҳо ва усулҳои хизматрасонӣ, афзоиши шумора ва васеъ намудани доираи истифодаи онҳо ба манфиати иқтисодии бонк буда метавонад. Аз ин рӯ, сиёсати навовариҳо яке аз омилҳои асосии фаъолияти бомуваффақияти бонкӣ ба ҳисоб меравад ва инро аз рӯйи нишондиҳандаҳои бонкӣ муайян намудан мумкин аст.

Дар асоси хулосаҳои тадқиқоти маҷмуии терминологӣ, ки дар асарҳои иқтисодчиён В.Л. Попова [74], Д.М. Степаненко [110], [109] Р.А. Фатхутдинова [75] ва Г.А. Ярина [134, 44] ҳамчунин, А.Н. Азрилиян [62], “...характеристикаи «навоварӣ» ҳамчун навоварии рушдёбанда ва такмилшаванда муфассал баён карда шуда, навоварии татбиқшуда, натиҷаи меҳнати фикрӣ, ҷорӣ намудани маҷмуи донишҳои нав, ки ба он самараи мусбат бахшида, пешрафти иҷтимоию иқтисодиро таъмин менамояд [62].

Ҷорӣ намудани навоварӣ дар низоми бонкӣ маънои онро надорад, ки танҳо амалиётҳои бонкии нав ба амал бароварда шаванд, балки метавонад хизматрасониҳои қаблии бонкиро тағйир додан ва бо усули нав ба мизоҷон пешниҳод намудан низ ба он дохил мешавад.

Дар натиҷаи таҳлил намудани мафҳуми “инноватсия” ва “инноватсияи бонкӣ”, инчунин, таҳлил намудани ақидаи муаллифон доир ба ин мафҳумҳо имкон фароҳам омад, ки таърифи муаллифии худро дар бораи мафҳумҳои дар боло зикргардида иброз намоем.

Бинобар ин, мафҳуми “инноватсия“ - ро дар сатҳи арзёбиҳои илмӣ метавон аз ду нуқтаи назар мавриди арзёбӣ қарор дод. Якум, инноватсия ин қобилияти ҷорисозии навоварӣ дар соҳаи истеҳсолот ва идоракунӣ фаҳмида мешавад. Дуюм, инноватсия дар соҳаи низоми бонкӣ вобаста ба истифодаи технологияҳои рақамӣ ва тағйироти нав дар маҳсулот ва хизматрасонии бонкӣ, ки натиҷаи он расонидани хизмат ба мизоҷон ва дарки он осон гардида, таваҷҷуҳи онҳоро ба худ ҷалб менамояд ва доираи истифодабарандагони онро зиёд мегардонад.

Дар аксари кишварҳои дунё хизматрасониҳои бонкӣ аз вазъияти иқтисодӣ ва гуногунии муносибатҳои он, шароити иҷтимоию сиёсӣ, хусусиятҳои қонунгузорӣ ва дигар омилҳои ба он таъсиррасон вобаста мебошад. Инчунин, тибқи хизматрасонии бонкӣ ва гурӯҳбандии хусусиятҳои он ё хосияти навоварӣ доштанаш рақобати бонкӣ дар фаъолияти бонкӣ мушаххас карда мешавад.

Дар ин миён, навовариҳои бонкиро барои дуруст ва осон дарк намудан ба гурӯҳбандӣ ҷудо кардан мувофиқи мақсад буда, шаклу хусусият ва сабаби пайдоиш ва натиҷаи онро аниқ мегардонад (расми 2).




**Расми 1.2.** Гурӯҳбандии навоварии бонкӣ
**Сарчаша:** Таҳияи муаллиф дар асоси адабиёти соҳавӣ

Тавре аз рӯйи расм дидан мумкин аст, навовариҳои бонкиро ба гурӯҳҳои алоҳида вобаста ба доираи истифода, пайдоиши навоварӣ, сабаби пайдоиш ва натиҷаи он ҷудо намудан мумкин аст, ки ҳар яке ба худ хусусияти алоҳидаеро дорост. Донистани ин барои фарқ кардани навоварии бонкӣ аз навовариҳои дигар соҳаҳои иқтисодӣ муҳим ба ҳисоб меравад.

Мақсади таҳқиқот аз он иборат аст, ки арзёбии масъалаи назариявии инноватсияи бонкӣ дуруст ба роҳ монда шуда, назарияи олимони соҳа дар ин бора мавриди омӯзиш қарор гирад. Зарурат ва механизмҳои дарки тафриқабандии инноватсия аз рӯйи меъёрҳои гурӯҳӣ омӯзиши амиқи масъаларо ба миён оварда, равишҳои гуногуни илмӣ ва методии омӯзиш ва роҳҳои ҷорисозиро дар бар мегирад. Вобаста ба зарурати ҷойдошта дар

шароити имрӯза пай бурдан мумкин аст, ки инноватсия ва истифодаи он яке аз омилҳои калидие маҳсуб меёбанд, ки дар он пешбурди соҳаҳои алоҳидаи иқтисодӣ ва иҷтимоӣ имконпазир мегарданд.

Пеш аз ҳама, дар ҷомеаи имрӯза ҷалби воситаҳои муваққатан озод дар бонкҳо барои таъмини сарчашмаи маблағгузории тамоми соҳаҳои иқтисодӣ зарур буда, барои ҳалли ин масъала кор гирифтан аз навовариҳо ва истифодаи самараноки онҳо саривақтӣ ба ҳисоб меравад. Зеро, сармоягузорон, аз ҷумла мизоҷони бонкҳоро танҳо тавассути навовариҳо дар самти хизматрасониҳо ҷалб намудан мумкин аст.

Яке аз сабабҳои гузаштан ба раванди инноватсионӣ ва ё ҷорӣ намудани инноватсия дар бонк ин ба талаботи муштариён ва истифодабарандагони хизматрасониҳо мутобиқ намудани маҳсулоти бонкӣ ба шумор меравад. Инчунин, дар баробари талабот таъсири таконҳои технологӣ низ ба қабули раванди инноватсионӣ дар тамоми соҳаҳои афзалиятноки иқтисодиёт назаррас буда, онҳоро маҷбур месозад, ки аз технологияҳои рақамӣ васеъ истифода намоянд ва аз раванди ҷаҳонишавӣ қафо намонанд.

**Хулосаи параграф**

Дар сатҳи арзёбиҳои амиқ ва мушаххаси илмӣ дар самти истифодаи инноватсия равишҳои назариявӣ ва методӣ мавриди баррасӣ қарор гирифта, алоқамандӣ ва аз ҳам вобаста будани он бо низоми молиявию бонкии кишвар муайян гардид. Дар ин робита, сатҳи ҷудонопазирии инноватсия аз низоми бонкӣ бояд як масъалаи асосӣ ва доманадор бошад.

Аз ин рӯ, вобаста ба таҳқиқоти анҷомгардида масъалаҳои зерин мавриди омӯзиш қарор гирифтанд ва дар ин асос пешниҳодҳои дахлдор манзур гардиданд:

– дар доираи равишҳои нави бо технологияҳои ҳозиразамон алоқаманд низоми содакардашудаи инноватсионӣ ҳамчун ҳадаф мавриди баррасӣ қарор гирифта, дар он талаботи аҳолӣ дар шакли самаранок ва дастрас қонеъ карда шавад ва имконпазирии он дар Тоҷикистон пешниҳод гардад;

– вобаста ба равишҳои илмӣ-назариявӣ навовариҳои бонкӣ мавриди омӯзиш қарор дода шуда, унсурҳои нави таркибии он ба шароити замони имрӯзаи иқтисоди бозорӣ мутобиқ карда шавад;

– аз нуқтаи назари илмӣ ва амалӣ, навоварӣ ва навоварии бонкӣ дуруст муайян карда шуда, дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ низ он бояд дуруст таъриф гардад;

– стратегияи роҳбарияти бонк оид ба татбиқи навоварӣ баҳри рақобатпазир гардидани низоми молиявию бонкӣ дар роҳи фаъолиятҳои устувор дар сатҳи зарурӣ мушаххас карда шавад.

## 1.2. Хусусият ва вазифаҳои навовариҳои бонкӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт

Бо дигаргуншавии босуръати тамоюлҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ, молиявӣ дар ҳамбастагӣ бо тамоми соҳаҳо, махсусан соҳаи бонкӣ, инноватсия ва истифодаи он яке аз афзорҳои муҳим маҳсуб ёфта, дар навбати худ, сабаби пешрафти тамоми соҳаҳои муҳимми иқтисодиёти миллӣ ба шумор меравад. Дар айни замон агар тамоми даавлатҳо барои татбиқи иқтисодиёти рақамӣ талош варзанд, низоми бонкӣ дар шароити имрӯза яке аз пешсафон ва татбиққунандагони иқтисодиёти рақамӣ маҳсуб меёбанд. Зеро истифодаи амалиётҳои бидуни пули накд тавассути технологияҳои рақамӣ ба он боис мегардад, ки дигар соҳаҳои марбуд ба ин равиш барои ҳамкорӣ бо бонкҳо ба таври маҷбурӣ ба технологияҳои рақамӣ гузаранд.

Аз ин рӯ, нақши инноватсия натанҳо дар рушди бахши бонкӣ, балки ба ғайр аз бонк ба муштариён, соҳаҳои дигари иқтисодиёт ва дар умум, ба иқтисодиёти миллӣ бузург аст. Аз тарафи дигар, навовариҳо ба иқтисодиёт имкон медиҳанд, ки проблемаҳои зиёд, аз қабили гардиши сусти воситаҳои молиявӣ ва бозорӣ ҳал карда шавад. Бинобар ин, низоми бонкиро зарур аст, ки ҳамеша аз пайи дарёфти навовариҳо шуда, дар самти рушди иқтисодиёт ва қонеъ намудани талаботи истеъмолкунандагони хизматрасониҳои бонкӣ кӯшишҳои беандоза намояд. Истифодаи инноватсия дар низоми имрӯзаи

бонкдорӣ бештар аз ҳама бо равишҳои нави илмӣ, махсусан технологияҳои муосир дар низоми пардохтӣ баҳо дода мешавад.

Дар ин робита “...яке аз самтҳои асосии танзими бозори хизматрасониҳои бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар марҳалаҳои муайян рушд додани он истифодаи усулҳои инноватсионӣ мебошад. Дар шароити муосир инноватсия ба офаридан ва қонеъ кардани талаботи нав нигаронида шуда, омили асосии рушди бозори хизматрасониҳои бонкӣ мебошад, зеро аз бонк иқтидори муайяни эҷодӣ ва сармоягузориро талаб менамояд” [125, с.112].

Дар айни замон, новобаста ба вуҷуд доштани амалиёт ва хизматрасониҳои қаблӣ дар пешрафти бонк, ҳамоно инновасия метавонад ба сифати як омили асосӣ дар ба ҳадаф расидани бонку ташкилотҳои қарзӣ вобаста ба гирифтани даромад, рақобатпазир ва пардохтпазир будан мусоидати ҳаматарафа намоянд.

“...Бонки миллии Тоҷикистон барои татбиқи навовариҳо дар низоми пардохтҳои чакана шароити мусоид муҳайё намуда, дар ин самт бо тарафҳои манфиатдор ва пешниҳодкунандагони хизматрасониҳои пардохт ҳамкорӣ менамояд. Нақшаи чорабиниҳо ҷиҳати зиёд намудани ҳиссаи ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ, танзим ва коҳиш додани муомилоти пули нақд дар амалиёти тиҷоратӣ, хариду фурӯши маҳсулот ва хизматгузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, қадами нахустин барои гузариш аз муомилоти пули нақд ба воситаҳои пардохтии ғайринақдии электронӣ мебошад” [5, с.15].

Дар мушаххасоти ҳадафҳои низоми бонкӣ вобаста ба ҷоринамоии инноватсия ва истифодаи васеи он бештар аз ҳама ҳадафи афзоиши доимии ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ ва кам намудани талабот ба пули нақдро пай бурдан мумкин аст. Зеро ҳадафи асосии низоми инноватсионӣ дар самти амалиёт ва хизматрасониҳои бонкӣ тақвияти ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ мебошад.

Дар алоқамандӣ бо низоми инноватсионӣ тавре аз сарчашмаҳо бармеояд, “...трансформатсияи рақамӣ ва рушди бозори бонкӣ, аз ҷумла,

бозори пардохт дар маҷмуъ ҷузъи ҷудонашавандаи ноил шудан ба рақобатпазирии глобалии иқтисодиёти кишвар мебошад. Бахши молиявӣ яке аз соҳаҳои калидӣ мебошад, ки технологияҳои рақамӣ ва инноватсияҳоро фаъолона истифода мебарад. Хизматҳои молиявӣ табиатан бо қобилияти истифодаи инфрасохтори IT ва қарорҳои рақамӣ алоқаманд аст" [30].

Илова ба ин, бо равишҳои дигар чунин ишора шудааст, ки "...тағйироти ҷорӣ дар ташкили муомилоти пулӣ, ки дар навбати аввал бо пайдоиши пулҳои электронӣ ва гузаронидани амалиёти ҳисоббаробаркунӣ дар шабакаи интернет алоқаманданд, баъзе унсурҳои "озодӣ"-ро дар бонкдорӣ ворид мекунанд. Аз ин рӯ, баъзе иқтисодшиносон минбаъд кам шудани нақши бонкҳои миллиро дар ташкили муомилоти пулӣ дар ҳама кишварҳо пешгӯйӣ мекунанд. Чунин муқарраротро Б. Фридман, Б. Коэн, М. Кинг ва О. Иссинг бо овардани як қатор далелҳои зерин иброз медоранд" [34]:

- "...истифодаи аз ҳад зиёди пулҳои рақамӣ боиси пайдо шудани пулҳои ба ном хусусӣ мегардад, ки онҳо метавонанд берун аз назорати бонки марказӣ гардиш кунанд" [34];
- "...рушди технологияҳои компютерӣ метавонад ба ташаккули низоми ҳисоббаробаркунии хусусии электронӣ, ки аз ҷониби ташкилотҳои ғайрибонкӣ бароварда мешаванд, таъсир расонад" [34];
- "...истифодаи васеи пулҳои рақамӣ васеъ ба он оварда мерасонад, ки бонки марказӣ дар ҷомеа мавқеи муайянро аз даст медиҳад, танҳо ҳисоббаробаркуниҳои дуҷониба байни эмитентҳои пули электронӣ амалӣ мешаванд" [34];
- "...мукофоти эмиссионӣ ҳамчун ҳавасмандии ҷиддӣ барои рушди пулҳои рақамӣ баромад хоҳад кард"[34].

Дар робита ба пешниҳодҳои мазкур ҳаминро қайд кардан зарур аст, ки яке аз механизмҳои дигари низоми инноватсионӣ дар самти низоми пулию бонкӣ ин истифодаи васеи пулҳои электронӣ, асъори рақамӣ ва дигар амалиётҳои маҷозии бонкӣ мебошад.

Гурӯҳбандии навовариҳои бонкӣ имкон медиҳад, ки аз рӯйи намудҳои он стратегияи инноватсионӣ муайян карда шуда, роҳҳои расидан ба ҳадафҳои стратегӣ муайян ва вазифагузориҳо дуруст интихоб гарданд. Аз рӯйи чунин тамоил тафриқабандии равишҳои инноватсионӣ дар муҳити низоми бонкӣ ба таври бояду шояд муайян мегарданд, ки онро ҷадвали 1.2 пурра дар бар мегирад (нигар ба ҷадвали 1.2).

**Ҷадвали 1.2. Гурӯҳбандии навовариҳо дар сатҳи низоми бонкӣ**

| НИШОНАҲОИ ГУРӮҲБАНДӢ | НОМГӮЙИ НАВОВАРИҲО | ТАФСИРИ КӮТОҲ |
|---|---|---|
| 1. Аз рӯйи вақт | а) амалиётӣ (ҷорӣ, кӯтоҳмуддат);<br>б) ояндадор (дарозмуддат) | “...Инноватсияҳои олӣ бори аввал дар бахши бонкӣ истифода мешаванд;<br>**нав:** аллакай, дар дигар бонкҳо истифода шудаанд, вале бори аввал дар як ташкилоти қарзӣ мушаххас истифода мешавад;<br>**амалиётӣ**: шаклҳои мушаххаси татбиқи стратегияи инноватсионии интихобшуда таҳия карда мешаванд;<br>**самти ояндадор** барои дар оянда ба даст овардани натиҷаи мушаххас нигаронида шудаанд” [71, с.19]. |
| 2. Бо сабабҳои пайдоиш | а) стратегӣ;<br>б) реактивӣ | **“...Навовариҳои стратегӣ** асосан ба пешгӯии зарурати дигаргунсозии инноватсионӣ нигаронида шудаанд, ки ҳадафи асосии онҳо дар оянда ба даст овардани бартариҳои муайяни рақобатӣ мебошад [71, с.19].<br>**Навовариҳои реактивӣ** ба стратегияи ба истилоҳ мудофиавии бонк марбутанд, ки онҳо ба мондани ташкилоти қарзӣ дар бозор нигаронида шудаанд ва асосан вокуниш ба навовариҳои бонкии рақиб мебошанд; Дар ин ҳолат, бонк маҷбур аст, ки фаъолияти инноватсиониро барои таъмин мондани худ дар мубориза рақобатӣ дар бозор анҷом диҳад”. |

*Идомаи ҷадвали 1.2.*

| | | |
|---|---|---|
| 3. Аз рӯйи ҳаҷми таъсир | а) нуқтавӣ;<br>б) системавӣ | **“...Наворариҳои нуқтавӣ** дар ҳолати мушаххаси такмил додани технология дар соҳаи алоҳидаи кор ба амал меоянд.<br>**Наворариҳои системавӣ** тағйиротро дар тамоми сохтори муносибатҳои истеҳсолӣ муайян мекунанд” [71, с.19]. |
| 4. Вобаста ба доираи амалӣ гардондани инноватсия дар бонк | а) технологияҳои иттилоотӣ;<br>б) маҳсулотӣ;<br>в) ташкилӣ | **“...Навовариҳои технологияҳои иттилоотӣ** инноватсияҳоеро дар бар мегиранд, ки бо истифода аз усулҳои муосири қабул, коркард, нигоҳдорӣ ва интиқоли иттилоот сохта шудаанд: интиқоли пули ғайринакдӣ, кортҳои пластикии бонкӣ, тамоми маҷмуи хизматрасониҳо бо истифода аз Интернет ва ғайра” [88, с.106].<br>**“...Навовариҳои маҳсулотӣ** маҳсулоти нави бонкӣ мебошанд, ки метавонанд бо онҳо алоқаманд бошанд, чунон ки бо амалиёти нав ва бо амалиёти анъанавӣ дар давраи инкишоф ва дигаргунсозии онҳо. Ҳамин тариқ, кортҳои бонкии магнитии анъанавӣ тадриҷан ба кортҳои “чип” табдил ёфтанд”.<br>**“...Навовариҳои ташкилию иқтисодӣ** шарти зарурии татбиқи худи инноватсияҳо, инчунин, асоси татбиқи самараноки сиёсати инноватсионӣ дар соҳаи тавлиди маҳсулот ва технологияҳои нави бонкӣ мебошанд” [88, с.106]. |
| 5. Бо таъсири моли нав ба рафтори истеъмолкунанда | а) мутобиқшавӣ;<br><br><br><br>б) функсионалӣ;<br><br><br><br>в) фундаменталӣ | **“...Навоварии мутобиқшавӣ** тағйироти ҳадди ақалро ба маҳсулот ё хидмат барои дароз кардани давраи зиндагии он, бидуни тағйир додани рафтор ва афзалиятҳои истеъмолкунанда дар бар мегирад [98, с. 49].<br>**Навовариҳои функсионалӣ** нигоҳ доштани функсияҳои маҳсулот ё хидмат, эҳтимолан тағир додани хусусияти татбиқи онро дар бар мегирад. Ба қаноатмандии беҳтари муштариён мусоидат мекунад. Дар баробари ин, истеъмолкунанда афзалият ва одатҳои худро тағйир медиҳад.<br>**“...Инноватсияи фундаметалӣ.** Он татбиқи идеяи комилан нав, консепсияи тиҷоратиро дар бар мегирад, ки дар натиҷа, сифатҳои нави функсионалии қаблан номаълум ба вуҷуд меоянд. Ба қонеъ гардонидани он эҳтиёҷоте, ки ба қадри кофӣ қонеъ карда нашудаанд ё қаблан бинобар набудани онҳо қонеъ карда нашуда буданд, мусоидат мекунад. Ин намунаи пайдоиши форфейтинг мебошад”[69, с.49]. |

**Сарчашма:** [68.49].

Дар навбати худ ҳар яке масъалаҳои мубрам дар арзёбии инноватсия ба зергурӯҳҳо тақсим намудани он мебошад, ки онҳо бо хусусиятҳои худ аз ҳамдигар фарқ намуда, хосияти асосии навовариро пурра мегардонанд. Дар робита бо асоснокшавии ин масъала гуфта шудааст, ки "...бозори хизматрасониҳои бонкӣ механизме мебошад, ки дар асоси коркард, роҳандозӣ ва истифодаи маҳсулотҳои нав фаъолият намуда, фишанги татбиққунандаи амалиёти бонкӣ дар иқтисодиёт мебошад" [130, с.21].

Ташкилотҳои қарзӣ ҳамеша кӯшиш менамоянд, ки дар аввал навовариҳои худро эҷод намуда, аз он истифода намоянд, чунки дар ин ҳолат нисбат ба дигар рақибон пешдастӣ намуда, фоидаи дилхоҳро ба даст меоранд. Дар ҳолати дигар онҳо ба сабаби надоштани навоварии шахсӣ ва ё дохилӣ аз хизматрасониҳои нави ташкилотҳои дигар истифода менамоянд. Ё ин ки барои коркард, татбиқ ва истифодаи навоварӣ дар ташкилоти қарзӣ, пеш аз ҳама, захираҳои дохилӣ лозим буда, дар ҳолати коркарди бобарор бонк метавонад афзалиятҳои муайянеро дар байни рақибон соҳиб гардад.

Инчунин, гуфтан мумкин аст, ки ҷониби ташкилотҳои қарзӣ ҳангоми пешниҳоди хизматрасониҳои нави бонкӣ ба навовариҳое, ки дигар ташкилотҳои қарзӣ аллакай, истифода менамоянд, пайравӣ намоянд. Бинобар ин, навовариро ба ду гурӯҳ: инноватсияи тарафи дар доираи маҳорати кормандон бавуҷудомода ё такмил шудаанд ва инноватсияҳое, ки аз муҳити беруна ба вуҷуд омада такмил шудаанд, ҷудо мешавад. Ҳамаи ин навовариҳо дар фаъолият ҳангоми ба вуҷуд омадани талабот аз тарафи мизоҷон ва ташаббуси кормандони роҳбарикунандаи бонк барои беҳтаргардонии сатҳи рақобатпазирии бонк истифода мегарданд ва барои баланд бардоштани устувории бонк ба таври доимӣ мавриди пайгирӣ қарор мегиранд.

Дар низоми имрӯзаи бонкӣ асоси тақвияти инноватсия ва арзёбии он яке аз афзорҳои рушди иқтисодӣ маҳсуб ёфта, дар роҳҳои татбиқ ва чӣ тавр истифода гардидани он низ муҳим ва зарурӣ мебошад. Вобаста ба ин, дар сатҳи зарурӣ ва ҳадафманд татбиқ намудани технологияҳои рақамӣ дар соҳаи

низоми бонкӣ яке аз масъалаҳои муҳимест, ки онро бонкҳо дар тӯли фаъолияти худ аз соли 1991 то инҷониб таҷриба намудаанд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз самтҳои навоварии бонкӣ ин татбиқи низоми пардохтии ба технологияҳои ҳозиразамон асосёфта мебошад. Ин самт аз тарафи ҳукумати ҷумҳурӣ низ дастгирӣ ёфта истодааст ва дар тамоми низоми бонкӣ пардохтҳо ба таври ғайринақдӣ сурат гирифта, ин раванд дар пайи густариш қарор дорад. “...Вобаста ба ин якчанд санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба амал баровварда шудаанд, ки яке аз он “Стратегияи рушди низоми пардохти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2015-2025” [5, с.10] ба ҳисоб меравад. Тибқи ин стратегия ҳангоми муайян намудани самтҳои рушди низоми пардохти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сатҳи арзёбиҳои амалӣ ва босамаргардонии ин низом як қатор омилҳои мушобеҳ ба инобат гирифта шуда, манфиатҳои умумии рушди иқтисодиёти миллӣ ва сатҳи ҳамбастагии иҷтимоӣ ба инобат гирифта мешаванд. Дар робита ба ин, амсилаҳои гуногуни иҷтимоӣ дар муҳити низоми пардохтӣ бо равишҳои муайяни хизматрасониҳои инноватсионӣ амалӣ гардида, тақвияти минбаъдаи амалиётҳои маҷозӣ ҳамчун ҳадаф ба таври доимӣ боқӣ мемонад. Дар марҳалаи аввал шояд рушди технологияҳои нав, мавҷуд будани хавфҳо, нобоварии аҳолӣ ба истифодаи воситаҳои муосири пардохт ва ғайра ба инобат гирифта шуда, нисбати онҳо корбарӣ сурат гирад.

Баррасии амиқтари низоми пардохтро ҳамчун як шакли нави инноватсия ҳануз соли 1994 Г.И. Кравтсова чунин шарҳ дода буд, ки “...пардохти ғайринақдӣ ҳисоби пулие, ки бо роҳи гузаронидани маблағ аз ҳисоби пардохткунанда ба ҳисоби пардохтқабулкунанда ё бо роҳи ҳисоббаробаркунии байниҳамдигарӣ аз рӯйи уҳдадориҳо, яъне бидуни истифодаи пули нақд анҷом дода мешавад” [65, с.31], [99].

Омилҳои муайяншуда баҳри дар амал татбиқ гардидани мақсад ва ҳадафҳои стратегияҳои давлатӣ дар самти татбиқ ва рушди низоми пардохт заминагузор гардида, метавонад дар баъзе ҳолат сабаби монеаи пешрафти ин масъала бошад. Бинобар ин, омӯхтани ин масъалаҳои зикргардида ва ҳалли

проблемаҳои вуҷуддошта муҳим ва саривақтӣ ба ҳисоб рафта, дар натиҷаи он имконияти истифодаи иқтидори мақомотҳои дахлдор ба вуҷуд меояд.

Дар марҳалаҳои аввал ба таври афзоянда рушд додани бозори хизматрасониҳои бонкӣ шояд аз бисёр омилҳо вобаста бошад, ки метавонанд ҳам таъсири мусбат ва ҳам таъсири манфӣ расонанд, вобастагии беандоза дорад. Яке аз омилҳои асосие, ки ба фаъолияти бонк таъсири назаррас дорад, афзоиш додани шумораи хизматрасониҳои бонк ва ё васеъ намудани доираи истифодаи ин хизматрасониҳо ба ҳисоб меравад.

Дар баробари иқтидори захираҳо ва мутахассисони варзидаи соҳавӣ дар пешбурди фаъолияти бонкӣ омилҳои дигаре низ ҷой доранд, ки онҳо бевосита ба муваффақиятҳои рушди бонк мусоидати ҳаматарафа менамоянд. Дар ин робита инноватсияи бонкӣ бо таркибёбӣ аз технологияҳои рақамӣ ҳамчун омили асосии рушд маҳсуб меёбад.

Ба вуҷуди ин, дар рафти татбиқи инноватсияи бонкӣ хавфҳое мавҷуданд, ки ба рушди пешрафти он монеа эҷод мекунанд. Ба ин мисол шуда метавонад, паст будани суръати интернет, сари вақт расонида натавонистани хизматрасониҳои электронӣ, сари вақт интиқол наёфтани маблағҳои фиристодашуда, ҳуҷумҳои хакерӣ ва ғайра. Дар ин ҳолат гузаронидани мониторинги хавф муҳим буда, барои баланд бардоштани сифати хизматрасонӣ зарур ва саривақтӣ ба ҳисоб меравад.

Дар баробари истифодаи технологияҳои иттилоотӣ баҳри пешрафти фаъолияти бонкӣ тақвият додани низоми инноватсионии идоракунии ташкилоти қарзӣ низ лозим аст, зеро татбиқи аксари навовариҳои соҳа ба идоракунии босалоҳият ва оқилона вобаста аст.

Дар ин асос гуфтан зарур аст, ки барои навоварӣ намудан дар сохтори идоракунӣ, пеш аз ҳама, таъсис додани сохторҳои нави ташкилӣ зарур буда, самаранокии фаъолияти бонкҳоро аз рӯйи тавсеаи оқилонаи онҳо таъмин намудан мумкин аст. Агар дар марҳалаи аввали фаъолият дар бозори бонкӣ фаъолияти бонкҳои алоҳида ва дигар ташкилотҳои қарзии ғайрибонкӣ хуб ба роҳ монда шавад, дар ин сурат сифати хизматрасониҳо ва

самаранокии онҳо дар сатҳи зарурӣ таъмин мегардад. Чунин ҳолат дар иқтисодиёти имрӯза ба пешрафтҳои назарраси инноватсионӣ асос меёбад.

Дар таҷриба ҳангоми баррасии масъала ва муайян намудани имконоту иқтидори он бояд зарурати ҷорисозии инноватсия ва ба таври ҳамзамон, гурӯҳбандии он имконияти навро фароҳам меоварад. Аз ин хотир, гурӯҳбандии инноватсия аз ҷузъҳои зерин иборат аст (нигаред ба расми 1.3).




**Расми 1.3. Гурӯҳбандии мақсадҳои инноватсияи бонкӣ**
**Сарчашма:** таҳияи муаллиф дар асоси адабиёти соҳавӣ

Тибқи маълумоти дар расм овардашуда, мақсадҳои инноватсияи бонкӣ гуногун буда, баҳри дар амал татбиқ намудани инноватсия дар соҳаи молиявӣ зарур мебошад. Яъне, мақсадҳои асосии инноватсия аз ҷорӣ намудани хизматҳо ё маҳсулоти нави бонкӣ, рақобатпазир намудани бонк дар бозори бонкӣ, қонеъ намудани мизоҷон ва ҷалби бештари онҳо иборат мебошад.

Дар ин асос, Ҷумҳурии Тоҷикистон низ баҳри қафо намондан аз иқтисодиёти ҷаҳонӣ неруи худро ба татбиқи инноватсия дар иқтисоди миллӣ

равона намудааст. Дар муҳити инноватсия истифодаи васеи воситаҳои электронии пардохт ва дигар замимабарномаҳои фосилавӣ дар муқоиса бо дигар шаклҳои анъанавии амалиёт ва хизматрасониҳои бонкӣ бартарӣ ва афзалият дорад.

Яке аз самтҳое, ки дар ташкилотҳои қарзӣ ба навоварӣ бештар ниёз дорад ва таваҷҷуҳи тамоми масъулон низ ба он равона карда шудааст, ин низоми пардохт ва ҳисоббаробаркуниҳо мебошад. Чунки ҳангоми рушд бахшидан ба ин намуди хизматрасониҳо дар бонк таъсири мусбати он ба тамоми субъектҳои истифодабарандаи хизматрасониҳои бонкӣ мерасад, аз ҷумла ба муомилоти пулию молӣ дар иқтисодиёт низ бетаъсир намемонад.

Новобаста ба он ки тамоми сохторҳои иқтисодию молиявӣ тобеи давлат мебошанд, дар баробари истифодабарандагони амалиёт ва хизматрасониҳои бонкӣ - баробари шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ давлат низ яке аз фаъолон ва истифодабарандагони хизматрасониҳои фосилавии бонкӣ мебошад.

Бинобар ин, махсусан барои вусъат бахшидан ба ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор санадҳои муҳим, аз қабили “...Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи тадбирҳои вусъат додани ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ”, Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба тадбирҳои вусъат додани ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ, Стратегияи рушди низоми пардохти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2015-2025 (Қарори Ҳукумати ҶТ аз 27.08.2021, таҳти №340) ба имзо расиданд, ки барои пешрафт ва рушд додани ин самт муҳим ва саривақтӣ ба ҳисоб меравад” [36].

Дар илова бо ин, боз як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқии дигар “...барои тақвият бахшидан дар самти фаъолияти низомҳои пардохт ва ҳисоббаробаркуниҳоро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон заминаи ҳуқуқӣ лозим мегардад, ки он дар асоси Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон”, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи фаъолияти бонкӣ”, Қонуни Ҷумҳурии

Тоҷикистон “Дар бораи ташкилотҳои маблағгузории хурд”, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи имзои электронии рақамӣ”, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҳуҷҷати электронӣ” ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба танзим дароварда мешавад” [37].

“...Ба дарназардошти вазъи ҷории низоми пардохти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва омилҳои ба рушди минбаъдаи он таъсиррасонанда, Бонки миллии Тоҷикистон самтҳои зерини рушди низоми пардохти Ҷумҳурии Тоҷикистонро муайян намуд” [5]:

- “...такмил додани заминаи ҳуқуқӣ бо мақсади бартараф намудани хавфҳое, ки ба низомҳои пардохт ва ҳисоббаробаркунию клирингии амалиёт бо коғазҳои қиматнок хос мебошанд” [5];

- “...иваз намудани низоми амалкунандаи пардохтии байнибонкии Бонки миллии Тоҷикистон ба Низоми муосири автоматишудаи байнибонкии интиқоли маблағ ва таъмини мувофиқати пурраи он ба принсипҳои инфрасохтори бозори молиявӣ” [5];

- “...ҳавасмандгардонӣ ва дастгирии раванди бехатару самаранок, пешниҳод намудани номгӯи васеи хизматрасониҳои электронии пардохтии чакана” [5];

- “...ҳамгироӣ намудани пардохтҳои давлатӣ бо низоми пардохти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади кам кардани истифодаи пули нақд ва татбиқи воситаҳои пардохти электронии дастрас ва даромаднок” [5];

- “...дастгирӣ кардани рушди бозорҳои молиявӣ бо роҳи татбиқ намудани низомҳои босамари ҳисоббаробаркунӣ бо коғазҳои қиматнок, ки ба стандартҳои байналмилалӣ ҷавобгӯ мебошанд” [5];

- “...такмилдиҳии бозори байнибонкии пул бо роҳи татбиқ намудани низомҳои савдои электронӣ, муқаррар намудани қоидаҳои мураттаб ва ривоҷ додани бахши таъминоти гарав” [5];

- “...таъмини саривақтии пешниҳоди маблағи интиқолҳои байналмилалӣ, ки ба стандартҳои маъмули байналмилалӣ ва таҷрибаи муосир ҷавобгӯ мебошанд” [5];

- “...рушди ҳамаҷониба ва самараноки сохтори назоратӣ, ки ҳамаи ҷанбаҳои дахлдори низоми пардохтии Ҷумҳурии Тоҷикистонро фаро мегирад”[5];

- “...таъмини ҳамкории судманд бо тарафҳои манфиатдори низоми пардохти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва бо дигар мақомоти дахлдор” [5].

Аз нуқтаи назари бонк ё ташкилоти молиявии хизматрасонанда, навовариҳои бонкӣ имконият ва шумораи хизматрасониҳоро зиёд менамояд, то расонидани он осон гардад. Аз дигар нуқтаи назар, яъне аз нуқтаи назари мизоҷ, навоварӣ шароит фароҳам меорад, то талаботҳои молиявӣ сари вақт қонеъ карда шаванд. Воқеан, бо рушди раванди технологияҳои инноватсионии бонкҳо, сатҳу сифати хизматрасониҳои молиявӣ низ афзоиш ёфта, аз тарафи дигар, бонкҳо дар зиёд кардани фурӯш аз хизматрасониҳои худ кӯшиш менамоянд.

Инноватсия дар низоми хизматрасониҳои бонкӣ дорои як қатор бартарӣ ва афзалиятҳо буда, он ба коҳиши сатҳи хароҷот, афзоиши раванди такрористеҳсол, баланд бардоштани ҳосилнокии меҳнат, сарфаи вақт ва дигар масъалаҳои муҳимми дигар замина фароҳам меоварад.

Дар шароити баланд гаридани сатҳи рақобат байни бонкҳо дар сатҳи дохил ва хориҷ зарурати баланд бардоштани сатҳи самаранокӣ ва таъмини бефосилаи пардохтӣ бо истифода аз технологияҳои рақамӣ бояд масъалаҳои зерин мавриди таваҷҷуҳ қарор гиранд:

• зеҳни сунъӣ;

• усулҳои биометрӣ;

• роботикунонӣ;

• чат-ботҳо;

• хадамоти абрӣ;

• платформаҳои навин;

• технологияҳои нави ҷамъоварӣ, коркард, нигоҳдории маълумот.

Бо вуҷуди он ки амалиёт ва хизматрасонии инноватсионӣ дар бозори бонкӣ васеъ истифода мегардад, инчунин, замина барои ташкили бонкҳои

инноватсионӣ фароҳам оварда шуда истодааст, аммо дар навбати худ, бонкҳои анъанавӣ низ бо амалиёти анъанавиашон мавқеи худро аз даст доданӣ нестанд. Яъне, дар баробари он бартарихое, ки дар хизматрасониҳои инноватсионӣ ба назар мерасад, дар низоми хизматрасониҳои анъанавӣ низ бартариятҳои зиёдеро дидан мумкин аст. Баръакси он, ҳар яке аз хизматрасониҳо, ҳам хизматрасонии инноватсионӣ ва ҳам хизматрасонии анъанавӣ аз камбудиҳо орӣ набуда, дар навбати худ, дорои норасоӣ ва камбудиҳои муайяне мебошанд (нигаред ба расми 1.4.).

Дар ҳақиқат, то ба як сатҳи муайян рушд намудани хизматрасонии инноватсионӣ аз хизматрасонии анъанавӣ низ истифода намудан ба манфиати кор мебошад. Зеро, баъзе аз амалиёти анъанавие, ки дар бозори бонкӣ амал менамоянд, ҳоло бо технологияҳои рақамӣ гузаронидани он ғайриимкон аст.




**Расми 1.4. Тарафҳои мусбату манфии амалиётҳои анъанавӣ ва инноватсионӣ**

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф

Аз рӯйи расми мазкур мушоҳида намудан мумкин аст, ки хизматрасониҳои анъанавӣ ва инноватсионӣ бартариҳои ба худ хосро дошта, аз тарафи дигар, камбудиҳову норасоиҳоро соҳиб мебошанд. Бартариятҳои амалиётҳои анъанавӣ дар он аст, ки корманди бонк бо мизоҷ рӯ ба рӯ суҳбат намуда, аз ҳолати равонии мизоҷ ва мақсади он огаҳ шуда, доир ба ин муштарӣ маълумотҳои дақиқ ва пурраро дастрас менамояд.

Камбудии амалиётҳои анъанавӣ дар он аст, ки раванди гузаронидани амалиёт ҳуҷҷатҳои зиёдро талаб намуда, вақти зиёди кормандони бонк ва мизоҷонро талаф мекунад. Инчунин, ин раванд ба навбатпойиҳои зиёд оварда расонида, дар натиҷа, талаботи муштариён низ сари вақт қонеъ гардонида намешавад.

Дар навбати худ, амалиётҳои инноватсионӣ, яъне амалиёт бо истифода аз технологияҳои иттилоотии рақамӣ низ дорои як қатор бартариҳо мебошад. Бартарии асосии ин намуди амалиёт аз он иборат аст, ки муштарӣ бе ҳозиршавӣ ба бонк бо истифода аз сарфаи вақт амалиёти заруриашро ба анҷом мерасонад. Аммо, бо вуҷуди ин бартариятҳо камбудиҳо низ дар ин намуди хизматрасонӣ дида мешавад. Бо муштарӣ рӯ ба рӯ суҳбат накарда, мақсади ӯро дуруст нафаҳмидан яке аз камбудии асосӣ ба ҳисоб меравад. Норасоиҳои дигар дар он аст, ки ҳангоми гузаронидани амалиёт метавонад камбудӣ ва ё хатоҳои техникӣ ба вуҷуд ояд. Инчунин, таҳдиди ҳуҷумҳои киберӣ ва истифодаи қаллобон аз имкониятҳои бадастомада масъалаи ҳалталаб ба ҳисоб меравад.

Вале, бо боварӣ гуфтан мумкин аст, ки дар ҳолати кӯшиши ҳамаҷонибаи шахсони масъул ин камбудиву норасоиҳо кам гардида, дар бозори бонкӣ бештар хизматрасонии инноватсионӣ рушд менамояд.

**Хулосаи параграф**

Вобаста ба баррасии равишҳои инноватсионӣ ва дар сатҳи зарурӣ баровардани хулосаҳои назаррас ба як қатор масъалаҳое аҳаммият додан зарур аст, ки онҳо ба шумораи мизоҷон ва истифодабарандагони ин хизматрасониҳо таъсир расонида метавонанд. Тақвияти бахши бонкӣ

метавонад таъсири мусбати худро ба дигар бахшҳои иқтисоди миллӣ расонад.

Барои боз ҳам тақвият бахшидани навовариҳо дар бахши бонкӣ аз чораҳои зарурии зерин истифода намудан мувофиқи мақсад мебошад:

- дар сатҳи бехатар ва самаранок афзоиш додани замимабарномаҳои электронии мобилӣ ва дар доираи ин баланд бардоштани имкониятҳои бефосилагии амалиёт ва хизматрасониҳо;

- ташкили платформаҳои махсуси давлатӣ ҷиҳати дар сатҳи мутамарказ анҷом додани тамоми амалиётҳо ва пардохтҳои давлатӣ ва ғайридавлатӣ;

- ташкили платформаҳои рақамӣ дар самти амалиётҳои электронӣ бо асъорҳои гуногуни хориҷӣ;

- истифодаи васеи пардохтҳо тавассути платформаҳои Apple Pay, Google Pay ва PayPal ба анҷом расонанд;

- барои содагардонии истифода аз пардохтҳои электронӣ истифодаи чатботҳо, ки ба бонкҳои имкониятҳои нисбатан содатари пардохтро медиҳад;
- барои таъмини амнияти пардохтҳо истифодаи усулҳои биометрӣ (шинохти чеҳра, сканери изи ангушт ва ғайра) барои идентификатсияи дурусти истифодабарандаи маҳсулот ва хизматрасонии бонкӣ ва ғ.

## 1.3. Раванди навовариҳо дар фаъолияти бонкӣ дар кишварҳои хориҷӣ

Таҳаввулоти бузург ва печидаи замони муосир ба сифати як воситаи муҳимми такондиҳандаи равандҳои иҷтимоию иқтисодии ҳар як давлати алоҳида ва пешрафта маҳсуб ёфта, дар он афзорҳои техникӣ ва технологӣ дар ҳама соҳаҳо, махсусан, низоми молиявию бонкии кишвар нақши калидӣ ва асосӣ доранд. Дар шароити имрӯза иқтисодиёти тамоми мамлакатҳои олам барои татбиқи пурраи иқтисодиёти рақамӣ талошҳои ҳамаҷонибаи худро ба харҷ дода истодаанд. Алалхусус, ташкилотҳои қарзӣ, ки яке аз зерсохторҳои муҳимми иқтисодиёти миллӣ ба ҳисоб меравsituации, баҳри татбиқи инноватсия

кӯшишҳои худро равона кардаанд. Ҳамаи тағйироти татбиқшуда дар самти инноватсия самаранокии фаъолияти онҳоро зиёд намуда, рақобати байниҳамдигариро дар бозори молиявӣ афзоиш медиҳанд.

Дар айни замон вобаста ба суръати баланди истифодаи технологияҳои рақамӣ бонкҳо ва дигар институтҳои молиявию қарзӣ истифодаи технологияҳои рақамиро дар расонидани хизмат ба мизоҷон афзал дониста, дар натиҷа, хароҷотҳои иловагиро дар самти хизматрасониҳо кам намуданд. Бинобар ин, бонкҳо кӯшиш менамоянд аз технологияҳои рақамии навтарин самаранок истифода бурда, доираи фаъолияти худро васеъ гардонанд. Дар ин миён, ҳавасмандии асосии бонкҳо барои он аст, ки бо истифода аз технологияҳои рақамӣ навовариҳоро дар самти хизматрасониҳо ба роҳ монда, муштариёни худро нигоҳ доранд.

Тавре аз сарчашмаҳо бармеояд "...талабот ва тағйироти имрӯза тақозо менамоянд, ки ташкилотҳои қарзӣ аз технологияҳои навини молиявӣ васеъ истифода бурда, кору хизматрасонии худро ҳангоми пешниҳоди хизматрасониҳо ба мизоҷон осон гардонанд. Таҷрибаи давлатҳои пешрафта дар самти низоми бонкӣ собит месозад, ки аксарияти пардохтҳо тавассути муомилоти ғайринақдӣ сурат мегиранд ва ин то як андоза дар паст кардани сатҳи хавфҳои ба захираҳои пулӣ ва пардохтпазирии бонкҳо таъсиррасон мусоидат мекунад" [118, 117].

Дар асоси истифодаи технологияҳои навини инноватсионӣ маҳсулотҳо ва хизматҳои куллан нав ба вуҷуд омада, ба муштарӣ имкон медиҳанд хизматҳое, ки қаблан бо ҳузури шахсии муштарӣ иҷро карда мешуд, минбаъд бе иштироки он дар шакли онлайн гузаранд.

"...Равандҳои ҷаҳонишавӣ барои зарурати таҷдиди фаъолияти тамоми низомҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ, аз ҷумла, муассисаҳои бонкӣ шароити объективиро ба вуҷуд меоранд. Дастоварди бузург дар ин самт васеъ шудани доираи хизматрасонии бонкии электронии пешниҳоднамудаи низом, шаклҳои гуногуни ташкилотҳои молиявӣ ва қарзӣ мебошад. Маҳз таҷдиди фаъолияти бонкӣ дар зери таъсири шадиди пешрафти илмӣ-техникӣ ва

равандҳои ҷаҳонишавӣ аз бонки марказӣ дида, нақши бонкҳои тиҷоратиро тадриҷан зиёд мекунад” [132, с.24].

Такмили истифода технологияҳои бонкӣ ва кор гирифтан аз навовариҳои он яке аз масъалаҳои ҳалталаб дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб рафта, дарёфт намудани роҳу усули муосири ин масъала дар мадди назари масъулони низоми бонкӣ қарор дорад. Ҳадафҳои асосии истифодаи инноватсияи бонкӣ ба баланд бардоштани сифат ва дастрасии хизматрасониҳои молиявӣ, баланд бардоштани рақобат ва навоварӣ дар бозори молиявӣ, инчунин, кам кардани хароҷот нигаронида шудааст. Тавре ба мо маълум аст, яке аз роҳҳои такмили инноватсия дар низоми бонкӣ ин самаранок истифода бурдан аз таҷрибаи хориҷӣ ба шумор меравад.

Дар ин раванд, Федератсияи Россия дар минтақа яке аз давлатҳои пешрафта аз ҷиҳати таҳия ва истифодаи инноватсия дар низоми бонкии худ ба ҳисоб меравад. Вобаста ба ин Бонки Россия баҳри амалисозии лоиҳаҳои инфрасохтори рақамӣ, ки ба баланд бардоштани сифат ва дастрасии хизматрасониҳои молиявӣ, рушди рақобат ва навоварӣ дар бозори молиявӣ ва кам кардани хароҷот равона шудаанд, кӯшиш ба харҷ медиҳад.

Таҳлилгарони McKinsey дар таҳқиқоти “Инноватсия дар Россия манбаи тамомнашавандаи рушд аст” навиштаанд, “Низоми бонкии Россия имкон дорад, ки яке аз пешрафтатарин дар ҷаҳон шавад”. Муаллифони гузориш дар уфуқ то соли 2030 дидгоҳи ҳадафманди бахши бонкии Россияро чунин пешниҳод мекунанд, ки рақамикунонӣ ба кам кардани хароҷоти бонкӣ 10-15% мусоидат мекунад. Технологияҳои бузурги маълумотҳо имкон медиҳанд, ки ҳангоми додани қарз ба мизоҷ то ҳадди имкон дақиқ арзёбӣ карда шавад ва инчунин, амалиёти бонкӣ дар як лаҳза анҷом дода мешавад. Ширкатҳои IT провайдерҳо хизматрасонии асосии молиявӣ ва рақибони бонкҳо хоҳанд шуд ва бонкҳои калон ба марказҳое табдил меёбанд, ки доираи васеи хизматрасониҳоро пешниҳод мекунанд [38.

“...Пардохтҳо бо истифода аз технологияҳои биометрӣ дар саросари ҷаҳон маъруфият пайдо мекунанд. Таҳқиқоти ширкати таҳлилии Juniper

Research нишон медиҳад, ки ҳаҷми ҷаҳонии пардохтҳо бо истифода аз маълумоти биометрӣ дар соли 2020 ба 404 миллиард доллари ИМА расидааст” [40].

Ин низом, яъне Низоми ягонаи биометрӣ яке аз лоиҳаҳои асосии инфрасохтори рақамӣ дар кишвар мебошад. Низом соли 2018 барои ҷамъоварӣ, нигоҳдорӣ, коркард ва истифодаи маълумоти шахсии биометрии шаҳрвандон ҳангоми пешниҳоди хидматҳои фосилавӣ таъсис дода шудааст. Вазифаҳои асосии Низоми ягонаи биометрӣ нигоҳдорӣ ва идоракунии мутамаркази маълумоти биометрӣ, инчунин, тасдиқ ва муайян кардани шахсияти инсон мебошанд. “...Низоми ягонаи биометрӣ ба шаҳрвандон имкон медиҳад, ки маълумоти биометрии худро мустақилона ва дар реҷаи “як равзана” идора кунанд, инчунин, шумораи ҳадди аксар хидматҳои биометрии давлатӣ ва тиҷоратӣ дар шакли электронӣ дастрас кунанд. Барои тиҷорат системаи ягонаи биометрӣ ба шумо имкон медиҳад, ки технологияҳои навро ҷорӣ созед, раванди ҳамкорӣ бо муштариёнро сода ва хароҷотро кам кунед” [41].

Ҳоло 217 бонк, 13 ҳазор шуъбаи бонкҳо, ки бо ҷамъоварии маълумотҳои биометрӣ машғуланд ва 236,4 ҳазор истифодабарандагон дар Низоми ягонаи биометрӣ (ЕБС) аъзо гаштаанд.

Дар соли 2021 қариб 76 ҳазор корбари нав дар Низоми ягонаи биометрӣ (ЕБС) сабти ном шудаанд. “...Низом имкон медиҳад, ки шаҳрвандон бо истифода аз биометрия фосилавӣ шинос шаванд ва ба ин васила, ба онҳо ба таври фосилавӣ хидматрасониҳои молиявӣ, давлатӣ ва дигар хизматҳоро расонанд” [42].

Инчунин, Бонки Россия дар доираи ин низом кӯшиш дорад, ки шумораи хидматҳоеро, ки бо ёрии он дастрас кардан мумкин аст, васеъ намояд. Ҳамин тариқ, тибқи қонуне, ки бо иштироки Бонки Россия таҳия шудааст, бонкҳо муваззаф мешаванд, ки бо истифода аз идентификатсия тавассути Низоми ягонаи биометрӣ ба мизоҷон суратҳисоб кушоянд ва қарз диҳанд.

“...Илова бар ин, шаҳрвандон имкон доранд мустақилона дар Низоми ягонаи биометрӣ тавассути замимаи мобилӣ ба қайд гирифта шаванд. Маълумоти биометрии бо ин роҳ сабтшуда метавонад барои дарёфти хадамоти муайяни молиявӣ ва давлатӣ истифода бурда шавад” [43].

Ҳатто, дар Аморати Муттаҳидаи Араб бонкҳои инфиродӣ барои пешниҳоди хидматҳои молиявӣ аз хидмати шинохти чеҳраи ҳукумат истифода мебаранд. Санҷиш ва аутентификатсияи муштарӣ бо истифода аз пойгоҳи додаҳои давлатӣ анҷом дода мешавад.

“...Дар доираи иҷрои вазифаҳо оид ба фароҳам овардани шароит барои трансформатсияи рақамӣ дар бахши бонкӣ, Бонки миллии Ҷумҳурии Беларус Системаи идентификасияи муштариёни байнибонкиро таъсис дод. Система идентификатсияи байнибонкӣ ва аутентификатсияи муштариёнро бидуни боздиди ҷисмонии онҳо дар бонкҳо дар асоси маълумот дар бораи шиносоии аввалия дар яке аз бонкҳои Ҷумҳурии Беларус таъмин менамояд” [44].

Sk Fintech Hub аз соли 2019 дар бораи инноватсионии бонкҳо тадқиқот мегузаронад. Он ба равиши додашуда, ки ба кор бо маълумоте, ки танҳо аз манбаъҳои кушода гирифта шудаанд, асос ёфтааст. Коршиносон воситаҳои ҷорӣ кардани инноватсияро дар 20 бонки беҳтарин таҳлил намуда, онҳоеро муайян кардаанд, ки бо стартапҳо фаъолона кор карда, ба технологияҳои нав сармоягузорӣ мекунанд [46].

Инчунин, дар Россия аз рейтинге истифода мебаранд, ки ба истифодабарии раванди инноватсионӣ дар бонкҳо вобаста буда, онҳоро аз рӯйи якчанд нишондиҳандаҳо баҳогузорӣ менамояд (расми 1.5).




**Расми 1.5. Динамикаи инноватсиякунонии бонкҳо дар ФР**

**Сарчашма:** https://sk.ru/news/v-skolkovo-nazvali-samye-innovacionnye-banki-rossii-2022-goda/

Аз рӯйи расми мазкур дидан мумкин аст, ки дар Россия бонкҳоро аз рӯйи раванди инноватсионӣ баҳогузорӣ намуда, мавқеи онҳоро тибқи ҷадвали рейтингӣ муайян мекунанд. Маълумотҳои дар расм нишондодашуда гувоҳи онанд, ки дар чор соли охир бонкҳо ба навовариҳо рӯ оварда, аз он ба таври зарурӣ истифода мебаранд.

Дар тадқиқот 20 бонки беҳтарини Федератсияи Россия ширкат варзида, бори чорум ВТБ ҷойи якум ва Сбербанк, Газпромбанк, Росселхозбанк ва Алфа-банк пай дар пай ҷойҳои баъдиро соҳиб гаштаанд. Бонкҳо бештар қарорҳои инноватсионӣ таҳия намуда, кӯшиш менамоянд, ки аввалин шуда, хидматрасониҳои нави рақамиро роҳандозӣ кунанд.

Рейтинг дар асоси маълумоте, ки аз манбаъҳои кушод гирифта шудааст, тартиб дода шудааст. Ҳангоми таҳияи рейтинг 18 меъёр истифода шудааст, ки ба 6 блок тақсим шудаанд:

1. Сохтори инноватсионии ташкилӣ
2. Сармоягузорӣ ба инноватсия
3. Ҳамкорӣ бо стартапҳо
4. Фаъолияте, ки ба кор бо инноватсия нигаронида шудааст
5. Хидматҳои рақамӣ
6. Муносибат бо давлат
4. Таҷрибаҳои гуногун бо навовариҳои электронӣ [45].

Дар давоми солҳои 2018-2024 Бонки Россия дар якҷоягӣ бо мақомоти давлатӣ ва иштирокчиёни бозори молиявӣ шароити заруриро барои пайдоиш ва пешбурди инноватсия фароҳам овард. Маҳсулот ва хизматҳои пардохтҳои тиҷоратӣ, ипотекаи рақамӣ ва ғайра фаъолона инкишоф меёбанд. Қарорҳои технологӣ ва инфрасохторӣ, аз ҷумла системаи ягонаи биометрӣ, профили рақамӣ, низоми пардохти Мир ва низоми пардохти зуд ба унсурҳои маъмулии ҳаёти ҳаррӯза табдил ёфтаанд. Ҳамин тариқ, дар Россия шароит барои ҷорӣ кардани хизматҳо аз ҷониби ҳам иштирокчиёни бозор ва ҳам аз ҷониби давлат фароҳам оварда шудааст [45].

Дар баробари мамлакатҳои дигари дунё Ҷумҳурии Қазоқистон низ дар бахши бонкӣ аз технологияҳои иттилоотӣ самаранок истифода бурда, кӯшишҳои худро бахри қафо намондан аз навовариҳои технологӣ ва аз дигар низомҳои бонкии пешрафта ба харҷ дода истодааст.

“...Сохтори низоми бонкии Қазоқистон аз бонкҳои бузурги давлатӣ ва ташкилотҳои хусусӣ иборат буда, солҳои охир аз хизматрасониҳои электронии нав: онлайн-банкинг, замимаҳои мобилӣ ва автоматикунонии равандҳо ва ғайра истифода мебаранд. Ҳамаи ин навовариҳо ба мизоҷон имкон медиҳанд, ки аз хизматрасониҳои бонкӣ васеъ истифода бурда, маблағҳои худро самаранок идора кунанд” [47].

Ҳарчанд ки технологияҳои рақамӣ дар иқтисодиёти Ҷумҳурии Қазоқистон, аз ҷумла, дар низоми молиявии он васеъ истифода мегардад, бо мақсади боз ҳам таҳким бахшидани технологияҳои иттилоотӣ дар бахши молиявӣ аз тарафи мақомоти танзим нақшаи стратегии рушди онро таҳия намуданд. “...Мақсади таҳияи стратегия аз он иборат аст, ки низоми молиявии Ҷумҳурии Қазоқистон дар баробари давлатҳои пешрафта аз ҷиҳати технологияи иттилоотӣ ҳамқадам шуда, аз онҳо қафо намонад” [47].

Тамоюлҳои асосии бозори пардохти Қазоқистон дар айни замон инҳоянд:

1. “...Рақамикунонии хизматрасониҳои молиявӣ ва пардохтӣ, пешниҳоди хидматҳо ба таври фосилавӣ тавассути интернет ва бонкдории мобилӣ” [44];

2. “...Рушди хизматрасониҳои нави инноватсионии пардохт (QR-код, биометрия, пардохтҳои бидуни тамос, пардохтҳо бо истифода аз реквизитҳои содакардашуда ва ғ.)” [44];

3. “...Ташаккули экосистемаҳои рақамии «бонкмарказонидашуда» бо унсурҳои вазифаҳои ширкатҳои финтех (экосистема, бозорҳо)” [44].

Ҷумҳурии Узбекистон низ дар минтақа яке аз давлатҳои пешқадам ба ҳисоб меравад, ки дар самти ҷорӣ намудани навовариҳо дар соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқ кӯшиш намуда истодааст. Чанд сол пеш ҳукумати ин кишвар ба ислоҳоти иқтисодӣ шуруъ намуда, ба навсозии иқтидори илмиву инноватсионӣ рӯ овард. Дар ҳамин асос, моҳи сентябри соли 2018 “Стратегияи рушди инноватсионӣ барои солҳои 2019-2021” қабул карда шуд. Бинобар ин, баҳри ноил гаштан ба як қатор ҳадафҳо, аз қабили рушди инноватсия, таҳкими неруи илмӣ, такмили механизмҳои ҳамгироии илм ва иқтисодиёт, татбиқи натиҷаҳои корҳои илмию тадқиқотӣ, конструкторӣ ва технологӣ, дар натиҷа, ҷалби бештари сармоягузорӣ талоши бештар дорад.

Кишвар дар назди худ ҳадаф гузоштааст, ки аз рӯйи рейтинги Индекси Глобалии Инноватсия то соли 2030 ба қатори 50 кишвари пешрафтаи ҷаҳон

дохил шавад. Ин нақшаҳо бинобар таъсири шадиди пандемияи COVID-19 ба аҳолӣ ва иқтисоди кишвар аҳаммияти бештар пайдо кардаанд [31].

“...Бо мақсади таъмини рушди босуръати раванди инноватсионии ҳамаи соҳаҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ соли 2017 Вазорати рушди инноватсионии Ҷумҳурии Узбекистон ташкил карда шуд ва соли 2018 соли дастгирии фаъоли соҳибкорӣ, инноватсионӣ ва технологӣ эълон карда шуд. Дар доираи барномаҳои давлатӣ соли 2018 масъалаи аз ҳамаи андозҳо ва пардохтҳои ҳатмӣ озод намудани корхонаҳое, ки бо фаъолияти инноватсионӣ машғул ҳастанд, барои фаъол намудани ташкилотҳои молиявӣ дар фаъолияти инноватсионӣ шароит фароҳам меоранд, самаранокии институтҳои ҳуқуқӣ дар соҳаи инноватсиониро таъмин менамоянд, мавриди баррасӣ қарор дода шуд” [32].

Дар Ҷумҳурии Узбекистон додани қарзҳои онлайн ба номи шаҳрвандон тавассути замимаҳои мобилии P2P бо истифода аз технологияҳои рақамӣ, ба кортҳои бонкии мизоҷон маблағҳои қарзии гирифтаи онҳо гузаронида мешавад. Афзалияти ин шакли қарзгирӣ тақвияти фосилавии низоми хизматрасониҳои электронӣ ва қарзгирӣ тавассути замимабарномаҳои бонкӣ мебошад ва ин раванд матавонад низоми содакардашудаи хизматрасонии қарзиро тавассути замимабарномаҳои мобилӣ ба миён оварад. Барои гирифтани қарз мизоҷон бояд аз идентификатсияи биометрие, ки дар замимаи мобилии ташкилоти қарзӣ мавҷуд ҳаст, гузарад ва сипас барнома маълумотҳои мизоҷонро аз қабили таърихи қарзии ӯ омӯхта, қарзи лозимиро пешниҳод менамояд.

Бар замми ин, аз тарафи ширкати Markswebb аз рӯйи якчанд компонентҳо бонкҳои якчанд давлатҳо, аз қабили бонкҳои Ҷумҳурии Узбекистон низ мавриди таҳқиқ қарор мегирад, ки дар ин миён рейтинги бонкҳои мобилӣ ва барномаҳои пардохтро нашр намудааст ва мувофиқи он баҳогузории бонкҳо дар ҷадвали 1.3. оварда шудааст.

**Ҷадвали 1.3. Рейтинги бонкҳои мобилӣ ва барномаҳои пардохтӣ**

| Номи бонк | Баҳо |
|---|---|
| Uzum Bank | **56,2** |
| Payme | **56** |
| Click | **53,7** |
| Бонк Ипак Йули | **50,7** |
| Агробанк | **49,7** |
| Anorbank | **49,3** |
| TBC Bank | **48,9** |
| Узпромстройбонк | **48,9** |
| Алокабонк | **47,2** |
| Бонки миллии Узбекистон | **46,4** |
| Paynet | **44,2** |
| Davr Bank | **40,6** |
| InFinBank | **40** |

**Сарчашма:[48]**

Тибқи маълумотҳои ҷадвал муайян намудан мумкин аст, ки дар ин рӯйхати рейтингӣ 13 бонки аз ҷиҳати хизматрасонии мобилӣ ва барномаҳои пардохтӣ маъмултарин дар Узбекистон ҷой дода шудааст. Яъне, ин бонкҳо дар бозори бонкии Узбекистон аллакай мавқеи худро доир ба расонидани хизматҳои электронӣ пайдо намудаанд. Зеро, ин рейтинггузорӣ аз рӯйи 13 блоки вазифаҳо инъикос мекунад. Дар баробари ин, хусусиятҳо, қуллай ва устувории онҳо арзёбӣ гардидаанд ва ба назар гирифта шудаанд.

"...Бояд гуфт, ки дар робита ба рақамикунонии бахши бонкӣ вазъ ба таври назаррас тағйир меёбад. Имрӯзҳо дар Ҷумҳурии Узбекистон 3 бонки рақамӣ (TBC Bank, Anor Bank, Apelsin Bank) фаъолият мекунанд ва 32 ширкати финтех, ки ба пешниҳоди хидматҳои молиявии фосилавӣ тахассус доранд, мавҷуданд [29]. Ҳашт бонк низоми идентификатсияи рақамиро (Face ID) ба кор андохтаанд, боқимондаҳо санҷиши тестиро анҷом медиҳанд" [90].

Ҳамаи ин барои пайдо гардидани рақобат байни бонкҳо доир ба расонидани хизмат ба муштариён, дар асоси хизматҳои нави электронӣ баромад мекунанд.

яке аз роҳҳои рушди инноватсияҳои бонкӣ ва дар маҷмуъ, иқтисодиёти рақамӣ ин рӯ овардан ба бонкҳои виртуалӣ ба ҳисоб меравад, ки ин намунаи

нави технологияҳои рақамӣ дар низоми бонкӣ мебошад. Дар ҳоли ҳозир вобаста ба технологияҳои рақамӣ ва муҳити инноватсионӣ дар баландбардории рақобатпазирии низоми молиявию бонкӣ дигар зарур нест, ки шумораи филиалҳо ва марказҳои хизматрасонӣ дар воқеият афзоиш дода шаванд, балки дар ҷойи он тақвияти бонкдории виртуалӣ ва ё маҷозӣ бояд рушд дода шавад. Дар тамоми дунё раванди истифодаи босуръати технологияҳои иттилоотӣ ҷараён дорад ва барои он аз тарафи ҳукумат ва дигар сармоягузорон маблағҳои зиёд сарф шуда истодаанд, то ин ки дар солҳои оянда сифати хизматрасониҳои молиявиро боло бурда, аз навовариҳои технологӣ қафо намонанд (нигаред ба ҷадвали 1.4.).

**Ҷадвали 1.4. - Пешгӯйии хароҷоти ҷаҳонӣ ба технологияи иттилоотӣ**

(бо миллион доллар)

| **Номгӯ** | **Хароҷот дар соли 2024** | **Рушд дар соли 2024 (%)** | **Хароҷот дар соли 2025** | **Рушд дар соли 2025 (%)** |
|---|---|---|---|---|
| Низоми маркази коркарди маълумот | 318,008 | 34.7 | 367,1 | 15.5 |
| Таҷҳизот | 735,7 | 6.2 | 805,7 | 9.5 |
| Таъминоти барномавӣ | 1087,8 | 11.7 | 1239,7 | 14.0 |
| ТИ-хизматрасонҳо | 1587,9 | 5.6 | 1737,7 | 9.4 |
| Хизматрасонии алоқа | 1530,2 | 2.0 | 1596,8 | 4.4 |
| **Дар маҷмуъ ба ТИ** | **5259,7** | **7.2** | **5747,3** | **9.3** |

**Сарчашма:** [49].

Тавре аз рӯйи ҷадвали мазкур муайян намудан мумкин аст, ба ҳар як самти алоҳидаи технологияҳои иттилоотӣ дар ҷаҳон маблағҳои беандоза зиёд истифода мегардад. Қайд намудан зарур аст, ки агар барои таҷҳизот 735 млн доллари амрикоӣ сарф гардад, барои таъминоти барномавӣ бошад, зиёда аз 1 трлн доллари амрикоӣ истифода мегардад. Дидан мумкин аст, ки барои хизматрасониҳои технологияҳои иттилоотӣ ва хизматрасониҳои алоқа зиёда аз 1.5 трлн $ ба ҳар яке сарф мегардад.

Интизор меравад, ки хароҷоти нармафзор дар соли 2025 ба 14% то 1,23 триллион доллар афзоиш ёбад, ки ин назар ба афзоиши 11,7% дар соли 2024-ро нишон медиҳад. Дар ҳамин ҳол, интизор меравад, ки хароҷоти хизматрасонии ТИ дар соли 2025 ба 5,6%, яъне 1,73 триллион доллари ИМА дар нисбат ба соли 2024, ки то 9,4% афзоиш ёфт[50].

“...Тибқи гузориши PwC, пешбинӣ шудааст, ки шумораи пардохтҳои ғайринақдӣ дар ҷаҳон то соли 2025 беш аз 80% афзоиш ёфта, 1,9 триллион ададро ташкил медиҳад” [51]. Ҳамчунин, “...мувофиқи ReportLinker интизор меравад, ки бозори пардохтҳои рақамӣ аз соли 2021 то 2026 дар CAGR 13,7% афзоиш ёбад, ки бо хуб гардидани шароити пардохт, ислоҳоти ҷорӣ дар танзим ва тағйир додани рафтори истеъмолкунандагон асос ёфтааст. Ҳамчунин, ба гуфтаи коршиносон, то соли 2023 ҳаҷми пардохтҳо дар ҷаҳон бо истифода аз дастгоҳҳои мобилӣ аз 2 триллион доллари ИМА зиёд мешавад” [52].

Дар бонкдории муосир ва хизматрасониҳои инноватсионӣ яке аз масъалаҳои дигаре, ки ба он таваҷҷуҳ зоҳир карда мешавад, ин пардохтҳои фаврӣ мебошад, ки ин амал ба суръати афзоиши ҳаракати воситаҳои пулӣ дар муҳлати кӯтоҳ мусоидат менамояд. Ин масъала имконияту иқтидори бонкро нишон дода, таваҷҷуҳи мизоҷонро барои истифода аз хизматрасониҳо афзоиш медиҳад. Дар сатҳи фаъолияти бонкҳо пардохтҳои фаврӣ ба суръати амалиётҳо, махсусан, пардохтҳои ғайринақдӣ мусоидат мекунад.

“...Дар айни замон, системаҳои пардохтҳои фаврӣ аллакай, дар 60 кишвари ҷаҳон ҷорӣ карда шудаанд: (масалан, «Faster Payments Service» дар Британияи Кабир, системаи «Fastand secure transfers» (FAST) дар Сингапур, «Swish» дар Шветсия, «New Payments Platform (NPP)» дар Австралия , Системаи пардохти фаврӣ дар Федератсияи Россия, Системаи пардохти яклаҳзаина дар Беларус, TARGET Instant Payment Settlement (TIPS) дар Иттиҳоди Аврупо”[53].

Бояд гуфт, ки дар чанд соли охир Ҷумҳурии Қирғизистон низ ба масъалаи инноватсияи бонкӣ ва рақамикунонии равандҳои он таваҷҷуҳ зоҳир

намуда, онро пайгирӣ менамояд. Тавре аз сарчашмаҳо бармеояд, “...рақамикунонии бахши молия ва бонкдорӣ дар Қирғизистон яке аз авлавиятҳои асосӣ маҳсуб ёфта, дар ин масъала Президенти ин кишвар Содир Ҷапаров фармони №24 “Дар бораи чораҳо оид ба рушди минбаъдаи бозори молиявӣ”-ро 8 феврали соли 2021 имзо кард, ки ҳадафи асосии он суръат бахшидан ба рушди бозори молии Ҷумҳурии Қирғизистон ва рақамикунонии он, сода кардани тартиби гирифтани хизматрасониҳои молиявӣ барои шаҳрвандон ва соҳибкорон ва фароҳам овардани муҳити мусоид барои сармоягузорӣ дар бахши молиявӣ буданд. Муассисаҳои давлатӣ, ки бонкҳо бо онҳо ба таври фаъол ҳамкорӣ мекунанд, дар ин раванд нақши муҳим доранд. “...Масалан, Иттиҳоди бонкҳои Қирғизистон пайваста бо Девони Вазирон, Парлумон ва дигар мақомоти давлатӣ ҳамкорӣ мекунад, то барои бонкҳои тиҷоратӣ шароит фароҳам оварад, то маҳсулоти инноватсионии бонкӣ ва роҳҳои ҳалли рақамиро ба кор дароранд. Ғайр аз ин, Иттиҳоди бонкҳо аввалин платформаи инноватсионии молиявии рақамии Қирғизистон, FinMarket-ро ба кор андохт. Дар навбати худ, Бонки миллии Ҷумҳурии Қирғизистон ҳамчун танзимгар, фаъолона дар самти рақамикунонии бахши бонкӣ кор мекунад” [53].

**Хулосаи параграф**

Дар амалияи таҷрибаи хориҷӣ масъалаи тақвияти раванди инноватсионӣ дар мадди назари ҳукуматдорон қарор дошта, ба масъалаи ҳавасмандгардонӣ ва додани афзалиятҳо ба он таваҷҷуҳи хоса зоҳир менамоянд. Инчунин, дар масъалаи дастгирии молиявӣ низ беаҳаммият набуда, бо захираҳои қарзии зарурӣ барои дастгирии рушди инноватсионӣ таъмин мекунанд. Барои татбиқи ин мақсадҳо корҳои зиёдро ба анҷом расонидан зарур аст, аз ҷумла:

1. Дар назди бонкҳои давлатӣ ташкил намудани фондҳои махсус барои дастгирии инноватсия ва додани қарзҳои имтиёзнок;

2. Додани имтиёзҳои андозӣ ба бонкҳое, ки аз инноватсия дар раванди фаъолияти худ васеъ истифода менамоянд;

3. Додани имтиёз ба бонкҳое, ки раванди инноватсиониро дар иқтисодиёт дастгирӣ менамоянд ва кам намудани андоз аз фоидаи онҳо;

4. Аз андоз озод намудани он қисмати фоидаи бонк, ки ба фаъолияти инноватсионӣ сармоягузорӣ карда мешавад;

5. Ташкил намудани лоиҳаҳои сармоягузорӣ якҷоя бо бонкҳо, ки раванди татбиқи онҳоро осон мегардонад;

6. Ташкил намудани бонки махсуси инноватсионӣ, ки аз технологияҳои навин ва хизматрасониҳои нави дар сатҳи ҷаҳонӣ амалигарданда истифода намояд.

Бо вуҷуди ин пешравиҳо, дар раванди инноватсиякунонии низоми молиявӣ, аз ҷумла дар низоми бонкӣ якчанд монеаҳо вуҷуд доранд, ки ҳал кардани он роҳи рушди навовариро мекушояд:

- дар соҳаи бонкдорӣ нарасидани мутахассисони баландихтисоси дорои малакаҳои зарурӣ оид ба рақамикунонӣ;

- мушкилоти бюрократӣ, ки дар раванди хизматрасониҳо ва ҷорӣ намудани технологияҳои нав метавонад таъсири манфӣ расонад;

- ҳамлаҳои киберӣ дар бонкҳо ва таъсири манфии он ба маълумотҳои махфии мизоҷон;

- хароҷоти зиёд барои татбиқи технологияҳои рақамӣ дар низоми бонкӣ.

Барои татбиқи ин мо метавонем корҳои зеринро дар самти рушди бонкдории рақамӣ муайян кунем:

1. Дар вобастагӣ ба таҷрибаи хориҷӣ тақвият додани имкониятҳои зеҳни сунъӣ дар бахши бонкӣ, ки ба бонкҳо имкон медиҳад раванди хизматрасониро ба муштариён осон намуда, аз тарафи дигар, таҳлили маълумоти пешниҳоднамудаи муштариёнро сари вақт ба анҷом расонад.

2. Такмил додани чатботҳо, ки аллакай дар бахши бонкии ҷумҳурӣ низ истифода мегардад, яъне бо истифода аз таҷрибаи хориҷӣ васеъ истифода намудани ин восита, ки аз ҷониби зеҳни сунъӣ идора мешаванд,

3. Истифодаи технологияҳои blockchain, ки барои дараҷаи баландтари амнияти мубодила хизмат намуда, мубодилаи маълумот ва ҳуҷҷатҳоро дар байни худи бонкҳо ва муштариён таъмин мекунад.

4. Пурзӯр намудани амнияти иттилоотиву ҳифзи маълумоти ташкилоти қарзӣ ва маълумоти шахсии мизоҷон, ки дар шароити муосири рақамикунонии иқтисодиёт масъалаи мубрам ба ҳисоб меравад. Зеро, аз даст додани маълумоти ночизи мизоҷон ба коҳиш ёфтани эътимоди мизоҷон оварда мерасонад.

5. Босуръат рушд додани хизматрасониҳои инноватсионӣ дар бонкҳои анъанавӣ ба хотири қафо намондани ин бонкҳо аз бонкҳои инноватсионии замони муосир.

# БОБИ 2. ТАҲЛИЛИ ВАЗЪИ НАВОВАРИҲОИ БОНКӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## 2.1. Вазъи низоми бонкӣ ва навовариҳо дар он

Дар ҷаҳони имрӯза таҳаввулоти гуногун ҳамчун амри воқеӣ хосияти доимиро касб намуда, дар он равандҳои муваффақиятомез ҳамеша нақши калидӣ дошта, мавриди пайгирӣ қарор мегиранд. Зеро дар ин муҳит равандҳои печидаи ҷаҳонишавӣ якеро заиф, дигареро пуриқтидор ва баъзеи дигарро мумкин аст аз арсаи соҳа, давлат ва минтақа дур намояд. Вобаста ба ин гуфтан мумкин аст, ки масъалаи мубрами электроникунонӣ ё бидуни пулҳои воқеӣ ё нақдӣ анҷом додани амалиётҳои пулию қарзӣ дар шароити имрӯзаи рушди техника ва технологияҳои мусоир ва ҳамзамон, гузариш ба иқтисодиёти рақамӣ, ҳадафи асосии тамоми институтҳои молиявию бонкӣ мебошад. Мо дар ҷаҳони зудтағйирёбанда қарор дошта, ҳамеша бо равандҳои ҷаҳонишавӣ ба пеш меравем, ки онҳо бо техника ва технологияҳои муосир асос ёфтаанд.

Тавре маълум аст, "...дар замони рушди технологияҳои муосир аксари давлатҳои мутараққӣ ба низоми рақамикунонӣ рӯ оварда, ба низоми ғайринақдии пардохт афзалият доданд. Аллакай, дар баъзе давлатҳо нақшаи комилан даст кашидан аз тарзи нақдии муомилот дар раванди амалишавӣ қарор дорад" [100, с.34].

Новобаста ба оне, ки ду даҳсола пеш бозори хизматрасониҳои бонкиро бозори қарзҳо ва пасандозҳо ташкил мекард, имрӯз ин бозор шакли худро комилан дигар карда, аз як тараф, ба навсозии амалиётҳо ва аз тарафи дигар, истифодаи хизматрасониҳои маҷозӣ мавқеи асосӣ доранд.

Тавре таҷрибаи даҳсолаҳои охир нишон медиҳад, дар айни замон новобаста аз ҳолатҳои ҷойдошта, имкониятҳои пулӣ, захираҳои кофии кадрҳои баландихтисос ва дигар масъалаҳои ба ин вобаста, пешрафти бонкҳоро, аввал, бидуни истифодаи технологияҳои рақамӣ ва дуюм, бидуни

хизматрасониҳои маҷозӣ тасаввур кардан ғайриимкон аст. Ба ин мақсад, дар шароити имрӯза дарёфти роҳҳои тақвияти инноватсионӣ шарти зарурӣ буда, роҳҳои дар амал ҷорӣ намудани он мувофиқи мақсад мебошад. Пешрафти имрӯзаи бахши бонкӣ аз муҳити инноватсионии он ва дараҷаи таъмин будани он бо технологияҳои иттилоотию иртиботӣ вобаста аст. Онҳо мувозинати рушди бонкро дар лаппишҳои афзояндаи бозори бонкӣ ба таври мутавозин нигоҳ медоранд. Дар як маврид, иброз гардидааст, ки "...рушди босуръати технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ дар асри ХХ1 зиндагии мардумро ба куллӣ тағйир дода, муносибати ҷамъиятии сифатан навро ба вуҷуд овард" [112, с.56].

Аз таҳлилҳо бармеояд, ки мушкилоти ҷойдошта қабл аз рушди технологияҳои инноватсионӣ ва баъд аз он низ бевосита метавонад як муаммои доманадор дар 10-15 соли оянда низ мавриди таваҷҷуҳ қарор гирад. Аз ин лиҳоз, вобаста ба таҳлил ва натиҷаи маълумотҳои мавҷуда дарёфти роҳҳои воқеан татбиқи низоми хизматрасониҳои электронӣ ё рақамӣ дар шароити рушди техника ва технологияҳои мусоир мувофиқи мақсад мебошад. Иброз доштан зарур аст, ки таҷрибаи иловагии тақвияти технологияҳои рақамӣ баъд аз солҳои 1991-2012 бонкҳоро ба он водор намуд, ки муҳити фаъолияти худро бо тағйироти замони муосир ва тамоюлҳои зудтағйирёбандаи технологияҳои рақамӣ ва ҳамзамон, бамаротиб афзоиш ёфтани хавфҳои гуногунҷанба мувофиқ намоянд. Вобаста ба ин, гуфтан зарур аст, ки авҷ гирифтани равандҳо ва тағйироти хатарафзо институтҳои молиявии бо технологияҳои рақамӣ амалкунандаро водор намуд, ки ба мутахассисони сатҳи баланди донандаи забони барномасозӣ таваҷҷуҳ зоҳир намоянд.

Зарурати тақвияти доимии муҳити инноватсионӣ барои нигоҳ доштани нуфузу эътибори бонк яке аз масъалаҳои асосие маҳсуб меёбад, ки дар он ба иқтидорҳои инноватсионӣ ҳамеша таваҷҷуҳи марказӣ дода мешавад ва рақобатпазирӣ ва пардохтпазирии бонк метавонанд нақши ҳалкунанда дошта бошанд.

Албатта, дар радифи ин ташкили таърихи бюрои қарз барои паст кардани шиддати хавфҳои хизматрасонии қарзӣ ва масъалаҳои дигари ба ин масъала хос ба таври афзоянда ташкил гардидаанд. Дар низоми хизматрасониҳои инноватсионии маҷозӣ мавҷудият ва истифодаи кортҳои бонкӣ хосияти аввалия дошт, ки дар оғози фаъолият ба як қатор мушкилоти техникӣ ва иҷтимоӣ рӯ ба рӯ гардид ва ин боиси он шуд, то дар ин самт як қатор чораҳои иловагӣ андешида шавад. Бинобар ин, моро зарур аст, ки қабл аз ҷанбаҳои умумияти талабот ва хизматрасониҳои бонкӣ масоили мубрами муҳити инноватсионии бонкро дуруст намуда, вобаста ба меъёру талаботи он марҳалаҳои минбаъдаи онро мавқеъгирӣ намоем.

Фаъолияти ҳамоҳанги бонкҳо бо муҳити беруна ягона омил ва элементе мебошад, ки ҳар як ташкилоти қарзиро аз рӯи мавқеият дар сатҳи низоми бонкӣ муаррифӣ менамояд. Сарфи назар аз он ки тамоми муваффақиятҳои бонк ва тағйироти меъёрию сифатӣ ҳам аз лиҳози омилҳои субъективӣ ва ҳам аз лиҳози омилҳои объективӣ сурат мегиранд, ҳамаи инҳо дар доираи муҳити инноватсионӣ ва шаклҳои маъмул ва паҳнгаштаи он амалӣ мегардад. Ба ин мақсад коркарди шаклҳои фарогири инноватсионӣ вазифа ва ҳадафи таҳқиқоти илмии мо мебошад. Дар таҷрибаи бонкдорӣ вобаста ба ҷараёнҳои инноватсионӣ чунин шаклҳои инноватсияро аз ҳамдигар ҷудо намудан мумкин аст (нигар расми 2.1).




**Расми 2.1. Шаклҳои инноватсияи тағйирдиҳии муҳити фаъолияти бонкӣ дар шароити имрӯза**

**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф

Дар амалияи низоми бонкӣ дар шакли фаъолиятҳои алоҳидаи бонкӣ истифодаи инноватсия ва дар амал татбиқ намудани бартариятҳои мавҷудаи он боис мегардад, ки бонки тиҷоратӣ ва дигар ташкилоти қарзии ғайрибонкии дар бозори бонкӣ амалкунанда ба таври муваффақона фаъолияти худро пеш барад. Вобаста ба истифодабарӣ ва татбиқи инноватсия фаъолиятҳои амалӣ ва ислоҳоти сохторӣ муҳим мебошанд.

Дар низоми имрӯзаи бонкӣ инноватсияи қатъӣ ё базавӣ муҳим буда, ба ин масъала аҳаммият додан шарти асосист. Зеро дар инноватсияи базавӣ, қабл аз ҳама, шакли асосии амалиёт ва хизматрасониҳои бонкиро воситаҳои электронӣ ва пардохтӣ, ки қабл аз дигар шаклҳои маҳсулот ва хизматрасониҳои нав мавҷуданд, ташкил медиҳад ва чунин шакли инноватсия дорои хотираи электронии нигоҳдории маълумот мебошад.

Қисми дигари инноватсия, ки он бо воситаҳои электронӣ асос ёфтааст, ҳамчун қисми муҳимми фаъолияти бонкӣ буда, он аз қисматҳои инноватсияи комбинаторӣ иборат мебошад, ки дар чунин шакли инноватсия мавқеи бонк бо бартариятҳои гуногуни гурӯҳи иштирокдороне, ки ба таври маҷмуӣ

хизматрасониҳои худро пешниҳод менамоянд, фаҳмида мешавад. Дар сатҳи низоми бонкӣ ва бозори васеи хизматрасониҳои бонкӣ иштирокдорони равандҳои инноватсионӣ шахсоне маҳсуб меёбанд, ки бо бартарии бештар ба доштани имкониятҳои инноватсионӣ дар сатҳи хизматрасониҳои гуногун пешсафанд ва ба мизоҷон тавассути технологияҳои иттилотию иртиботӣ хизмат мерасонанд.

Асосан чунин шакли инноватсияи бонкӣ метавонад дар шароити имрӯза барои бонкҳо ва дигар ташкилотҳои молиявию қарзӣ як муҳити рақобати комилро ба миён оварад. Дар натиҷа, тақвияти чунин шакли инноватсия бонкҳоро пайваста барои ворид намудани тағйироти нав маҷбур намояд.

Ҳамзамон, инноватсияи ниҳоие, ки дигар паҳлуҳои инноватсионии бонкро ба пеш ҳавола менамояд, ин инноватсияи тағйирдиҳанда мебошад, ки ин шакли инноватсия ҳар як бонку ташкилоти қарзиро маҷбур менамояд, ки барои навсозӣ ва ҷоринамоии маъмултарин ва серистеъмолтарин шаклҳои хизматрасонии маҷозӣ чораандешӣ намуда, дар ин самт ба ворид намудани ислоҳот ва тағйирот дар сохтори фаъолияти худ бикӯшанд. Чунин ҳолат ва истифодаи саривақтии он метавонад ба хизматрасониҳои нав ва пешрафта таваҷҷуҳи бештар ҷалб намояд.

Албатта, ин шакли инноватсия бештар дар бонкҳое мушоҳида мегардад, ки барои ишғоли ҳиссаи бештари бозор ва гирифтани фоидаи зиёд талош доранд. Дар низоми имрӯзаи бонкӣ яке аз масъалаи асосие, ки бештар хосияти инноватсионӣ дорад, ин шаклҳои муосири пардохтӣ мебошад, ки тавассути онҳо дар низоми рақамикунонии иқтисодиёт мавқеи худро низоми бонкӣ баланд мебардорад ва ин аз як қатор равишҳои гуногун иборат мебошад (расми 2.2.).




**Расми 2.2. Намудҳои пардохтҳои навсозишудаи электронӣ дар низоми рақамӣ**

**Сарчашма: Таҳияи муаллиф**

Вобаста ба ҷорисозии низоми инноватсионии хизматрасониҳои бонкӣ аз ҳама масъалаи асосие, ки тақвияти бетанаффуси равандро дар кишвар таъмин менамояд, аввал, мавҷудияти санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва дуюм, мавҷудияти инфрасохтори зарурӣ мебошад. Дар ин робита пардохтҳои навсозишудаи электронӣ ин низоми пардохтӣ ва пардохтҳои ғайринақдӣ мебошад ва ин метавонад татбиқи сатҳи рақамикунониро мувофиқ ба стратегияҳои қабулшудаи соҳавӣ имконпазир гардонад. Дар илова ба ин, ба маврид гуфта шудааст, ки "...яке аз вазифаҳои асосии низоми бонкии кишвар ин мусоидат

намудан ба кори самараноки низоми пардохти гуногуни байнибонкӣ ба шумор меравад” [66, с.274].

Дар анҷоми хизматрасониҳои маҷозӣ пардохтҳо ҳамчун қисми асосӣ ва мураккаби низоми бонкианд, ки бо як қатор хавфу таҳдидҳо ҳамроҳ мебошанд. Илова бар ин, мураккабии низоми пардохтӣ ё пардохтҳои рақамӣ дар дастгоҳҳо ва замимабарномаҳои электронӣ асос меёбанд. Аз ин хотир, ин ҷараёнро як низоми мураккаб ва зарурӣ гуфтан мумкин аст. Дар ин замина, муҳаққиқ Н.М. Раҳматова қайд менамояд, ки “...натиҷаи мантиқии пандемия шиддат ёфтани рақобат дар рушди хизматрасониҳои бонкӣ буд: аксари мутлақи бонкҳо ҷиҳати васеъ намудани функсияҳои замимаҳои мобилӣ чораҳо меандешанд, ки унсури асосии транформатсияи рақамии хизматрасониҳои бонкӣ гардид” [102, с.116].

Вобаста ба ин гуфтаҳо низоми бонкӣ дар шарроити имрӯза ҳамчун ташаббускори асосии раванди низоми пардохтӣ дар сатҳи инноватсияҳои муосир мебошад. Ҳамчунин, дар ин масъала бо равишҳои дигар Ш.Қ. Хайрзода ва Б.М. Шарипов таваҷҷуҳ зоҳир намудаанд [114], [116].

Дар шароити имрӯзаи хоҷагидорӣ масоили мубрами инноватсионӣ дар самти технологияҳои иттилоотию иртиботӣ ҳамчун шарти зарурӣ маҳсуб ёфта, он ҳарчи зиёдтар дар соҳаи бонкдорӣ мавқеи ба худ хосро касб намудааст. Аз ин лиҳоз, вобаста ба зарурат ва паст кардани шиддати хавфҳо имрӯз масъалаи анҷом додани амалиётҳои молиявии бидуни пули накд, ҷорӣ намудани технологияҳои ҳушманд ва дорои зеҳни сунъӣ шарти зарурӣ мебошад. Илова бар ин, яке аз афзорҳои асосии гузаштан ба муҳити нави инноватсионӣ ташкили низоми марказонидашудаи интиқоли маълумотҳои молиявии электронӣ мебошад.

Бинобар ин, Тоҷикистон тавассути БМТ ташкили маркази протсесингиро ҳамчун масъалаи асосӣ ҳисоб намуда, онро таъсиси дод. Тавре гуфта шудааст “...ташкили маркази протсесингии миллӣ, пеш аз ҳама, барои рушди низоми интиқолҳои ғайринақдӣ мусоидат намуда, имконияти васеи истифодаи кортҳоро ҳангоми пардохти маош, нафақа ва дигар

пардохтҳо, ҷамъоварии маблағҳои хизмати коммуналӣ ва ғайра ба гардиши накдӣ ва ғайринакдӣ фароҳам меорад” [113, с.40]. Дар низоми бонкии кишвар як инноватсия дар самти мустақилона идора кардани амалиётҳо ва хизматрасониҳои ғайринакдӣ мебошад.

Дар солҳои аввали соҳибистиқлолӣ механизмҳои қаблии хизматрасониҳои пардохтии бонкӣ тавасути телетайп, телеграф ва почта амалӣ карда мешуданд, ки ҳамчун инноватсияи қаблӣ талаботи рӯзафзуни аҳолиро бо хизматрасониҳои пардохтӣ қонеъ карда наметавонист, зеро технологияҳои дар он давра амалкунанда муҳити инноватсионии бонкро пурра инъикос карда наметавонист. Гуфтан мумкин аст, ки то ин давра бо сабаби нокифоя ва номукаммал будани воситаҳои татбиққунандаи инноватсия ҳисоббаробаркуниҳои электронӣ дар сатҳи зарурӣ ривоҷ наёфт. Бо баробари пеш рафтани низоми муосири бонкӣ ва ба талаботи замон мувофиқ намудани доираи фаъолияти он яке аз унсурҳои калидии зуд ворид кардани технологияҳои муосири ҳозиразамон маҳсуб меёбад. Масалан, ворид намудани барномаҳо ва воситаҳои муосири электронию пардохтӣ моро ба як қатор дастовардҳо метавонад ноил созад:

1. Корбарии доимӣ дар самти тақвияти бевоситаи воситаҳои электронии пардохт ва дар заминаи ин зиёд кардани шумораи амалиёт ва хизматрасониҳои бонкӣ;

2. Навсозии доимии техника ва технологияҳои муосири бонкӣ барои содаю манфиатовар намудани истифодабарандагони хизматрасониҳои маҷозӣ дар тамоми минтақаҳои Тоҷикистон;

3. Кам кардани хароҷотҳои давлатӣ барои эмиссияи пули иловагӣ ва таъмини бехатарии амалиётҳо;

4. Фарогир ва сода кардани сатҳи дастрасии аҳолӣ барои пайдо намудани имконият дар самти истифодабарии амалиётҳо дар сатҳи минтақавӣ ба таври баробар;

5. Аз байн бурдани маҳдудиятҳои электронӣ ва фарохмаҷро кардани онҳо дар шароити зиёд шудани талабот ба амалиётҳои электронӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ғ.

Дар шароити мавқеи муайян пайдо намудани техника ва технологияҳои муосир ва истифодаи васеи онҳо дар низоми бонкдории кишвар як қатор имконоти бартариятҳои навро ба миён оварда, ҳамзамон, аксар хавфҳои эҳтимолиро аз низоми бонкӣ ва аз истифодабарандагони хизматрасониҳои бонкӣ кам намояд. Барои васеъ ва фарогир намудани низомҳои электронии пардохт дар муҳити меъёрҳои инноватсионӣ агентҳои пардохтӣ ташкил ва амал менамоянд, ки фаъолияти онҳо асосан дар доираи "...Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи хизматрасонии пардохтӣ ва низоми пардохтӣ" бо мақсади рушди хизматрасониҳои пардохтӣ аз ҷониби ташкилотҳои қарзии молиявӣ" [1] роҳандозӣ шудааст.

Вобаста ба ҳисоботи пешниҳоднамудаи ташкилотҳои қарзии молиявӣ то санаи 30 июни соли 2024 аз ҷониби ташкилотҳои қарзӣ 765 агенти бонкии пардохтӣ ва дар навбати худ, аз ҷониби агентҳои мазкур 53 субагенти бонкии пардохтӣ барои анҷом додани баъзе амалиётҳои бонкӣ ҷалб гардидаанд. Албатта, дар шароити имрӯза зиёд намудани шумораи агентҳои пардохтӣ агар, аз як тараф, ба таври фарогир паҳн намудани воситаҳои пардохтӣ бошад, аз дигар тараф, қонеъ гардонидани талаботи рӯзафзуни аҳолии мамлакат мебошад.

"...Тибқи муқаррароти қонунгузории амалкунанда, агентҳои бонкии пардохтӣ аз ҷониби ташкилотҳои қарзии молиявӣ барои анҷом додани амалиётҳои зерин ҷалб карда мешаванд" [1]:

1. "...Қабул намудани маблағи нақд аз шахси воқеӣ ва (ё) додани маблағи нақд ба шахси воқеӣ, аз ҷумла, бо истифодаи терминалҳо, терминалҳои худкори худхизматрасон" [54].

Ба андешаи мо, роҳандозӣ намудани чунин ҳолат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз як тараф, қонеъ намудани талаботи аҳолӣ бошад, аз дигар тараф, тавассути баланд бардоштани сатҳи пардохтпазирӣ дар марҳалаи

қонеъ намудани талаботи мизоҷон аз байн бурдани омилҳои нобоварӣ ба аҳолӣ мебошад. Илова бар ин, ин ҳолат чунин имкониятҳоро метавонад фароҳам оварад:

- беҳтар намудани сифати хизматрасониҳо ва сатҳи дастрасии онҳо ба мизоҷон;

- зиёд намудани боварӣ ва эътимоди аҳолӣ ба амалиёт ва хизматрасониҳои бонкӣ;

- кам намудани сатҳи тарофаҳо ва бо ин роҳ кам намудани ҳаҷми хавфҳои бонкӣ ва хизматрасонӣ;

- дар доираи муқаррарот ва талаботи мавҷуда анҷом додани хизматрасониҳои электронии маҷозии дутарафа тавассути восита ва дастгоҳҳои электронии пардохт.

Албатта, дар шароити имрӯза қонеъ намудани талаботи анбуҳи аҳолӣ ба як ё якчанд намуди хизматрасонӣ, таъмини воситаҳои иловагии ба ҷараёни пардохтҳо мусоидаткунанда шарти зарурӣ маҳсуб меёбад ва татбиқи ин масъала танҳо ба воситаи агентҳои пардохтӣ ва дар сатҳи зарурӣ пешниҳод намудани онҳо мувофиқи мақсад мебошад.

Дар айни замон, ҷиҳати таъмини бехатарии хизматрасониҳо тавассути низоми электронии пардохт ва ҳангоми иҷрои амалиётҳои пардохтӣ ё интиқоли пул аз як суратҳисоб ба суратҳисоби дигар дар сатҳи худкор муайян намудани шахсияти муштарӣ ё истифодабарандаи хизматрасонӣ муҳим мебошад, ки ин ҷараёнро дар баробари қонуну санадҳои соҳаи бонкӣ боз Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба қонунигардонӣ (расмикунонӣ)-и даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом» [2] низ ба таври оммафаҳм пешниҳод менамояд.

Дигаргуншавии ҷаҳони муосир ва бархӯрди манфиатҳои иқтисодӣ дар сатҳи ҷаҳонӣ заминаи осебпазирии низоми пешрафтаи бонкиро ба миён оварда, дар ин доира омили инноватсионӣ ё рақамии боздорандаи хавфҳо дар фаъолияти зиддибашарӣ буда, маблағгузориро ба онҳо пешгирӣ менамояд.

Дар илова ба ин, аломатҳо ва ҳаракатҳои хатарзо дар ҷаҳони муосир тавассути технологияҳои муосири электронӣ ва пардохтӣ дар ҳоли зиёдшавӣ қарор дорад ва аз ҳамин хотир, чораҳои пешгирикунанда дар ин самт муҳим мебошанд. Бинобар ин, мушаххас намудани шахсияти муштарӣ дар манбаҳои электронӣ метавонад чунин ҷараёнҳои номатлуб ва маблағгузорӣ ба онҳоро пешгирӣ намуда, як қатор мушаххасоти хавфноки дигарро, ки ба ҷомеа зараровар мебошанд, пешгирӣ намояд. Дар айни замон, чунин усули инноватсия метавонад дорои бартариятҳои зерин бошад:

- гирифтани пеши роҳи интиқоли маблағҳои ғайриқонунӣ ба гурӯҳҳои террористӣ ва экстремистӣ;

- пешгирӣ намудани ҳолатҳои номатлубе, ки тавассути маблағгузории ғайриқонунӣ амалӣ карда мешаванд;

- муайян намудани дигар маблағгузориҳое, ки хусусияти пинҳонкорӣ ва дигар амалҳои ғайриқонунӣ доранд ва ғ.

Дар айни замон новобаста аз он ки талаботи аҳолӣ ба амалиёт ва хизматрасониҳои маҷозӣ зиёд гардидааст, ҳамоно талабот ва ислоҳот дар самти ҷорӣ намудани техника ва технологияҳои муосир амри зарурӣ маҳсуб меёбад. Мутаассифона, чунин амал ба таври мукаммал дар тамоми нуқтаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон татбиқ нагардидааст. Гарчанде дар шароити имрӯза он механизми нави инноватсионӣ мебошад, ки мушкилоти вақт ва дигар хароҷоти ба роҳу нақлиёт ва сатҳи хавфҳо вобастаро бартараф менамояд.

Аз ин лиҳоз, ҷалб намудани агентҳои бонкии пардохтӣ дар муҳити инноватсионии бозори бонкӣ ва дар амал татбиқ намудани амалиётҳои электронии бидуни пули нақд чунин бартариятҳо вуҷуд дорад:

- Дар сатҳи минтақавӣ ва фароминтақавӣ зиёд намудани даромади пулии аҳолӣ ва ба таври сода фароҳам овардани шароит барои истифодаи бемаҳдуди хизматрасониҳо;
- Вобаста ба нақшаи даромад ва хароҷот коҳиши сатҳи хароҷоти бонкӣ аз ҳисоби филиалҳо ва марказҳои хизматрасонӣ ва ба ҷойи он ворид намудани бонкдории маҷозӣ-кисагӣ ё ба таври дигар “Ҳомбанкинг”;

- Ба таври доимӣ афзоиш додани гардиши пулҳои ғайринақдӣ ва маҳдуд кардани пули нақд;
- Таълими доимии аҳолӣ дар бораи баланд бардоштани маърифати молиявиии онҳо вобаста ба сохтори даромади онҳо.

Заминаҳои қаблии инноватсионӣ дар самти пардохтҳои электронӣ тахминан то солҳои 1998 пурра аз уҳдаи коркарди амалиётҳои электронӣ намебаромад ва ин масъала боис гардид, то ба ҷараёнҳои инновасионии низоми электронии пардохт даст ёфта, муаммоҳои дар ин самт ҷойдоштаро бартараф намоянд. Дар сатҳи низоми бонкӣ имрӯз нишондиҳандаҳои онҳо назаррас мебошанд ва фаъолияти низоми бонкӣ ва истифодаи хизматрасониҳои мизоҷонро содаю манфиатовар гардонидааст.

Дар рафти истифодаи васеи равандҳои инноватсионӣ ба низоми молиявию бонкии кишвар шароит фароҳам мегардад, ки дар муҳити инноватсионӣ талаботи истифодабарандагони амалиёт ва хизматрасониҳои бонкиро қонеъ намуда, дар ин замина манфиатҳои дутарафа ва бисёртарафаро соҳиб шаванд. Зеро истифода аз технологияҳои муосир ҳам амри воқеӣ ва ҳам амри маҷбурӣ буда, бидуни гузаштан ба он дар ҷаҳони муосир пеш рафтан ғайриимкон аст. Ин ҳолат чун бештар аз соҳаҳои дигар барои бахши молиявию бонкӣ зарурӣ буда, онҳо метавонанд ба сифати пешсафони ин масъала дар ҷамъият баромад намоянд. Имрӯз маъмултарин равишҳои татбиқи афзорҳои рақамӣ дар низоми молиявию бонкӣ амалиётҳои электронии пардохтӣ маҳсуб меёбанд, ки дар татбиқи дигар ҳадафҳои инноватсионӣ нақши калидӣ доранд.

Мо дар таҳқиқоти илмии худ тамоюли таҷриба ва рушди инноватсияро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ду марҳалаи асосӣ арзёбӣ намудем. Тафовут ва бартариятҳои онро дар расми 2.3. дар чунин шакл мушоҳида кардан мумкин аст.




**Расми 2.3. Сохтори воситаҳои инноватсионии пардохти замони қаблӣ ва муосир дар низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**Сарчашма:** Аз тарафи муаллиф таҳия шудааст

Тибқи маълумотҳои сохторие, ки дар расм оварда шудааст, муҳити инноватсионии бонкро дар шароити имрӯза ғайр аз омилҳои субъективӣ, ки онҳо ба таври маъмул ва доимӣ дар низоми бонкӣ ҷой доранд, мадди назар гирифта, таъсири омилҳои объективиро дар ин самт муайян намудан мувофиқи мақсад мебошад.

Дар сурати сари вақт мутобиқ нашудан ба равандҳои ҷаҳонишавӣ дар самти технологияҳои ҳозиразамони иттилоотию иртиботӣ сатҳи осебпазирии низоми бонкӣ батадриҷ афзоиш меёбад ва дар он сатҳи хавфҳо, таъсири

омилҳо зиёд ва тезтар мегарданд. Иброз намудан мумкин аст, ки чӣ қадаре ки бонкҳо ба муҳити инноватсионӣ тез гузаранд, ҳамон андоза сатҳи самаранокии фаъолияти тарафҳо дар самти табодули маълумоти электронӣ бештар мегардад. Баъд аз соли 2014 зарурати ҳарчи зудтар гузаштан ба муҳити инноватсионии низоми бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пеш омад. Тавре маълумотҳо нишон медиҳанд, рушди ботадриҷи истифодаи технология ва воситаҳои электронӣ баъд аз соли 2018 ривоҷ ёфта, то ҳол ба он аҳаммияти зарурӣ медиҳанд (нигаред диаграммаи 2.1.).

**Диаграммаи 2.1. - Сохтори воситаҳои пардохтӣ ва нишондиҳандаҳои амалигардии пардохтҳои электронӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**




**Сарчашма: [54].**

Ҳамзамон, таҷрибаи ин тамоюл дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баъд аз бухрони ҷаҳонии молиявии соли 2008 ва таъсири манфии он баъди 5-10 сол собит намуд, ки рушди муваффақонаи бонку ташкилотҳои қарзиро дар шароити имрӯза бидуни механизмҳои инноватсионии пардохтӣ ва рақамикунонии амалиёту хизматрасониҳо тақвият додан ғайриимкон аст. Афзоиши воситаҳои электронии пардохтӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баъд аз соли 2018 барои нишондиҳандаҳои электронӣ дар сатҳи низоми бонкӣ боиси

рушди бомароми бозори нави бонкӣ гардид. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор воситаҳои электронии пардохтӣ бамаротиб густариш ёфтанд. Маълумотҳои диаграммаи мазкур аз он шаҳодат медиҳанд, ки дар солҳои охир ҳукумати кишвар ба татбиқи муҳити инноватсионии электронӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир менамояд.

Вусъати QR-рамзҳо дар низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон баъд аз соли 2015 як падидаи нав дар самти истифодаи технологияҳои рақамӣ бошад, истифодаи "...QR-рамзҳо ба солҳои 2000-ум ба давлати Ҷопон рост меоянд. Он дар соҳаҳои гуногун, махсусан, дар лавҳаҳои таблиғотӣ, муқоваи рӯзномаҳо, билбордҳо ва ҳатто ҳамчун усули таҷрибавии пардохт васеъ истифода мегардиданд". Дар робита ба ин, чунин гуфта шудааст, ки "...мақсад аз ҷорӣ намудани рамзи ягонаи QR васеъ намудани инфрасохтори пардохт барои таъмини эътимоднокӣ ва самаранокии пардохтҳо, инчунин, рушди босуръати пардохтҳои ғайринақдӣ дар қаламрави кишвар ба ҳисоб меравад" [94, с.40].

Вобаста ба ин зарурат дар давраи таҳлилшаванда шумораи QR-рамз аз 2006 адади соли 2019 ба 16472 адад дар соли 2024 баробар гардидаанд, ки дар муқоиса ба он сол 7,3 маротиба зиёд мебошад. Ҳамчунин, дар ин давра шумораи POS-терминалҳо аз 3535 адади соли 2019 ба 7939 адад дар соли 2024 баробар гардидаанд, ки рушди мутаносиби он дар давраи таҳлилшаванда 124,5%-ро ташкил медиҳанд. Ҳамчунин, дар давраи таҳлилшаванда шумораи банкоматҳо ба миқдори 1867 адад ё 2,3 маротиба афзоиш ёфтааст. Дар ин давра истифодаи терминалҳои электронӣ дар НППН барои қонеъ кардани талаботи аҳолӣ ва бо ин роҳ зиёд намудани эътимоди аҳолӣ ба низоми бонкӣ боиси он гардид, ки шумораи онҳо аз 1813 адади соли 2019 то ба 3597 адад дар соли 2024 зиёд гашта, дар муқоиса 1784 адад ё 98,8 фоиз зиёд гардидааст.

Қайд кардан зарур аст, ки яке аз инноватсияҳои наве, ки дар фановариҳои замони муосир ҳамчун омили асосии инноватсионӣ маҳсуб меёбад, баъд аз соли 2020 густариш пайдо намуда, бонкҳо дар талош барои

истифодаи васеи он мебошанд. Ин терминалҳои худкори худхизматрасонӣ мебошанд, ки ба онҳо бонкҳо баъд аз соли 2020 аҳаммияти ҷиддӣ доданд. Маълумотҳои диаграмма ишора ба он доранд, ки агар дар соли 2020 терминалҳои худкори худхизматрасонӣ 5078 ададро ташкил намуда бошанд, пас шумораи онҳо дар низоми бонкӣ соли 2024 ба 10291 адад баробар гардидааст, ки дар муқоиса ба соли 2020, 5213 адад ё 102.6% афзудааст.

Вобаста ба маълумотҳои мазкур чунин хулоса баровардан мумкин аст, ки то ҳол воситаҳои пардохтии хусусияти психологидошта, аз як тараф, ба боварии мизоҷон метавонанд таъсири манфӣ расонанд, аз дигар тараф, ба афзоиши талабот ба пулҳои нақд боис мегарданд, бояд зери назорати доимӣ қарор дода шаванд. Илова бар ин, иброз доштан бамаврид аст, ки яке аз вазифаҳои асосии ҳар як бонку ташкилоти қарзӣ ин таъмини доимии уҳдадориҳои худ дар заминаи пардохтпазирӣ мебошад, ки дар бозори бонкӣ ин масъала омили асосии ба даст овардани эътимоди аҳолӣ ба низоми бонкӣ мебошад.

Ин масъаларо аксаран тавассути банкоматҳо ва терминалҳои электронии пардохти пули нақд мушоҳида кардан мумкин аст. Новобаста ба он ки шумораи банкоматҳо ва нуқтаҳои пардохти пули нақд дар ҳоли зиёдшавӣ қарор доранд, дар баробари ин, омилҳои манфии зиёдшавии онҳо ба тақвияти рушди инноватсионии раванди пардохтҳо метавонад таъсир расонанд. Вобаста ба ин, мо бар он назарем, ки дар муқоиса бо банкоматҳо ва нуқтаҳои пардохти пули нақд беҳтар аст, агар аз воситаҳои нави электронии пардохт: POS-терминалҳо, QR-рамзҳо ва терминалҳои худкори худхизматрасонӣ, банкоматҳои насли ҷадиди бисёрфунксионалӣ, ҳамёнҳои электронӣ ва дигар воситаҳои ба ин баробар васеъ истифода баранд.

Ҳамчунин, ба андешаи мо, дар шароити имрӯза бамаротиб зиёд намудани шумораи банкоматҳо ва нуқтаҳои пардохти пули нақд метавонад чунин таъсири манфӣ расонад:

1. Паст намудани суръати татбиқшавии ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ дар доираи технологияҳои иттилоотию иртиботӣ ва афзорҳои ҳушманди дорои зеҳни сунъӣ ва хотираи локалӣ;

2. Баланд кардани хавфи пардохтпазирӣ ва нуфузу эътибори бонк аз ҳисоби зиёд шудани талаботи нақдӣ ва анбуҳи талаботи мавсимӣ ба ин намуди амалиёт;

3. Зиёд шудани сатҳи бесамарӣ ва дар доираи ин зиёд намудани ҳаҷми пул дар муомилот ва расонидани таъсири манфӣ ба маърифати молиявии аҳолӣ;

4. То як андоза баланд намудани хавф ҳам дар сатҳи низоми бонкӣ ва ҳам дар сатҳи хизматрасонӣ ба мизоҷон;

5. Паст намудани суръати воридшавии ҷараёнҳои инноватсионӣ ва дар доираи ин татбиқи стратегияҳои бонкӣ ва ғайра.

Дар айни замон вусъат бахшидани дигар воситаҳои ҳозиразамони пардохтию иттилоотӣ ба ҷои банкомату терминалҳои пардохти пули нақд ва ба ҷои он истифодаи васеи натанҳо POS-терминалҳо, QR-рамзҳо ва терминалҳои худкори худхизматрасонӣ, балки истифодаи васеи воситаҳои мобилӣ ва алоқа имкон медиҳад ба натиҷаҳои назарраси зерин расем:

1. Фароҳам овардани шароити хуби воридшавӣ ба марҳалаҳои нави инноватсионӣ, ки тавассути воситаву барномаҳои ҳозиразамони бонкӣ амалӣ мегарданд;

2. Аз байн бурдани норасоиҳои пардохтии нақдӣ ва дигар воситаҳои ба ин баробар, ки метавонанд боварӣ ва эътимоди мизоҷонро ба бонку низоми бонкӣ зиёд намоянд;

3. Баланд кардани суръати афзоиши иҷрои амалиёт ва хизматрасониҳои бонкӣ ва ҳамзамон, ғайринақдӣ кардани тамоми амалиётҳое, ки айни замон аҳаммияти нақдӣ доранд (амалиёти қарзӣ ва пасандозӣ);

4. Вобаста ба ҳадафҳои стратегии кишвар дар самти ҳукумати электронӣ ва комилан ғайринақдикунонии тамоми пардохтҳо зарурати дар муҳлатҳои

кӯтоҳтарин ба таври фарогир татбиқ намудани ҳукумати электронӣ чораҳои зарурӣ андешида шаванд.

## 2.2. Таҳлил ва баҳодиҳии навовариҳои бонкӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт

Пешрафтҳо, таҳаввулот, бархӯрди манфиатҳо ва як қатор масъалаҳои мубрами дигар дар самти сиёсат, иқтисодиёт, технологияҳои иттилоотию иртиботӣ ва ҷанбаҳои дигари гузариш ба ин ҷараён водор ба он менамояд, ки имкониятҳои худро вобаста ба ин тағйирот ва ҷараёнҳо мувофиқ ва амсилаҳои мутобиқшавии худро бо ин падидаҳои номушаххас ва норавшан мутобиқ намоем. Қайд кардан ба маврид аст, ки масъалаҳои мубрами мушкилофари низоми бонкиро дар давоми 5-10 соли охир мо метавонем тавассути рақамикунонии иқтисодиёт ва гузариш ба марҳалаҳои нави инноватсионӣ ҳал намуда, як қатор имкониятҳои навро ба даст орем. Зеро дар натиҷаи рушди бомароми иқтисодиёт ва паст кардани шиддати хавфҳое, ки мо дар низоми бонкии худ таҷриба намудем, метавон ин мушкилотро тавассути ҳукумати электронӣ ва рақамикунонии иқтисодиёт бо хароҷоти кам ва зарари камтарин бартараф намуд. Дар робита ба ин ҷараёни муҳимми низоми бонкии кишвар Бонки миллии Тоҷикистон барои роҳандозӣ ва татбиқи ин масъала дар пешбурди амалиётҳои молиявию пардохтӣ "... дастгирии рушди рақамӣ ва инноватсионии бахши молиявиро" [95, с.16] ҳамчун ташаббус мавриди таваҷҷуҳ қарор доданд [127], [131].

Бо ин мақсад, дар таҳкими суботи низоми бонкӣ як қатор масъалаҳои тарафайн ҷой доранд, ки дар заминаи он рушди мутақобиларо ба миён овардан мумкин аст. Аз ин хотир, рушди низоми бонкӣ аз тақвияти инноватсияҳои бонкӣ ва дараҷаи гузариш ба амалиётҳои электронӣ вобастагии зиёд дорад. Дар рушди технологияҳои рақамӣ нақши низоми бонкӣ ва афзоиши шумораи онҳо, ки дарвоқеъ, муҳити инноватсиониро ба вуҷуд меоранд, муҳим мебошад. Дар сатҳи зарурӣ ташаккул наёфтани муҳити инноватсионӣ дар марҳалаи босуръат гузаштан ба ин ҷараён як қатор

мушкилот вуҷуд дорад, ки асоситарини онҳоро дар чунин шакл мушоҳида кардан мумкин аст:

1. Надоштани захираҳои кофӣ ва озоди пулӣ барои ба таври иловагӣ харидорӣ намудан ва ворид кардани технологияҳои инноватсионӣ ба низоми бонкӣ;

2. Омодагии пурра надоштани аҳолӣ барои гузаштан ба технологияҳои рақамӣ аз ҳисоби кам будани воситаҳои электронии худхизматрасон дар низоми бонкӣ;

3. Набудани инфрасохтори зарурии пардохтӣ ба таври фарогир дар минтақаҳои алоҳидаи Ҷумҳурии Тоҷикистон;

4. Пурра берун наомадани аҳолӣ вобаста ба масоили мубрами эътимод ба низоми бонкӣ ва вазъи пардохтпазирии онҳо дар кишвар;

Нокифоягии даромади аҳолӣ ҷиҳати пасандознамоӣ дар ташкилотҳои қарзӣ ва ғ.

“...Дар солҳои аввали соҳибистиқлолӣ вобаста аз байн рафтани алоқаҳои тиҷоратию иқтисодӣ, халалдор гардидани ҳисоббаробариҳо бо собиқ ҷумҳуриҳои Иттиҳоди Шуравӣ, қатъ гардидани вуруди маблағҳои мутамарказ аз буҷети умумииттифоқӣ, якбора боло рафтани нархҳои воридотии захираҳои энергетикӣ, молҳои истеъмолӣ иқтисодиёти мамлакатро рӯ ба бухрони шадид гардонд. Дар маҷмуъ, соли аввали соҳибистиқлолӣ ММД то 32,4% коҳиш ёфт” [78, с.294]. Дар ҳамон давраи бухронӣ дар мамлакат нарасидани захираҳои молиявии худӣ, ки барои гузаронидани ислоҳоти амиқи иқтисодӣ зарур буданд, ҳаматарафа эҳсос мегардид. Бинобар ин, дар муҳити инноватсионӣ ташаккул додани рушди низоми бонкӣ, ки он фарогири тамоми масъалаҳои мубрами низоми бонкӣ мебошад, ҳамчун шарти асосӣ маҳсуб меёбад. Қайд кардан зарур аст, ки дар солҳои аввали соҳибистиқлолӣ барои ташкили муҳити дурусти инноватсионӣ, ки дар таркиби он як қатор масъалаҳои сохторию хадамотӣ нақши зарурӣ доштанд, на он қадар кифояткунанда буд, ки ба инҳо масъалаҳои зерин шомиланд:

1. Кам будани ҳиссаи бонкҳои ноустувор, нокифоя будани захираҳои молиявӣ ва вазъи пасти пардохтпазирӣ дар низоми бонкӣ;

2. Фалаҷ будани қисми зиёди бахши воқеии иқтисодиёт ва душвории дар муддати кӯтоҳ берун кардани он тавассути бахши бонкӣ ва роҳу воситаҳои дигар;

3. Набудани воҳиди пулии устувор ва дар радифи ин, бамаротиб боло рафтани сатҳи таваррум ба таври афзоянда ва аз ҳолати идорашавандагӣ берун;

4. Паст будани сатҳи захиравӣ ва иқтидори молиявии бонкҳо барои дар як давра ворид намудани технологияҳои инноватсионӣ;

5. Паст будани робитаҳои берунибонкии мо ба давлатҳои хориҷӣ ва набудани ҳамкории зич барои фароҳам овардани замина барои рушди муҳити инноватсионӣ;

6. Ба таври умумӣ дар сатҳи паст ва нокифоя қарор доштани воситаҳо ва дигар нишондиҳандаҳо.

Дар низоми бонкӣ зиёд будани ҳиссаи бонкҳои низомсоз ва устувор як омили асосии тақвияти рушди инноватсияҳои бонкӣ дар заминаи муҳити рақобат мебошад. Аз ин хотир, зиёд будани шумораи бонкҳои ноустувор метавонад ба фазои инноватсионии низоми бонкӣ, ки он дар асоси талаботи рӯзафзуни аҳолӣ ҳосил мегардад, таъсири манфӣ расонад.

Илова бар ин, ташкили муҳити дурусти инноватсионӣ аз вазъи иқтисодиёти ҷумҳурӣ, андешидани чораҳои қатъӣ ва таъхирнопазир ҷиҳати таъсиси институтҳои молиявӣ ва поягузории механизмҳои амалкарди иқтисодӣ ва инноватсионӣ вобастагии зиёд дорад. Таҳлили вазъи низоми бонкӣ нишон медиҳад, ки бонкҳо бидуни фароҳам сохтани муҳити инноватсионӣ ва ҳарчи тезтар маҳдуд кардани омилҳои хавфноки ба пули нақд алоқаманд барои баромадан аз чунин вазъи ногувор ғайриимкон аст. Аз рӯйи тағйирёбии шумораи бонку ташкилотҳои қарзӣ пай бурдан мумкин аст, ки сабабҳои баланд гардидани шиддати коҳишёбии онҳо аз ҳисоби кам

будани воситаҳои инноватсионии техникӣ ва пардохтӣ дар сатҳи кофӣ мебошад (нигаред диаграммаи 2.2.).

**Диаграммаи 2.2. Низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2014-2024 (бо адад)**




**Сарчашма:** [21],[22],[23],[24],[25],[26],[27],[28].

Тағйирёбии низоми бонкӣ ва ё муфлисшавии бонку ташкилотҳои қарзии дорои нуфуз ва эътибори баланд шароит фароҳам месозанд, то ба дигар бонку ташкилотҳои қарзии ғайрибонкӣ осеби ҷиддӣ расонида шуда, як қатор мушкилот ба миён оянд. Аз дигар тараф, ин боиси коста шудани масъалаҳои инноватсионӣ мегарданд, ки аксар маврид дар заминаи технологияҳои иттилоотӣ сурат мегирад. Дар бозори бонкӣ зиёд намудани шумора ва ҳиссаи бонкҳои устувор ё ба таври дигар, бонкҳои низомсоз механизми асосии таъмини суботи бозорӣ ва дар сатҳи зарурӣ мебошад. Аз ҳисоби зиёд будани шумораи ин гуна бонку ташкилотҳои қарзӣ дар бозори рақобат ҷорӣ намудани муҳити инноватсионӣ ва бо усулҳои муосир анҷом додани амалиёт ва хизматрасониҳои бонкӣ муҳим мебошад (нигаред ба ҷадвали 2.1.)

**Ҷадвали 2.1. - Меъёри ҷамъбастии ташкилотҳои қарзии низомсоз ва ташкилотҳои қарзии эҳтимолӣ барои солҳои 2019 - 2022 (бо%)**

| Номгӯи ташкилотҳои қарзии низомсоз | Солҳо | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 | 2024 |
| БДА ҶТ «Амонатбонк» | 30,64 | 31,13 | 30,53 | 24,64 | 24,27 | 22,87 |
| ҶСК «Ориёнбонк» | 21,71 | 20,54 | 21,43 | 20,06 | 20,06 | 18,63 |
| ҶСК «Бонки Эсхата» | 13,52 | 12,43 | 11,91 | 12,64 | 14,39 | 14,7 |
| **Ташкилоти қарзии эҳтимолӣ** | | | | | | |
| ҶСП ТАҚХ «Имон Интернешнл» | 7,30 | 7,22 | 6,42 | 5,07 | 5,17 | 6,0. |

**Сарчашма:** [16]

Ҳамчун таҷриба сатҳи баланди барҳамхӯрии бонку ташкилотҳои қарзии ғайрибонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон як қадами устувор дар самти гузаштан ба воситаҳои инноватсионӣ маҳсуб меёфт, иловатан, он ҳамчун таҳаввулоти бузург дар масъалаи ҳарчи зудтар гузаштан ба ин ҷараён буд. Бо сабаби ноустувор будани вазъи молиявии қисме аз бонку ташкилотҳои қарзӣ вобаста ба таъсири омилҳои дохилӣ дар навбати аввал ва дар навбати баъдӣ омилҳои берунӣ боиси он гардид, ки сатҳи осебпазирӣ ва муфлисшавӣ дар низоми бонкии Тоҷикистон ва таъсири институтсионалии он афзоиш ёбад.

Дар сохтори низоми бонкии кишвар ҷиҳати хизматрасониҳои гуногун ба аҳолӣ то давраи анҷоми таҳқиқот 18 адад бонк, 19 адад ТАҚХ, 8 адад ТҚХ, 25 адад ФҚХ амал менамояд, ки дар байни онҳо мувофиқи ҳисобҳо ва меъёрҳои БМТ 3 адад бонк ва як адад ташкилоти амонатии қарзии хурд ҳамчун бонку ташкилотҳои қарзии ғайрибонкии низомсоз маҳсуб меёбанд. Аз ин хотир, гуфтан мумкин аст, ки бо чунин вазъият, ба андешаи мо, татбиқи босуръати омилҳои электронӣ-инноватсионӣ душвор мебошад. Ҳамчунин, гуфтан мумкин аст, ки нигоҳ доштани мувозинати сатҳи устуворӣ аз рӯйи меъёрҳои баҳодиҳӣ дар ташкилотҳои қарзии мазкур давоми 4-6 соли

охир бетағйир мебошад ва ин аз он гувоҳӣ медиҳад, ки устуворӣ дар бонкҳои мазкур таъмин аст. Ба ин хотир, ҷиҳати татбиқи босуръати воситаҳои инноватсионӣ ва ба даст овардани эътимоди аҳолӣ чунин масъалаҳо бояд мавҷуд бошанд:

1. Зиёд намудани ҳиссаи бонкҳои низомсоз ва дорои имконияти баланди пурра гузаштан ба воситаҳои инноватсионии пардохту хизматрасониҳо;

2. Дар сатҳи зарурӣ гирифтани пеши роҳи муфлисшавии бонку ташкилотҳои қарзӣ тавассути гузаштан ба усулҳои муосири инноватсионии пардохт;

3. Маҳдуд кардани амалиётҳои хусусияти нақдидошта (додани қарз ва қабули пасандоз) ва дар сатҳи зарурӣ ба амалиётҳои ғайринақдӣ мубаддал кардани онҳо;

4. Фароҳам овардани инфрасохтори зарурии минтақавӣ дар тамоми манотиқи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ҷойгиршавии ҷуғрофии бонкҳо;

5. Бо истифода аз усулҳои инноватсионӣ ҳавасманд кардани истифодабарандагони хизматрасониҳои бонкӣ ба таври доимӣ ва ғ.

Дар айни замон ворид шудани бонкҳо ба технологияҳои рақамӣ захираҳои пулии бонкҳоро устувор намуда, сатҳи пардохтпазирии онҳоро баланд ва як қатор хавфҳоро бартараф менамоянд. Аз ин хотир, дар баробари зиёд кардани шумораи бонкҳои низомсоз афзоиши муҳити инноватсионӣ бо технологияҳои рақамӣ шарти зарурӣ мебошад. Татбиқи технологияҳои рақамӣ дар шароити имрӯза ҳамчун омили инноватсионӣ мураккаб ва душвор буда, гузаштан ба ин низом як қатор талабот ва масъалаҳои асосиро тақозо менамояд. Дар шароити имрӯза бо роҳи зиёд намудани воситаҳои техникӣ дар низоми бонкӣ як қатор имкониятҳои нав фароҳам гардида, шояд давоми 4-5 соли охир шумораи бонкҳои низомсоз ва ташкилотҳои қарзии ғайрибонкии ба ин баробар низ афзоиш ёбанд.

Гарчанде ки истифодаи технологияҳои рақамӣ сатҳи самаранокии фаъолияти бонкҳоро дар марҳалаи аввал боло мебардоранд, ҳамоно дар мавриди дигар метавонад вобаста ба омилҳои объективӣ ва субъективӣ як

қатор мушкилотро ба миён оваранд. Бо ин мақсад, истифодаи технологияҳои электронию иттилоотии инноватсионӣ дар айни замон бо душвориҳои гуногун вобаста буда, дар баробари хатарҳои ба ин муҳит вобаста ба дигар хатарҳо низ рӯ ба рӯ мегарданд. Вазъияти иқлимӣ оид ба нобаробарии ҳамвориҳо дар самти мавҷрасонӣ барои истифодаи технологияҳои рақамӣ ба он боис гардид, ки дар рушди низомҳои нави инноватсионии хизматрасониҳои бонкӣ ба таври минтақавӣ ва пайвастшавӣ ба як низоми мутамаркази пешниҳоди хизматрасонӣ мушкилот ба вуҷуд ояд. Дар баробари ин, бо сатҳи пасти ҷорисозии хизматрасониҳои электронӣ тавассути воситаҳои электронӣ як мушкилоти дигар ҷоринамоии низоми инноватсионӣ буд.

Дар айни замон технологияҳои рақамиро дар сатҳи низоми бонкӣ ба якчанд гурӯҳҳо ҷудо намудан мумкин аст ва натиҷаи онро дар расми 2.4. чунин пешниҳод намудем.




**Расми 2.4. - Таснифи мушкилот дар истифодаи технологияҳо дар сатҳи бонкҳо**
**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф

Маъмулан дар иқтисодиёти имрӯза бо дарназардошти талаботи ҷории давлат ва низоми бонкию молиявӣ вобаста ба рақамикунонӣ ва ТР дар рушди бонкҳо ва самаранокии иқтисодию иҷтимоӣ нақш дошта бошанд, ҳамоно дар ин самт дар марҳалаи аввал метавонанд як қатор мушкилоте, ки бо мурури замон дар натиҷаи талоши бонкҳо бояд ҳал шаванд, мавҷуд аст. Дар таҳқиқи амиқи ин ду масъалаи асосӣ метавонад ба мушкилоти минбаъдаи бонк, ки он барои сатҳи обрӯмандӣ ва таъмини бехатарӣ мебошад, таъсири манфӣ расонад. Ва ҳамчунон ин масъалаҳо боиси аз даст рафтани муштариён ва кам гардидани даромади бонк мегардад. Бинобар ин, дар шароити ҳассос будани боварӣ ва эътиқоди мизоҷон бонкҳо вобаста ба мушкилоти ҷойдошта чораандешӣ намуда, ҳалли ин муаммоҳоро дар муҳити инноватсионӣ ва гузаштан ба амалиётҳои пурраи рақамӣ бартараф намоянд.

Тавре муҳаққиқи тоҷик Ф.С. Маҳмадалиев қайд намудааст, "...дар ҷаҳони имрӯзаи босуръат рушдёбандаи технология муҳим аст дарк кунем, ки рақамикунонӣ на танҳо метавонад вазъи иқтисодиро беҳтар созад, балки имкониятҳои навро барои васеъ кардани дастрасӣ ба хизматрасониҳои молиявӣ низ фароҳам оварад" [96, с.46].

Дар низоми имрӯзаи бонкӣ вобаста ба ташкили муҳити инноватсионӣ ва сатҳи дарбаргирии он як қатор муаммоҳое ҷой доранд, ки дар татбиқи муҳити инноватсионӣ ва рушди пардохтҳои электронӣ ва дигар воситаҳои пардохтии ба ин баробар нақши калидӣ доранд ва онро ҳамчун муаммои муҳим қабул намудан шарти зарурӣ мебошад. Дар таъмини бехатарии фаъолияти бонкӣ ва шафофияти танзим ва идоракунии бухронҳои эътимод нақши асосӣ доранд. Илова бар ин, бехатарии техникӣ ва нигоҳ доштаи имиҷи худ тарзи ташкили бартарафсозии норасоиии инфрасохтори зарурӣ муҳим ва зарурӣ мебошад. Аксар маврид ҳангоми гузариш ба технологияҳои рақамӣ муаммои асосӣ мушкилоти рақамӣ ва сатҳи пасти дастрасӣ ба он мебошад [129].

Илова бар ин, чунин мушкилот дар таркиби худ амнияти истифодаи бонкҳоро аз ҷониби муштариён дар худ таҷассум намуда, онҳоро ба ҳам

пайваст менамояд. Бартарии муҳити инноватсионӣ дар истифодаи васеи технологияҳои рақамӣ аз воситаҳои анъанавии бонкӣ, ки аллакай онҳо аз истифодаи он пурра даст кашидаанд, бештар ва самараноктар мебошанд. Арзёбии навовариҳои рушди низоми бонкӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт бештар дар амалиётҳои хусусияти виртуалидошта татбиқ карда мешавад.

Дар давоми мушкилоти низоми бонкӣ, ки оғози он ба солҳои 2008 рост меояд, баъди соли 2018 дар низоми бонкии кишвар инқилоби муфлисшавии бонкҳо дар самти низоми молиявию бонкӣ, бахшҳои иқтисодию иҷтимоӣ як қатор мушкилот ба миён овард. Маҳз таҳлилҳои ин равандҳо нишон медиҳанд, ки баъд аз соли 2019 амалиётҳои виртуалии электронӣ тақвият ёфта, нишондиҳандаҳои он назаррас шудаанд (нигар. диаграммаи 2.3).

**Диаграммаи 2.3. - Динамикаи афзоиши шумораи ҳамёнҳои электронӣ дар низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон (солҳои 2019-2024)**




**Сарчашма: [54]**

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаи бесуботӣ ва осебпазирии низоми бонкӣ баъд аз вазъи ногувори он, ки асосан баъди солҳои 2014 ба вуҷуд омад,

як қатор тағйирот ва таҳаввулоти ҷиддиро дар самти низоми бонкӣ ба вуҷуд овард, ки самти фаъолият, ҷараёнҳои сохторӣ ва як қатор масъалаҳои дигарро дигаргун сохт. Дар шароити нави хоҷагидорӣ инноватсияҳои электронӣ - виртуалӣ боиси тақвияти амалиётҳои электронӣ мегардад. Дар давоми 5 соли охир амалиётҳои виртуалӣ ҳамчун қисми базавии воситаҳои электронӣ тамоили болоравиро касб намуда, рушди он дар ин муддат назаррас мебошад.

Дар марҳалаи аввали ташаккулёбии ҳамёнҳои электронӣ ҳамчун инноватсияи виртуалӣ ё маҷозӣ, соли 2019 шумораи ҳамёнҳо 345372 ададро ташкил дода бошад, он соли 2024 12072431 баробар гардида, дар ин нишондод натиҷаҳо назаррас мебошад. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки шумораи амалиётҳои электронӣ дар муқоиса ба соли 2019 8,7 маротиба афзоиш ёфтааст, ки дар муҳити инноватсионии бозори бонкӣ, махсусан, дар шароити имрӯза як падидаи нав ва дастоварди хуби низоми бонкӣ мебошад. Тибқи натиҷаҳои таҳлил барои тақвияти минбаъдаи масъалаи мазкур, ба андешаи мо, бояд масъалаҳои зерин мадди назари ҷиддӣ қарор дода шаванд:

1. Додани имтиёз ба истифодабарандагони ҳамёнҳои электронӣ ва имтиёзҳои дигари пардохтӣ дар шароити имрӯза;
2. Корбарӣ дар самти истифодаи васеи ҳамёнҳои электронӣ ва дар заминаи ин зиёд намудани усулҳои корбарӣ дар Тоҷикистон
3. Мутамарказ кардани ҳамёнҳои электронӣ дар доираи кортҳои ин ё он бонки алоҳида ба таври маҷмуӣ;
4. Маҳдуд кардани истифодаи кортҳои бонкӣ тавассути ҳамкориҳои тарафан бо мағозаву корхонаҳои сатҳи гуногун дар тамоми минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон;
5. Дарёфти роҳҳои сода ва имконпазири истифодаи ҳамёнҳои электронӣ дар тамоми минтақаҳои кишвар;
6. Таъмини интернети баландсуръат ва фарохмаҷро дар тамоми минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ғайра.

Айни замон амалиётҳои виртуалӣ-электронӣ дар Тоҷикистон тамоюли болоравӣ дошта, нишондиҳандаҳои он дар 5 соли охир назаррас мебошанд, ки натиҷаи онро диаграммаи 2.4 пурра инъикос менамояд.

**Диаграммаи 2.4. - Тамоюли рушди нишондиҳандаҳои пулӣ ва ҳаҷми онҳо тавассути дастгоҳҳои виртуалӣ дар солҳои 2019 - 2024**




**Эзоҳ:** ранги кабут маблағи амалиёт, ранги сурх шумораи амалиёт.
**Сарчашма:** [54].

Дар пасманзари рушди инноватсияи бонкӣ усулҳои инноватсиониро ҳамчун натиҷаи дастовардҳои нодир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳисобидан мумкин аст. Арзёбии натиҷаҳои инноватсиониро дар солҳои охир аз рӯйи маълумотҳои диаграммаи мазкур баҳо дода, онро дар самти тақвияти минбаъдаи амалиётҳои электронӣ тасаввур кардан мумкин аст. Аз ин лиҳоз, истифодаи усулҳои маҳдудкунӣ ҳамчун омили асосии тақвияти минбаъдаи рушди амалиётҳои электронӣ махсуб меёбад. Аз маълумоти диаграммаи 2.3 чунин хулоса баровардан мумкин аст, ки ҷараёни пайдарпайии рушди амалиётҳои электронӣ ва виртуалӣ дар сатҳи зарурӣ нигоҳ дошта шуда, тамоюли болоравии онро ба ҳама имконияту воситаҳо таъмин намудан шарти зарурӣ ва вазифаи аввалиндараҷаи бонку ташкилотҳои қарзии ғайрибонкӣ мебошад. Ҳамзамон, аз маълумотҳои диаграммаи 2.3 бармеояд, ки соли 2019

ҳаҷми амалиётҳои электронӣ 102 млн сомониро ташкил намуда бошад, ин маблағ дар соли 2024 ба 1726 млн сомонӣ баробар гардида, бо ҳисоби фарқ бо соли базавии таҳлилшаванда 1624 млн сомонӣ ё 15,9 маротиба шудааст. Албатта, ин тамоюл айни замон дар ҳоли рушд буда, он метавонад бамаротиб афзоиш ёбад.

Ҳамзамон, шумораи амалиётҳо тавассути воситаҳои электронии пардохтӣ соли 2019 1664 ададро дода бошад, он соли 2024 15119 млн ададро бо натиҷаҳои назаррас ташкил кардааст. Тавассути ба роҳ мондани чунин воситаҳои инноватсионӣ-виртуалӣ метавонад низоми бонкии кишвари моро дар тули чанд соли охир ба як қатор натиҷаҳои назаррас ноил созад ва мо ин масъаларо дар доираи ҳадафҳо ва стратегияҳои муайян пайваста дастгирӣ ва пайгирӣ намоем:

1. Дар давоми 2-3 соли охир пурра аз байн бурдани анбуҳи одамон дар назди банкомату терминалҳои пардохти пули накд дар минтақаҳои алоҳидаи кишвар;
2. Ба таври афзоянда зиёд намудани боварии аҳолӣ ба амалиёт ва хизматрасониҳои бонкӣ бо дарназардошти эътимод ба пардохтпазирии бонку ташкилотҳои қарзии ба аҳолӣ хизматрасон;
3. Пурзӯр намудани захираҳои пулии бонк ва дар ин замина, ташкили фонҳои махсус барои кам намудани шиддати хавфҳо ва дигар ҳолатҳои хатарнок дар раванди пардохтпазирӣ;
4. Шиддатнок кардани рақобат байни бонкҳо ва ташкилотҳои қарзии ғайрибонкӣ ҷиҳати бо усулҳои инноватсионӣ амал намудан дар бозори бонкӣ;
5. Пурра аз байн бурдани хавфҳои таҷаммуъ ва эътимод дар низоми бонкӣ ҳангоми якбора баланд гардидани талаботи аҳолӣ ба амалиёт ва хизматрасониҳои сатҳи гуногун.

Барои даст ёфтан ба дастовардҳои бонкӣ, ки мо онро метавонем ба таври доимӣ дар таҳқиқотҳои илмӣ пайгирӣ намоем ва он дар маркази таваҷҷуҳи ҳукумати кишвар низ қарор дорад, дар сатҳи низоми бонкӣ ба

вуҷуд овардани муҳити эътимод дар масоили мубрами истифодаи озод аз амалиёту хизматрасониҳои бонкӣ ва ҳамзамон, ба ин ҷалби маблағҳои бекорхобидаи аҳолӣ барои ба гардиши бонкӣ ворид кардани онҳо ва ғ. зарур аст.

### 2.3. Муаммоҳои рақамикунонии иқтисодиёт дар шароити рушди низоми бонкӣ

Тоҷикистони тозаистиқлол дар ҳама самту соҳаҳо ба таври гуногун дар масири печидаи равандҳои ҷаҳонишавӣ қарор дошта, мавҷудияти механизмҳои рушди худро тавассути техника ва технологияҳои рӯзафзун дар амал татбиқ менамояд ва мехоҳад роҳи дурусти ин масирро ба воситаи бахши молиявӣ ва бонкии кишвар равшан гардонад. Дар ин робита маълумотҳо ва дигар имкониятҳои электронию рақамӣ аз он шаҳодат медиҳанд, ки шароити имрӯзаи Тоҷикистонро яке аз унсурҳои асосии низоми иқтисодиёти муосир рушди бозори хизматрасониҳои бонкӣ дар заминаи ҳамоҳангсозии он ба самтҳои афзалиятноки иқтисодӣ бо истифодаи васеи равандҳои рақамикунонӣ ва амалиётҳои электронӣ ташкил медиҳанд.

Дар таҷрибаи ҷаҳонӣ ва Тоҷикистон дигаргуниҳои доимии иқтисодию молиявӣ ба таври доимӣ тақозо менамояд, ки иқтисоди рақамӣ дар бахши иқтисодию молиявии кишвар барои расидан ба сатҳи самаранокӣ ҷорӣ гардида, навсозии ба таври идомадор бошад. Ин ҳолат дар ҳама шароит метавонад ислоҳоти таркибӣ ва дар баъзе мавридҳои дигар ислоҳоти инстиутсионалиро тақозо намояд.

Дар иқтисодиёти имрӯза низоми молиявию бонкии кишвар аз зумраи он сохторҳое мебошад, ки дар татбиқи дурусти иқтисодиёти рақамӣ замина мегузорад ва дигар субъектҳоро маҷбур менамояд, ки ба ин масъала таваҷҷуҳ кунанд. Дар таҷрибаи муваффақе, ки ба таври воқеъбинона низоми бонкӣ дар давраи душвориҳо онро ба хубӣ эҳсос намуд, ин истифодаи амалиётҳои электронии пардохт ва дастгоҳу таҷҳизотҳои рақамӣ ва ҳушманд буд. Дар ин робита иброз доштан зарур аст, ки новобаста аз он ки амалиёту

хизматрасониҳои анъанавии 15-20 соли пеш бонкҳоро ба чолишҳои калон рӯ ба рӯ карда буд, имрӯз низ гузариш ба шаклҳои нави хизматрасонии бонкӣ ва таъмини бехатарии амалиётҳо тавассути ин шакли хизматрасониҳо мушкилоти муайянро ба миён оварда, як қатор бонку ташкилотҳои қарзиро домангир аст. Ин тамоюлро дар сатҳи осебпазирӣ Ш.Қ. Хайрзода ба таври мушаххас мавриди баррасӣ қарор додааст [135].

Дар айни замон яке аз масъалаҳои асосие, ки тавассути он сатҳи рақобатпазирии бонкҳо баланд ва пардохтпазирии онҳо таъмин мегардад, дар фаъолияти худ истифодаи технологияҳои пешрафта мебошад. Аз таҷриба ва мушоҳидаҳо пай бурдан мумкин аст, ки аксар давлатҳои муваффақ дар самти рушди иқтисодӣ бо истифода аз чунин низоми иқтисодӣ пешрав гардидаанд. Чунин тамоил метавонад як самараи фаъолияти бонкҳоро то сатҳи зарурӣ баланд бардорад.

Ҳамин мушкилоту бартариятҳост, ки олимону коршиносон пайваста дар пайи тафсир ва роҳи ҳалли ин масъала буда, андешаҳои худро мушаххасан пешниҳод менамоянд. Вобаста ба ин, муҳаққиқи ватанӣ Н. Акобирзода қайд менамояд, ки “...бозори хизматрасонии бонкӣ соҳаи ташаккули талаботу пешниҳоди хизматҳои бонкӣ аст, ки ба қонеъгардонии талаботи муштариён дар самтҳои гуногуни фаъолияти бонкӣ мусоидат мекунад. Бо дарназардошти он ки ташкилоти қарзӣ хизматрасонии бонкиро анҷом медиҳад, дар ин росто ҷустуҷӯи муштариёни наву нигаҳдории муштариёни қаблан ҷалбшуда ва бунёди низоми таъмини расонидани ин хизматҳо ба истеъмолкунанда аз вазифаҳои муҳимтарини бозори хизматрасонии бонкӣ ба ҳисоб мераванд” [79, с.254].

Таҷрибаи низоми бонкӣ нишон медиҳад, ки дар давраҳои аввали гузариш ба шаклҳои иртиқоёфтаи амалиёт ва хизматрасониҳои бонкӣ зарурати ислоҳоти соҳа ва равишҳои гуногунро ба таври доимӣ тақозо менамояд. Ҳамчунин, дар ин маврид як қатор омилҳои берунӣ, ба монанди таконҳои иқтисодӣ, бухронҳо ва муҳоҷират ба ин мушкилот ҳамроҳ буданд.

“...Таҷрибаи ҷаҳонии давлатҳои пешрафта нишон медиҳад, ки тариқи

сармоягузорӣ беҳтаршавии сифати хизматрасониҳои бонкӣ ба мизоҷон ҳамчун рушди босуръат дида мешавад ва ба устувории афзоиши даромади бонк таъсир мерасонад. Бозори хизматрасониҳои бонкӣ қисмати муҳимтарини бозори хизматҳои молиявӣ мебошад” [105, с.256].

Масъалаи истифодабарӣ аз доштани донишҳои кофӣ вобастагии зиёд дошта, тавонистан ва дар анҷоми амалиётҳо дуруст истифода бурдани технологияҳои рақамӣ дар низоми бонкӣ муҳим мебошад. Зеро имрӯз тамоми хизматрасониҳои бонкӣ ба воситаи технологияҳои виртуалӣ ё маҷозӣ сурат мегиранд. Бинобар ин, равишҳои гуногуни ҷорисозии низоми хизматрасониҳои бонкӣ метавонад бо таъсири омилҳои субъективӣ ва объективӣ дар амал татбиқ карда шаванд. Ин масъала низ мавриди таваҷҷуҳи Р.К. Раҷабов ва З.А. Раҳимов қарор гирифта, онҳо чунин назар доранд, ки “...дар пешкаш кардани хизматрасониҳои бонкӣ ва дастрасии пурра ба маҳсулоти бонкӣ ба шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ якчанд мушкилот ҷой дорад” [72, с.29]. Гарчанде ки технологияҳои рақамӣ дорои афзалиятҳои зиёди иқтисодию иҷтимоиянд, ҳамоно дар марҳалаи аввал мушкилот доранд.

Дар айни замон, дар баробари татбиқи иқтисодиёти рақамӣ ва дар ҳамин замина мутамарказ намудани тамоми сохторҳои муҳимми иқтисодӣ ба ин муҳит, зарур аст, ки равишҳои бунёдии гузариш мавриди таваҷҷуҳ қарор гирифта, дар ин самт пайваста корбарӣ сурат гирад. Тамоили болоравиро касб намудани равандҳои ҷаҳонишавӣ институтҳои молиявиро маҷбур намуд, ки дар бораи бознигарии амалиёт ва хизматрасониҳои худ чораандешӣ намуда, механизмҳои нави ҷорисозиро дар низоми бонкӣ дарёфт намоянд. Ин ҳол ба он кумак мерасонад, ки иқтисоди рақамӣ дар сатҳи сифатан нав ва самаранок имконпазир гардад. Дар иқтисодиёти рӯ ба рушд яке аз масъалаҳои асосии дар амал татбиқ намудани иқтисодиёти рақамӣ дар низоми бонкӣ мавҷудияти восита ва барномаҳои электронии инноватсионӣ мебошад, ки татбиқи ин ҳадафро дар давлат имконпазир менамояд. Чунин тамоил дар Тоҷикистон махсусан дар арзёбии сатҳи нишондиҳандаҳо баъд аз соли 2019 тамоили мусбат касб намудааст (нигар ҷадвали 2.2).

**Ҷадвали 2.2. - Нишондиҳандаҳои амалиётҳои электронӣ тавассути суратҳисобҳои бонкӣ дар солҳои 2015-2024**

| Номгӯй | Солҳо | | | | | | 2015 нисбат ба 2024 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2015 | 2019 | 2021 | 2022 | 2023 | 2024 | |
| Шумораи умумии суратҳисобҳо (адад) | 2 904, 5 | 4 057, 7 | 6 083, 4 | 8 444,5 | 11 236,5 | 14 145,8 | 3,8 маротиба |
| Суратҳисобҳои шахсони воқеӣ (адад) | 1 478,6 | 3 964,1 | 5 977,7 | 8 321,6 | 11 109,7 | 14 003,4 | 8,4 маротиба |
| Тавассути шабакаи интернет | 37, 1 | 124, 9 | 273,5 | 918,9 | 1 931,5 | 2 373, 8 | 6,2 маротиба |
| Тавассути воситаҳои алокаи телефонӣ (мобилӣ) | 37 215 | 175,6 | 870, 9 | 1 648,2 | 2 180, 2 | 2 316, 8 | 6,1 маротиба |
| Суратҳисобҳои шахсони ҳуқуқӣ (адад) | 83, 4 | 93,682 | 105, 6 | 122,9 | 126,8 | 142,3 | 7,1 маротиба |
| Тавассути шабакаи интернет | 4 718 | 7 603 | 10 554,0 | 14 624,0 | 37 588 | 28 282 | 4,9 маротиба |
| Тавассути воситаҳои алокаи телефонӣ (мобилӣ) | 2 | - | - | - | - | - | -2% |
| Шумораи умумии амалиёт (ҳаз. адад) | 15695 | 6005 | 59 372 | 8 550 | 12 764 | 162 785 | 9,3 маротиба |
| Ҳаҷми умумии амалиёт (млн сомонӣ) | 14426 | 2412 | 36 048 | 6 126 | 8 534 | 112 945 | 6,8 маротиба |

**Сарчашма: [21],[22],[23],[24],[25],[26],[27],[28].**

Мавҷудияти инфрасохтори электронии пардохт дар низоми бонкии Тоҷикистон яке аз муваффақтарин амалкардҳои низоми бонкӣ дар гузариш ба раванди инноватсионӣ маҳсуб ёфта, ба воситаи он ташкилотҳои қарзӣ ба ҳадафҳои худ ноил мегарданд. Дар робита ба ин, барои истифодаи самараноки технологияҳои рақамӣ дар низоми хизматрасониҳои бонкӣ дар марҳалаи аввал кушодани суратҳисобҳои бонкӣ барои гардиши амалиётҳо ва дигар воситаҳои электронии пардохт муҳим мебошад.

Аз ҳамин рӯ, дар давоми чанд соли охир нишондиҳандаҳо дар ин самт назаррас гардиданд ва бонкҳо барои рушди низоми хизматрасониҳои бонкӣ як қатор ислоҳот ворид намуда, натиҷаҳоро назаррас гардониданд. Тавре аз маълумоти ҷадвал бармеояд, суратҳисобҳо қисми асосии ташкили хизматрасониҳои бонкӣ буда, афзоиши он барои бонкҳо муҳим аст. Дар робита ба ин, агар соли 2015 суратҳисобҳои бонкӣ 2,9 млн ададро ташкил дода бошанд, соли 2024 ин шумора ба 14,145 млн адад расид, ки афзоиши муқоисавии он ба таври чашмрас 3,8 маротибаро ташкил намуд.

Тибқи таҳлилҳои ҷадвали 2.2 суратҳисобҳои шахсони воқеӣ ба андозаи 8,4 маротиба ва шумораи амалиётҳо тавассути шабакаи интернет 6,2 маротиб ва тавассути телефонҳои ҳамроҳ (смартфон) 6,1 маротиба зиёд шудаанд. Вобаста ба содагардонӣ ва самаранокии хизматрасониҳои маҷозӣ ва қулай будани онҳо шумораи суратҳисобҳои шахсони воқеӣ дар муқоиса бо шахсони ҳуқуқӣ бамаротиб зиёд мебошад. Ҳамзамон, суратҳисобҳои шахсони ҳуқуқӣ, агар соли 2015 ба 83 488 адад баробар бошад, ин нишондиҳанда дар соли 2024 ба 142397 баробар гардидааст, ки ин зиёдшавӣ 7,1 маротибаро ташкил медиҳад ва метавонад чунин сабабҳо дошта бошад:

- афзоиши чашмраси пардохтҳои электронӣ дар тамоми сохторҳои иҷтимоию иқтисодӣ;
- тасвиби Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи “Тадбирҳои вусъат додани ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ” ва татбиқи амалии онҳо;
- фароҳам гардидани инфрасохтори электронӣ ва пардохтӣ дар тамоми шаклҳои фаъолият;
- бехатарӣ ва манфиатовар будани хизматрасониҳои маҷозӣ барои тамоми истифодабарандагон ва ғ.

Новобаста аз он ки аз нуқтаи назари мо шумораи восита ва дастгоҳҳои хизматрасонии шахсони ҳуқуқӣ дар муқоиса бо шахсони ҳуқуқӣ камтар аст, аммо суръати рушд ҷанбаи меҳварӣ доштани фаъолияти шахсони ҳуқуқиро дар истифодаи хизматрасониҳо инъикос менамояд.

Дар низоми бонкии имрӯза барои бемаҳдуд истифода бурдани хизматрасониҳои фосилавии бонкӣ дар низоми бонк 3005 адад банкомат, 5 408 адад терминали электронӣ ба истифодабарандагон хизмат мерасонанд. Ҳамчун зернизомҳои электронӣ 1 907 адад дар нуқтаҳои пешниҳоди пули нақд ва 3 817 адад дар муассисаҳои савдою хизматрасонӣ ба мизоҷон хизмати маҷозӣ мерасонанд ( нигар диаграммаи 2.5).

**Диаграммаи 2.5. - Динамикаи рушди воситаҳо ва амалиёту хизматрасониҳо дар низоми бонкӣ барои соли 2020-2024**




**Сарчашма: [54]**

Дар татбиқи иқтисоди рақамӣ дар самти амалиётҳои электронии пардохтӣ фароҳам овардани инфрасохтори зарурӣ аз тарафи низоми бонкӣ, махсусан, пешниҳодкунандагони хизматрасониҳои бонкӣ муҳим мебошад ва ин масъала дар давоми чанд соли охир тибқи маълумотҳо тамоили болоравӣ дорад. Дар низоми бонкӣ афзоиш ёфтани техника ва технологияҳои муосир як ҷараёни нави рақобатро ба миён оварда, ин масъала боис гардид, ки низоми бонкии кишвар ба таври алоҳида барои навсозии фаъолияти худ ислоҳоти ҷиддиро ворид намояд. Ҳамаи ин масъалаҳо ба вусъати бозори хизматрасониҳои инноватсионии бонкӣ боис гардида, дар ин муҳит рақобати шадидро бо риояи таносуби як қатор меъёрҳо ва бартариятҳо ба вуҷуд овард.

Яке аз масъалаҳои асосие, ки рушди бозори хизматрасониҳои бонкиро бо равишҳои бехатар ва муваффақ таъмин менамояд, ин дарвоқеъ, истифодаи техника ва технологияҳои муосир буда, онҳо дорои хотираҳои локалии сатҳи баланд ва ҳиссиёти сунъӣ мебошанд. Оид ба муаммоҳои истифодаи технологияҳои рақамӣ ба маврид гуфта шудааст, ки "...замони пешравии технологияҳои иттилоотӣ, дар баробари бартариятҳои зиёди худ, инчунин,

паҳлуҳои дигар ҳам дорад, ки аз он гурӯҳи манфиатдор истифода мебаранд" [98, с.58]. Аз ин рӯ, дар таҳқиқоти илмии мо  ҳамин масъала ба яке аз нуқтаҳои асосии таҳқиқот табдил ёфтааст.

Дар робита ба ин, дастовардҳои низоми бонкӣ дар самти рушди пардохтҳои ғайринақдӣ аз технологияҳои рақамӣ буд. Тавре гуфта шудааст, "...таҷрибаи давлатҳои пешрафта дар низоми бонкӣ собит намуд, ки аксари пардохтҳо тавассути муомилоти ғайринақдӣ сурат мегиранд ва ин то як андоза дар паст кардани сатҳи хавфҳое, ки ба захираҳои пулӣ ва пардохтпазирии бонкҳо таъсир мерасонад, мусоидат менамояд" [81, с.121].

Дар шароити рақобатҳои технологӣ, махсусан, дар давраи гузариш ба иқтисодиёти рақамӣ муфид ва дастрас будани хизматрасониҳои маҷозӣ аз аслитарин равишҳои ҷалби таваҷҷуҳи мизоҷон дар заминаи таъмини даромади онҳо мебошад. Аз ин лиҳоз, рушди баробари бонкҳо ва бартарии сатҳи даромаднокӣ дар ҳолатҳое истифода мегардад, ки агар бонк дорои имкониятҳои васеи ҷалби таваҷҷуҳи хизматрасониҳои бонкӣ бошад. Ҳангоми истифодаи амалии технологияҳои рақамӣ дар таркиби инфрасохтори пардохтӣ барои бонкҳо як қатор шароитҳои созгорро фароҳам оварда, устувории захираҳо, пастгардии шиддати хавфҳо ва баъзе имкониятҳои дигарро фароҳам меорад.

Дар таҷрибаи имрӯзаи Тоҷикистон арзёбӣ ва баҳодиҳии вазъи иқтисодиёти рақамӣ асосан ҳамчун масъалаи марказонидашуда тавассути низоми бонкӣ амалӣ гардида, ҳама гуна пардохтҳои электронӣ тавассути бонкҳо ва зери назорати доимии бонкҳо қарор мегирад. Ҳамаи ин масъалаҳо ба он боис гардиданд, ки рушди амалиёт ва хизматрасониҳо тавассути роҳу воситаҳои пардохтӣ бамаротиб густариш ёбанд (ба диаграммаи 2.6.нигаред).

**Диаграммаи 2.6. - Рушди инфрасохтори амалиёт ва хизматрасониҳои бонкӣ барои солҳои 2020-2024**




**Сарчашма: [54]**

Аз маълумотҳои дар диаграммаи овардашуда бармеояд, ки ҳоло ҳам дар муқоиса ба ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ ҳиссаи ҳисоббаробаркуниҳои нақдӣ зиёд аст, гарчанде ки ҳиссаи ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ дар ҳоли зиёдшавӣ қарор дошта, он соли 2024 26%-ро ташкил медиҳад, афзоиши он дар муқоиса ба соли 2020 ба андозаи 2,2 маротиба боло рафтааст. Ҳиссаи гирифтани пули нақд соли 2020 аз банкоматҳо 21,1 миллиард сомониро ташкил намуда бошад, пас ин соли 2024 ба 85,4 миллиард сомонӣ баробар гардид, ки дар муқоиса ба соли соли 2020 ба ҳисоби таҳлили муқоисавӣ 3 маротиба афзудааст. Дар ин робита пардохти мол ва хизматрасонӣ низ дар ҳоли зиёдшавӣ қарор дошта, ин нишондиҳанда агар соли 2020 1,9 миллиардро ташкил намуда бошад, дар соли 2024 30,4 миллиардро ташкил медиҳад, ки натиҷаи афзоиши он назаррас аст.

Истифодаи самаранок ва воқеан таъсиррасони технологияҳои рақамӣ ба он боис гардид, ки боварии аҳолӣ нисбат ба низоми бонкӣ дар давоми 3-4 соли охир тақвият ёфта, истифодаи хизматрасониҳои бонкиро афзоиш

диҳанд. Ин ҳолат бонкҳоро ҳавасманд намуд ва дар ин самт барои боз ҳам беҳтар намудани сифати хизматрасониҳо ба навсозӣ ва тақвияти технологияҳои нав дар бонкҳо таваҷҷуҳ зоҳир карда шуд. Зеро дар сурати баланд будани шиддати хавфҳо ва таъсири омилҳо ба вазъи низоми бонкӣ талабот ба пули накд афзоиш меёбад ва ин метавонад ба вазъи низоми бонкии мамлакат таъсири манфӣ расонад.

Татбиқи амалии ҳадафҳои стратегӣ дар самти расидан ба амалиётҳои ғайринақдӣ ва маҳдудиятҳои чашмрас дар амалиётҳои нақдӣ талаб мекунад, ки низоми бонкӣ ҳамеша ба ислоҳоти таркибӣ ва институтсионалӣ рӯй оварад. Барои ташкили дурусти низоми ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ бонкҳо бояд ба худкифоягии технологӣ дар бозори рақобат таъмин бошанд.

“...Таҷрибаи рушди инфрасохтори электронии пардохтӣ дар як қатор низомҳои миллии бонкӣ (ҳам давлатҳои пешрафта ва ҳам кишварҳои дар ҳоли рушд қарордошта дар сатҳи хизматрасониҳои бонкӣ) бо дарназардошти комёбиҳо ва пастравиҳои онҳо бозгӯи он аст, ки либераликунонии фаъолияти бонкӣ бояд бо чорабиниҳо оид ба баланд бардоштани рақобатпазирии низоми бонкӣ, ки асоси онро хизматрасониҳои босифат ташкил медиҳад, пайваст бошад, зеро ин барои ба назар гирифтани муҳлатҳо ва миқёси таҳаввулоти низоми бонкӣ сабаб мегардад” [126].

Баъди соли 2018 бо дарназардошти як қатор муаммоҳо дар бозори хизматрасониҳои бонкӣ, махсусан, барои коҳиш додани талабот ба пули нақд баъзе чораҳо ва ислоҳоти бонкӣ амалӣ карда шуд, ки дар ин замина барои вусъати ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ ва рушди мунтазами хизматрасониҳои виртуалӣ бонкҳо дар тамоми муассисаҳои савдо ва хизматрасонӣ QR-рамзро насб намуданд, ки он барои коҳиши хароҷотҳо ва бо суръати баланд иҷро намудани пардохтҳои электронӣ бо як қатор бартариятҳои манфиатовар насб гардид, ки ин кори бонкҳо ва мизоҷонро дар амалигардии пардохтҳо осон намуд.

**Диаграммаи 2.7. - Тамоили зиёдшавии динамикии шумораи пардохтҳои виртуалии нав QR-рамзҳо барои соли 2020-2025 бо адад**




**Сарчашма:** [54]

Дар шароити вусъат пайдо намудани технологияҳои рақамӣ яке аз воситаҳои асосии татбиқи пардохтҳои электронӣ ва вусъати ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ ин QR-рамзҳои электронӣ мебошад. Аз таҳлили маълумотҳои диаграмма бармеояд, ки QR-рамзҳои электронӣ агар соли 2020 5266 ададро ташкил намуда бошад, ин нишондиҳанда дар соли 2024 ба 19918 адад баробар гаридааст ва ин мутаносибан ба соли 2020 2,7 маротиба афзоиш ёфтааст. Дар татбиқи рақамикунонии хизматрасониҳои бонкӣ истифодаи як қатор технологияҳо барои дастрасӣ ба хизматрасониҳои молиявию қарзӣ нақши калидӣ доранд, ки афзалият ва мушкилоти онро дар ҷадвали 2.3 чунин ишора намудем.

**Ҷадвали 2.3. - Технологияҳои муосири рақамии хизматрасониҳои маҷозии бонкӣ**

| ЗАМИМАБАРНОМАИ МОБИЛӢ | ИНТЕРНЕТ-БОНКИНГ | БЛОКЧЕЙН-ТЕХНОЛОГИЯ |
|---|---|---|
| **АФЗАЛИЯТҲО** | | |
| Сода ва самаранок намудани амалиётҳои молиявӣ бидуни вақти корӣ | Дастрасӣ ва мувофиқ ба имконият ва вақти корӣ | Коҳиши сатҳи хароҷотҳо ва фаъолгардонии ҳисоб |
| Зиёд намудани имконияти истифодабарии суратҳисоб ва идоракунии он аз тарафи мизоҷ | Сарфаи вақт ва пешгирии хароҷотҳои ба вақт вобаста | Суръати баланди коркарди иттилоот ва мушаххаскунӣ бо дарназардошти коҳиши хавф |
| Зиёд намудани имконият барои истифодабарии хизматрасониҳои маҷозӣ дар ҳама ҳолат | Пайгирии ҷиддии ҷараёни иҷрои хизматрасониҳо новобаста аз вақт ва шароит | Аз байн бурдани буҳрони эътимод тавассути технологияҳои рақамӣ дар соҳаи бонкӣ |
| **МУШКИЛОТ ВА КАМБУДИҲО** | | |
| Вобастагии он ба ҳолатҳои техникӣ ва истифодаи он дар хизматрасониҳо | Хавфи таъмини амният ва ҳифзи пардохтҳо | Сатҳи нокифояи донишҳои техникӣ дар самти истифодаи афзалият ва бартарияти блокчейн |
| Вобастагии он аз зудии ҳолати техникии иҷрои амалиётҳо | Сатҳи нокифояи дастрасӣ ба хизматрасонии маҷозӣ | Дар низоми бонкии кишвар ҳамчун механизми навҷоришуда мебошад |
| Мавҷудияти хавфҳо ҳангоми истифодабарии он ба дасти шахсони бегона | Суръати нокифояи мавҷҳои интернетӣ барои истифодабарандагони хизматрасониҳои маҷозӣ | Танзими идорашавандагии хавфҳо аз тарафи истифодабаранда дуруст омӯхта нашудааст |

**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф

Низоми бонкии кишварро дар ҳама ҳолат равандҳои ҷаҳонишавӣ ҳамроҳӣ карда, дар он бонкдории мобилӣ, интернет-бонкинг, блокчейнҷ технология ва ҳатто зеҳни сунъӣ мебошад, ки инҳо дар анҷоми амалиётҳои маҷозӣ ва татбиқи иқтисодиёти рақамӣ ва пардохтҳои ғайринақдӣ нақши калидӣ доранд. Гарчанде ки дар истифодаи онҳо мушкилот ҷой дорад, вале бартарии истифодаи онҳо метавонад бо мурури замон ин мушкилотро бартараф созад. Ҳамаи ин технологияҳо вобастагии байни воситаҳои электронии пардохтро дар иҷрои амалиётҳои пулӣ ба вуҷуд меоранд.

Бо суръати баланд рушд кардани техника ва технологияҳои муосир ва дар низоми бонкии кишвар васеъ истифода шудани он яке аз масъалаҳои асосиест, ки тавассути он татбиқи имкониятҳои пешниҳоди хизматрасониҳои

виртуалии бонкӣ имконпазир мегардад. Илова бар ин, робитаи мустаҳками бонк ва мизоҷ ташаккул ёфта, равишҳои нави илмӣ бо дарназардошти ҳимояи дутарафаи мизоҷон таъмин мегардад. Масъалаи таъмини баробарии рушди хизматрасониҳои бонкӣ ба имконияти худкифоии таъминоти бонк дар сатҳи минтақавӣ оид ба хизматрасониҳои бонкӣ вобаста аст. Бинобар ин, равишҳои гуногуни дастрасӣ ба хизматрсониҳои бонкӣ агар дар муҳити рақобат ба вуҷуд оянд, пас дар ин сурат пешрафти дастрасӣ ба хизматрасониҳои инноватсионӣ ба таври баробар дар тамоми минтақаҳои Тоҷикистон имконпазир мегардад. Ҳамаи ин масъалаҳо боис мегарданд, ки сатҳи хавфҳо дар бозори кортҳои бонкӣ, бозори қарзӣ ва бозори пасандозӣ бамаротиб коҳиш ёфта, дар ин замина рушди чашмрас таъмин гардад. Илова ба ин, “...дар давоми даҳсолаи охир низоми пардохтӣ, бахусус низоми пардохтии ғайринақдӣ, аз ҷиҳати ташкилӣ, техникӣ ва технологӣ ба куллӣ тағйир ёфта истодааст ва назари олимони соҳаи иқтисод доир ба мафҳум ва моҳияти низоми пардохтӣ ва низоми пардохтии ғайринақдӣ вобаста ба пешрафти ин самт гуногун буда, то ба имрӯз тамоми паҳлуҳои мафҳумҳои мазкур пурра омӯхта нашудааст” [82, с.106]. Паҳлуҳои дигари баррасии масъалаи мазкурро олими тоҷик Б.М. Шарипов дар мақолаи илмии худ мавриди баррасӣ қарор додааст [61].

Рушди чашмраси бозори хизматрасониҳои бонкӣ тақозо менамояд, ки монеаҳои ҷойдошта бо таҷрибаи кӯтоҳ ислоҳ гардида, заминаҳои минбаъдаи пешрафт дар пешниҳоди хизматрасониҳои нав таъмин гарданд.

Барои баланд бардоштани сифати хизматрасониҳо дар бозори пешрафтаи бонкӣ ва бартараф намудани камбудиҳои ҷойдошта чораҳои зерин тақозо карда мешавад:

- ворид намудани технологияҳои пешрафтаи бонкӣ ва тавассути он пешниҳоди шаклҳои гуногуни амалиёт ва хизматрасонӣ бо дарназардошти таъмини амнияти бехатарии пардохтҳо;

- тавассути таъмин намудани инфрасохтори минтақавӣ ва ғайриминтақавӣ бо техника ва технологияҳои муосир рушди хизматрасониҳои маҷозӣ ва кам кардани амалиётҳои нақдӣ;

- минтақавигардонии хизматрасонии электронии пардохтӣ тавассути ҷорӣ намудани низомҳои нави электронии пардохт бо роҳи ташкили низомҳои миллии марказонидашуда;

- коҳиши доимии хароҷот бо роҳи аз байн бурдани амалиётҳои бо пули нақд ифодаёфта дар низоми бонкӣ;

- баланд кардани таъмини амнияти амалиётҳои электронӣ бо роҳи аз байн бурдани воситаҳои хатарнок;

- дар сатҳи зарурӣ афзоиш додани инфрасохтори электронӣ дар бозори хизматрасониҳои бонкӣ бо роҳи ба ҳам пайваст намудани муносибатҳои гуногунҷанбаи амалиётҳои электронӣ дар муносибатҳои тиҷоратӣ ва ғайри он.

Вобаста ба ин, барои ташкили дурусти иқтисоди рақамӣ ва бунёди як иқтисодиёти марказонидашудаи рақамӣ бо истифода аз имкониятҳои низоми бонкӣ ва фаъолнокии онҳо дар Тоҷикистон як қатор барнома, консепсия ва фармонҳо қабул гардид, ба мисли “...Консепсияи иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд Консепсия) дар асоси Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, Ҷаноби Олӣ Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 26 декабри соли 2018 ва мувофиқи Қарори Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 январи соли 2019, № 39 «Дар бораи натиҷаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2018 ва вазифаҳо барои соли 2019» таҳия шудааст [55]. Боиси қаноатмандист, ки Тоҷикистон дар Осиёи Марказӣ аввалин кишварест, ки Стратегияи рушди зеҳни сунъиро 29 - уми сентябри соли 2022 қабул кардааст, ки ин санадҳо ва ҳуҷҷатҳои муҳим бори дигар имкониятҳои рушди хизматрасониҳои инноватсионии низоми бонкии кишварро густариш медиҳанд.

# БОБИ 3. ДУРНАМОИ НАВОВАРИҲОИ БОНКӢ ДАР ШАРОИТИ РАҚАМИКУНОНИИ ИҚТИСОДИЁТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## 3.1. Стратегияи рақамикунонии низоми бонкӣ дар шароити муосир

Дар иқтисодиёти рӯ ба рушд низоми бонкӣ аз муассиртарин механизмҳои таъсиррасон маҳсуб меёбад, ки дар ташаккули заминаҳои нави рушди иқтисодӣ ва таъмини устувории он дар давраҳои дарозмуддат нақши калидӣ ва ҳалкунанда доранд. Илова бар ин, пешрафти низоми бонкиро дар тағйирёбии бозори бонкӣ ва рақобат бидуни дастёбӣ ба технологияҳои рақамӣ ё воситаҳои ҳозиразамони пардохтӣ тасаввур кардан ғайриимкон аст. Бинобар ин, дар муҳити васеъ зарурати фаъолнокии бонкҳо ва дигар ташкилотҳои қарзӣ дар нақшаҳои стратегии худ роҳҳои осон ва самараноки ба низомҳои нави рақамӣ гузаштанро тавассути восита ва дастгоҳҳои электронии пардохтӣ ба таври доимӣ пайгирӣ намуда, барои расидан ба он пайваста талош мекунанд. Дар асоси таҷрибаи ҷанидинсодаи низоми бонкии кишвар дар самти муқобилият бо равандҳои ҷаҳонишавӣ ва мушкилоти дар ин самт ҷойдошта, гузариш ба воситаҳои электронӣ-рақамӣ роҳи ягонаи расидан ба дастовардҳои самаранок мебошад. Равандҳои ҷаҳонишавӣ дар самти технологияҳои рақамӣ дар давоми 10-15 соли охир тезутунд гардид ва ин имкони ба муваффақият расидани низоми бонкиро тез ва сода намуд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун давлати мустақил ва дар ҳоли рушди устувор қарордошта ҳамеша ба бахши воқеии иқтисодиёт, махсусан, соҳаи молия ва бонкдорӣ таваҷҷуҳ зоҳир намуда, бар он кӯшиш менамояд, ки сатҳи рақамикунониро ба воситаи бонкҳо дар амал татбиқ намояд. Ин дастгириҳои бевоситаи ҳукумати кишвар аст, ки институтҳои молиявӣ ва ғайримолиявӣ барои ислоҳот дар беҳтаргардонии ҳолати техникии худ таваҷҷуҳ зоҳир менамоянд.

Ғайр аз ин “...Консепсияи иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд Консепсия) дар асоси Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон,

Пешвои миллат, Ҷаноби Олӣ Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 26 декабри соли 2018 ва мувофиқи Қарори Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 январи соли 2019, № 39 «Дар бораи натиҷаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2018 ва вазифаҳо барои соли 2019» таҳия шудааст”[55]. Вобаста ба ин, боиси қаноатмандист, ки Тоҷикистон дар Осиёи Марказӣ аввалин кишварест, ки Стратегияи рушди зеҳни сунъиро 29 - уми сентябри соли 2022 қабул кардааст.

Қабули барномаҳои мақсадноки рақамӣ ё ба таври дигар электронӣ ҳам дар сатҳи низоми молиявӣ ва низоми иқтисодӣ як қатор таҳаввулоти сохторӣ ва институтсионалиро ба миён овард. Ин таҳаввулот бонку ташкилотҳои қарзиро водор менамояд, ки дар стратегияи ба мақсад расидани худ як қатор имкониятҳои нави хизматрасониро ба миён оварда, дар доираи он талаботи рӯзафзуни ҷомеаро қонеъ гардонанд.

Дар сатҳи минтақавӣ ва байналмилалӣ як қатор давлатҳои муваффақ дар самти фановариҳои замони муосир дар роҳи расидан ба ҳадафҳои устувор давлатҳоро водор менамоянд, ки барнома ё стратегияҳои рақамиро қабул намоянд. Таҷриба нишон медиҳад, ки аксар давлатҳо қабл аз бухронҳои сиёсию иқтисодӣ ва молиявӣ ба низоми нави инноватсионии технологияҳои рақамӣ гузаштанд. Бухронҳоро бо истифода аз технологияҳои рақамӣ, махсусан, дар самти муносибатҳои молиявӣ сода ва самаранок паси сар кардаанд. Истифодаи технологияҳои рақамӣ ва воситаҳои электронии пардохт қабл аз дигар соҳаҳо дар соҳаи низоми молиявию бонкӣ ба вуҷуд омадааст, ки ҳадафи асосии он сода ва самаранок гардонидани амалиёт ва хизматрасониҳои электронӣ ва пардохтӣ мебошад.

Дар самти рақамикунонии амалиётҳои молиявӣ дар сатҳи байналмилалӣ ин таъсиси SWIFT (Society for World-Wide Interbank Financial Telecommunications) – Иттиҳоди телекоммуникатсияҳои молиявии умумиҷаҳонии байнибонкӣ ҳамчун ташкилоти байналмилалӣ дар соҳаи коммуникатсияҳои молиявӣ мебошад. “...Самтҳои асосии фаъолияти SWIFT

барои бонкҳо ва дигар институтҳои молиявии ба ин баробар хизматрасонии саривақтии боэътимод аз дастрасии бе иҷозат муҳофизатшуда ва ташкил кардани корҳо оид ба стандартикунонии намудҳо ва усулҳои табодули иттилооти молиявӣ мебошад. Иловатан, иброз доштан зарур аст, ки таъсиси шабакаи SWIFT аслан ба солҳои 50-уми асри гузашта рост меояд ва ин қадами нахустин дар ташаккули муҳити инноватсионӣ дар самти рақамикунонии иқтисодиёт, махсусан, дар соҳаи молиёт ва бонкдорӣ мебошад”[70]. Аз ин лиҳоз, дар муқоиса бо дигар соҳаҳо дар татбиқи иқтисодиёти рақамӣ низоми молиявию бонкӣ, қабл аз ҳама, ба рақамикунонии амалиёт ва хизматрасониҳои бонкӣ гузаштаанд ва ин метавонад дигар соҳаву сохторҳои дахлдорро фаро гирад. Зеро таҷрибаи гузаштани Ҷумҳурии Тоҷикистон ба муҳити инноватсионӣ ва вусъат пайдо кардани рақамикунонии амалиёту хизматрасониҳо собит намуд, ки сабаби муаммоҳои ҷойдоштаи солҳои 2010-2018 дар ин самт суръати нокифояи технологияҳои рақамӣ ва камаҳаммиятии низоми бонкӣ ба он буд.

Вобаста ба ин, шакли нави технологияҳои рақамӣ соли 1973 аз 15 мамлакати ҷаҳон, 239 бонк Ҷамъияти умумиҷаҳонии алоқаҳои молиявии байнибонкӣ (Society For Woridwide interdank Finansal Telecommunication - SWIFT)-ро ташкил намуданд. Шабакаи SWIFT ҷойи телетайпро гирифт ва баъди чанде ба якумин шабакаи байналмилалӣ мубаддал гардид. Соли 2006 миқдори аъзои он ба 7,8 ҳазор бонку ширкат аз 198 мамлакати ҷаҳон расида, адади паёмҳо камтар аз 2 миллиардро ташкил дод. Тибқи маълумоти мавҷуда тавассути SWIFT рӯзе 11 млн адад амалиёти бонкӣ иҷро мешавад [77]. Амалиётҳои анҷомгардида комилан электронӣ буда, бевосита ба тақвияти минбаъдаи ҳукумати электронӣ ва рақамикунонии иқтисодиёт дар давраҳои минбаъда мусоидати ҳаматарафа менамояд. Бонкҳои узви шабакаи SWIFT ба воситаи паёмҳои электронӣ ё рақамии пулиро, ки бо рамзҳои махсуси рақамӣ ҳимоя шудаанд, ба ҳам мефиристанд ва дар асоси онҳо пулгузарониро байни мизоҷон бо роҳи электронӣ ва усулҳои инноватсионии баландсуръат таъмин менамоянд.

Дар низоми бонкии кишвар истифода аз усулҳои нави инноватсионӣ ва рақамикунонӣ, ҳамзамон, истифодаи шабакаи умумиҷаҳонии SWIFT аз ҷониби бонкҳои тиҷоратии Тоҷикистон ба солҳои 1996-1997 рост меояд, ки дар қадамҳои нахустини гузаштан ба низомҳои нави рақамикунонии амалиётҳо ва хизматрасониҳои бонкӣ таъсир расонид. Дар ҳошияи ин гуфтаҳо, яке аз механизмҳои асосии гузаштан ба низомҳои инноватсионии рақамикунонӣ қабули барнома ва стратегияҳои муайян, ки мо тавассути он метавонем ба он шомил шавем, муҳим ва зарурӣ мебошад. Албатта, дар шароити имрӯзаи Ҷумҳурии Тоҷикистон гузариш ба низомҳои нави рақамикунонии иқтисодиёт ва дар заминаи ин, ташкили ҳукумати инноватсионии электронӣ якчанд мақсади калидӣ, ба монанди суботи иқтисодӣ, фароҳам овардани имкониятҳои нав, қонеъ намудани талаботи рӯзафзуни аҳолӣ, идоракунии самараноки давлатию ғайридавлатӣ ва монанди инҳоро дар бар мегирад.

Дар робита ба ин, мувофиқи "...Стратегияи рақамии Британияи Кабир (UK Digital Strategy 2017), ки 1 марти соли 2017 қабул шудааст, ҳафт самти асосии ташаккули инфрасохтори рақамӣ қайд гардидааст, ки мақсади асосии он мусоидат намудан ба дастрасии тамоми маълумотҳои рақамӣ ба аҳолӣ, таъмин намудани шароити беҳтари тиҷорат тавассути Интернет-сомонаҳо, кумак барои пешбурди тиҷорат, амнияти иттилоотӣ ва ғайра ба шумор меравад" [56]. Вобаста ба ин гуфтан мумкин аст, ки баъди қабули чунин стратегия аз тарафи давлатҳои дар ин самт муваффақ он метавонад ба дигар давлатҳои дар ин масъала гузаранда ҳамчун таҷриба истифода гардад.

Низоми бонкии Тоҷикистон дар роҳи расидан ба ҳадафҳои ба рушд нигаронидашудаи дар самти ҳукумати электронӣ қарордошта дар ин самт технологияҳои муосири бонкиро мавриди истифодаи васеъ қарор додааст. Аз ин хотир, моро зарур аст, ки қабл аз гузаштан ба чунин низомҳои пешрафта ва муваффақ омилҳои таъсиррасон ба татбиқи масъаларо мушаххас намуда, сипас дар доираи он амалкардҳои гуногунро мавриди фаъолият қарор диҳем. Гуфтан мумкин аст, ки вазъи имрӯзаи татбиқи иқтисодиёти рақамӣ танҳо дар

доираи як қатор масъалаҳое, ки хусусияти меъёрӣ, субъективӣ ва объективӣ доранд, метавон имконпазир гардонид.

Аз ин хотир, дар доираи масъалаҳое, ки дар расми 3.1 оварда шудааст, дар шароити имрӯза комилан татбиқи ин масъала имконпазир мегардад.




**Расми 3.1. Омилҳои ташаккул ва татбиқи иқтисодиёти рақамӣ ва ҳукумати электронӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**Сарчашма:** Аз тарафи муаллиф кокард гардидааст.

Тавассути имкониятҳои иқтисодии давлат, ки асоси онро механизмҳои молиявӣ барои фароҳам овардани шароити мусоид ҷиҳати ворид намудани технологияҳои иттилоотӣ ва харидорӣ намудани дастгоҳу воситаҳои электронии ҳисоббарори инноватсионӣ ташкил медиҳад, ин масъала муҳим арзёбӣ мегардад.

Албатта, татбиқи иқтисодиёти рақамӣ ва ҳукумати электронӣ дар сатҳи низоми иқтисод ва низоми бонкӣ танҳо бо роҳи фароҳам овардани инфрасохтори зарурӣ имконпазир мегардад. Дар давоми ду панҷсолаи охир ҷорисозии технологияҳои рақамӣ ва дигар дастгоҳҳои ҳушманд зарурати ислоҳотро дар дигаргунсозии хизматрасониҳо ба миён овард. Зеро татбиқи ҳадафҳои ҳукумат дар ҳамоҳангӣ бо низоми бонкии кишвар талаб менамояд,

ки дар навбати аввал, заминаҳои меъёрӣ фароҳам гардида, бо мурури замон равандҳои мутобиқгардонӣ ва истифодабарӣ мавриди пайгирии доимӣ қарор дода шавад.

Ҳамчунин, таҷриба нишон медиҳад, ки баъзе омилҳо боиси он мегарданд, ки давлат, бонкҳо, ширкатҳо ва дигар корхонаву муассисаҳои фаъолияти гуногундошта, новобаста аз майлу хоҳиши худ, барои рушду такомул ёфтан ба ин равандҳо ҳамроҳ мегарданд ва онро имрӯз ҷаҳонишавӣ мегӯянд. Албатта, ҷаҳонишавӣ айни замон як падида ва раванди печидаест, ки дар таркиби худ тамоми самтҳоро фаро гирифта, якеро муваффақ ва дигареро ноком мегардонад, ки дар ин радиф корхонаву муассисаҳои фаъолияти гуногундошта, аз он ҷумла бонку ташкилотҳои қарзӣ шомил мебошанд.

Технологияҳои инноватсионии пардохтӣ дар ҳама ҳолат муваффақият ва сатҳи рақобатпазирии ин ё соҳаи муайянро дар самти истифодаи мақсадноки технологияҳои рақамӣ инъикос менамояд. Дар айни замон, рақобатпазирии сохтор ва соҳаҳои алоҳидаро бидуни технологияҳои рақамӣ ва воситаҳои электронии пардохт тасаввур кардан ғайриимкон аст. Дар шароити имрӯзаи хоҷагидорӣ яке аз масъалаҳои асосие, ки ба муҳити инноватсияи бонкӣ шароит фароҳам меоварад, ин восита ва дастгоҳҳои электронӣ мебошад. Бо дарназардошти зарурати талаботи замони муосир фаъолияти институтҳои молияviро бидуни воситаҳои инноватсионии пардохтӣ ва электронӣ тасаввур кардан ғайриимкон аст.

Илова бар ин, дар татбиқи иқтисодиёти рақамӣ ва инноватсияҳои электронию пардохтӣ, дар баробари фароҳам будани инфрасохтори зарурӣ, масъалаи саводнокии молиявии аҳолӣ ва дар умум, истифодабарандагони хизматрасониҳои электронӣ шарти зарурӣ мебошад. Новобаста аз мавҷуд будани технологияҳои рақамӣ ва воситаҳои электронии пардохт, масъалаи истифодабарӣ ва доштани маълумот дар бораи моҳият ва аҳаммияти онҳо низ дар шароити имрӯза муҳим ва зарурӣ мебошад. Зеро истифодабарӣ ва

истифодабаранда низ дар ташкили муносибатҳои пулию қарзии электронӣ дар низоми имрӯзаи бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳим мебошад.

Ҳамзамон, масъалаи фарогирии молиявӣ ва ташаккули манбаъҳои даромади аҳолӣ ва дигар субъектҳои иқтисодӣ шарти зарурӣ буда, тавассути он дараҷаи истифодаи босамари амалиёту хизматрасониҳои электронии бонкӣ имконпазир мегардад. Иброз доштан зарур аст, ки фарогирии молиявӣ дар шароити имрӯза барои дар амал татбиқ намудани муҳити инноватсияи электронии бонкӣ шарти зарурӣ буда, он айни замон яке аз механизмҳои асосии татбиқи амалии инноватсияҳои электронӣ мебошад.

Дар заминаи саводнокии молиявӣ ва фарогирии молиявӣ, маърифати молиявӣ имконпазир мегардад, зеро дараҷаи самаранокии амалиётҳои электронӣ ва истифодаи он дар самту соҳаҳои гуногун муҳим мебошад. Имрӯз агарчанде ки технологияҳои рақамӣ барои пешрафти фаъолияти бонкҳо муҳиммият дорад, ҳамон андоза маърифати молиявии аҳолӣ низ дар ин самт аҳаммияти зарурӣ дорад. Зеро истифодашавандагӣ аз доштани маълумотҳои кофӣ вабастагии зиёд дошта, дар ин самт фаъолнокии тарафҳо муҳим мебошад. Вобаста ба натиҷаҳои таҳқиқот дар самти афзорҳои рақамӣ ва низоми инноватсионии хизматрасониҳои бонкӣ зарурати баинобатгирии як қатор унсурҳо ба миён меояд, ки ин ҳолатро дар расми 3.1 чунин тасвир намудем.




**Расми 3.1. Воситаҳои инноватсионии татбиқи хизматрасониҳои бонкӣ**

**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф

Айни замон иқтисодиёти рақамиро вобаста ба талаботи иҷтимоию иқтисодӣ танҳо дар заминаи инфрасохтори зарурӣ, ки онро тавассути бонкҳо, ташкилотҳои қарзии ғайрибонкӣ ва дигар институтҳои молиявӣ ва воситаву барномаҳои зарурӣ амалӣ карда мешаванд, татбиқ намудан мувофиқи мақсад аст. Аз ин бармеояд, ки дар шароити имрӯзаи Ҷумҳурии Тоҷикистон татбиқ кардани иқтисодиёти рақамӣ тавассути институтҳои молиявӣ дуруст аст. Дар шароити имрӯза яке аз роҳҳои ба муҳити инноватсионии бонку ташкилотҳои қарзӣ дастрасӣ пайдо намудани шахсони ҳуқуқию воқеӣ ин доштани сурутҳисобҳои бонкӣ мебошад. Зеро доштани суратҳисобҳои бонкӣ имкон медиҳад, ки шахсони ҳуқуқию воқеӣ ба он дастрасии бештар дошта бошанд.

Новобаста аз он ки гузариш ба муҳити инноватсионии пардохт афзоиш ёфтааст, ҳамзамон ба ин ҳаҷм ва ҳиссаи суратҳисобҳои бонкӣ низ афзоиш ёфтаанд, ки ин ба тақвияти муҳити инноватсионии низоми бонкӣ ва ворид кардани технологияҳои нави электронӣ, ки ҳамчун заминаи асосӣ маҳсуб меёбад, мусоидати ҳаматарафа менамояд (Нигаред ҷадвали 3.1).

**Ҷадвали 3.1. - Сатҳи тағйирёбии суратҳисобҳои бонкӣ дар солҳои 2019-2024 бо адад**

| | Солҳо | | | | | (+/-) % |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2019 | 2021 | 2022 | 2023 | 2024 | |
| Миқдори умумии суратҳисобҳо, (адад) | 4 057 782 | 6 083 412 | 8 444 573 | 11 236 588 | 14 145 819 | 248,6 |
| **Суратҳисобҳои шахсони воқеӣ (адад)** | **3 964 100** | **5 977 784** | **8 321 666** | **11 109 753** | **14 003 422** | **253,2** |
| Резидентҳо | 3 943 342 | 5958192 | 8 271 427 | 11 008 711 | 12 462 676 | 216,0 |
| Ғайрирезидентҳо | 20758 | 19592 | 50239 | 101042 | 27 227 | 31,1 |
| **Суратҳисобҳои шахсони ҳуқуқӣ (адад)** | **93 682** | **105 628** | **122 907** | **126 835** | **142 397** | **52,0** |
| Резидентҳо | 92 762 | 104 917 | 122 075 | 125 617 | 77 063 | -16,9 |
| Ғайрирезидентҳо | 920 | 711 | 832 | 1218 | 499 | -45,7 |

**Сарчашма:** аз тарафи муаллиф дар асоси маълумотҳои бюллетенҳои омори бонкӣ омода гардидааст

Қайд кардан зарур аст, ки дар иқтисодиёти рақамӣ ҳамчун механизм ва фишанги асосии рушди инноватсияҳои бонкӣ ва дастрасӣ ба истифодаи онҳо, суратҳисобҳои бонкӣ маҳсуб ёфта, дар заминаи онҳо шаклҳои нави амалиётҳои электронӣ ташаккул меёбанд. Тибқи стратегияи татбиқи иқтисоди рақамӣ дар хизматрасониҳои молиявӣ байни институтҳои молиявӣ ва дигар шахсони алоҳида дар ҳоли татбиқшавӣ қарор дорад. Чӣ тавре ки маълумоти ҷадвали мазкур ишора менамоянд, агар шумораи суратҳисобҳо дар маҷмуъ соли 2019 4 млн адад бошад, он ба 14 млн адад дар соли 2024 баробар гардид, ки мутаносибан ба соли 2,4 маротиба зиёд шудааст. Суратҳисобҳои шахсони воқеӣ 2,5 маротиба, аз он ҷумла суратҳисобҳои резидентҳо 2,1 маротиба ва суратҳисобҳои ғайрирезидентҳо бошад, 31,1% афзудааст. Суратҳисобҳои шахсони ҳуқуқӣ низ тамоюли зиёдшавӣ дошта, он дар давраи таҳлилшаванда ба андозаи 52,0% афзоиш ёфтааст. Гуфтан мумкин аст, ки дар низоми бонкдории муосири воситаҳои асосии инноватсия дар раванди рақамикунонӣ ҷиҳати гузаштан ба амалиёту хизматрасониҳои маҷозӣ дар шароити имрӯза кушодани суратҳисоб ва тақвияти

ҳисоббаробаркунӣ яке аз масъалаҳои асосии рақамикунонӣ мебошад. Зеро дар низоми бонкӣ як қатор нишондиҳандаҳо метавонанд асосӣ ва як қатор нишондиҳандаҳои дигар воситаҳои электронии рақамкунонӣ бошанд (нигар расми 3.1).

Дар шароити имрӯза рушди воситаҳои асосӣ ва иловагӣ ба таври баробар метавонад асоси пешрафти низоми бонкиро ташкил намояд. Дар навҷорисозии низоми инноватсионии хизматрасониҳои бонкӣ, тибқи маълумотҳои дар расм овардашуда, суратҳисобҳои бонкӣ ва марҳалаи аввали ҳамкорӣ бо бонк бар ин восита аз масъалаҳои муҳим ва аввалиндараҷа маҳсуб меёбанд. Бинобар ин, зарурати доштани суратҳисоб ва ҳисобдорӣ яке аз масъалаҳои асосиест, ки бояд ба он чораҳои зарурӣ дар заминаи имконот ва ихтиёроти давлат андешида шавад.




**Расми 3.2. Воситаҳои асосӣ ва иловагии сатҳи низоми инноватсионии фаъолияти бонкҳо дар шароити рақамикунонӣ**

**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф

Зеро таҷриба собит намудааст, ки нақши суратҳисобҳои бонкӣ дар татбиқи иқтисодиёти рақамӣ ва вусъати доимии амалиётҳои электронӣ-пардохтӣ муҳим аст. Бинобар ин, бе мавҷудияти ҳисобҳои бонкӣ ва тақвияти ҳамкорӣ бо онҳо ҳукумати электронӣ ва татбиқи пардохтҳои электронӣ имконпазир намегардад.

Новобаста аз он ки дар сатҳи низоми бонкӣ дигар дастгоҳу воситаҳои электронӣ васеъ истифода бурда мешаванд, дараҷаи кушодани суратҳисобҳои шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ ҳам бо пули миллӣ ва ҳам бо асъори хориҷӣ ба татбиқи рушди ин масъала ҳаматарафа мусоидат менамояд.

Иброз доштан зарур аст, ки яке аз афзорҳои муосири дараҷаи рушд ва стратегияи рақамикунонии низоми бонкӣ ҳамчун заминаи базавӣ барои фароҳам сохтани заминаи истифодаи инфрасохтори зарурӣ ин суратҳисобҳои бонкӣ буда, вусъати амалиёту хизматрасониҳои пулиро бо пули миллӣ ва асъори хориҷӣ дар амалиётҳои иқтисодӣ, тиҷоратӣ ва ғайри он имконпазир мегардонад. Аз маълумотҳо бармеояд, ки новобаста аз он ки шумораи афзоиш ва ҳиссаи суратҳисобҳо дар маҷмуи умумии суратҳисобҳои бонкӣ тамоили болоравӣ дорад, ба ин минбаъд низ аҳаммият додан шарти зарурист (Ҷадвали 3.2).

**Ҷадвали 3.2. - Шумораи суратҳисобҳои бонкӣ барои солҳои 2019-2024 бо адад**

| | Солҳо | | | | | Нисбат ба соли 2019 бо% |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | **2019** | **2021** | **2022** | **2023** | **2024** | |
| Миқдори умумии суратҳисобҳо, (адад) | 4 057 782 | 6 083 412 | 8 444 573 | 11 236 588 | 14 145 819 | 248,6 |
| Суратҳисобҳои шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ бо сомонӣ (адад) | 3593227 | 5386782 | 7558206 | 10076313 | 202461,3 | -94,3 |
| Суратҳисобҳои шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ бо асъори хориҷӣ (адад) | 464555 | 696630 | 886367 | 1160275 | 1578354 | 239,7 |

**Сарчашма: [54]**

Гуногунрангсозии суратҳисобҳои бонкӣ бо пули миллӣ ва бо асъори хориҷӣ яке аз воситаҳои татбиқи инноватсияи бонкӣ маҳсуб ёфта, ба рушди стратегияи татбиқи инноватсия мусоидат менамоянд. Дар шароити имрӯза яке аз мушкилоти асосӣ дар сатҳи зарурӣ истифода намудани амалиёт ва хизматрасониҳои бонкӣ ва гузаштан ба низоми нави инноватсионӣ, дар татбиқ ва ташаккули иқтисодиёти рақамӣ набудани ҳисобдорӣ дар аксар хоҷагиҳои хурди иқтисодӣ мебошад. Дар ташкили муҳити инноватсионӣ вобаста ба пардохтҳо масъалаи ҳисобдории муайян, аз як тараф, ба нобаробарии пардохтҳои андозӣ мусоидат намояд, аз дигар тараф бошад, ба коҳиш додани суръати татбиқи инноватсияҳои электронии бонк таъсир мерасонад.

Дар шароити имрӯза агар шаклҳои фаъолияти инноватсионӣ густариш ёфта бошанд ҳам, татбиқи дурусти инноватсияҳои электронӣ ва иқтисодиёти рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тавассути як қатор барнома ва стратегияҳои дахлдор қабул гардида, бо амалӣ кардани меъёрҳои онҳо ҳамчун замина Стратегияи рақамикунонии низоми бонкии кишвар қабул ва ба як қатор муаммоҳои дигар расидагӣ намоем.

Дар ҳамин замина мо пешниҳод менамоем, ки барои расидан ба ҳадафҳои самараноки инноватсионӣ дар муҳити рақамӣ стратегияи кӯтоҳмуддати рақамикунонии низоми бонкиро қабул намоем. Ҷиҳати татбиқи гузариш ба пардохтҳои ғайринақдӣ тавассути технологияҳои рақамӣ ҳамчун самти афзалиятноки стратегияи минбаъдаи ҳукумати кишвар буда, барои татбиқи минбаъдаи он ва гузариш ба ин ҷараён “...Барномаи миёнамуҳлати рушди иқтисодиёти рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соҳои 2021-2025, ки бо қарори ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 октябри соли 2021, № 460 қабул шудааст ва ҳамчунин Стратегияи миллии фарогирии молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2022-2026 бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 июли соли 2022, №314 тасдиқ шудааст, илова бар ҳамаи ин ҳамчун асос Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи тадбирҳои вусъат додани ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ” 1

августи соли 2023”[57] ин ҳадафҳое мебошанд, ки тавассути онҳо рақамикунонии иқтисодиёт дар сатҳи зарурӣ татбиқ карда мешавад. Баъзе сарчашмаҳо бозгӯи онанд, ки рушди иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷорӣ намудани технологияҳои иттилоотии рақамӣ яке аз ҳадафҳои муҳим дар соҳаҳои иқтисодиёти миллӣ ба ҳисоб меравад, зеро аз рӯйи таҷрибаи ҷаҳонӣ ҳиссаи иқтисоди рақамӣ дар ММД-и кишварҳои ҷаҳон аз 12% то 16%-ро ташкил медиҳад.

Вобаста ба ҷанбаҳои дигари мушаххасоти таҳқиқот “...бо пайдо гардидани воситаҳои муосири технологияҳои компютерӣ, ҳамкории мутақобилаи иштирокдорони муносибатҳои иқтисодӣ муназзам ба роҳ монда шуда, фаъолияти истеҳсолии онҳо тавассути рақамикунонии барномаҳо ва ё иттилоот амалӣ карда мешавад Агар ба маълумоти оморӣ назар андозем, мувофиқи арзёбии Индекси ҷаҳонии инноватсионӣ (The Global Innovation Index, GII) соли 2022 Тоҷикистон аз рӯйи сатҳи таъсири технологияҳои рақамӣ дар байни 139 кишвари дунё ҷойи 104-умро ишғол намудааст. Дар муқоиса бо арзёбии соли 2021 Тоҷикистон аз ҷойи 103 як зина паст фаромада, бо ҷойи 104 дар байни давлатҳои Осиёи Миёна дар мақоми охирин қарор гирифтааст” [111, 115].

Дар хулосаи параграф ҳаминро хотирнишон намудан мумкин аст, ки барои дар амал татбиқ намудани Стратегияи рақамикунонии низоми бонкӣ ва дар умум, рақамикунонии иқтисодиёт андешидани чораҳои зерин зарур аст:

- пайгирии доимии амалишавии ҳадаф ва вазифаҳои дар барномаву стратегияҳои иқтисоди рақамӣ пешбинигардида, ки дар доираи меъёрҳои пешбинигардида иқтисодиёти рақамӣ ва амалиётҳои электронӣ дар амал татбиқ мегарданд;
- вобаста ба шакли фаъолият ва сатҳи фарогирӣ вобаста намудани корхонаҳое, ки имконияти татбиқи иқтисоди рақамиро доранд;
- ба ҳам овардани истифодабарандагони хизматрасониҳо ва пешниҳодкунандагони онҳо дар доираи қолабҳои муайяни ҳамкорӣ ва истифодабарӣ;

- дар самти татбиқи иқтисодиёти рақамӣ ва пардохтҳои электронӣ ҷалби давлат барои ҳамкорӣ ва татбиқи он дар низоми бонкӣ ва бозори хизматрасониҳои бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- ташкили гурӯҳи назоратӣ аз тарафи мутахассисону коршиносони сатҳу соҳаҳои гуногун ҷиҳати амалишавии барномаву стратегияҳои дахлдори рақамикунонӣ дар институтҳои молиявӣ ва сохторҳои алоҳидаи иқтисодӣ ва ғ.

## 3.2. Таъмини амнияти навовариҳои бонкӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт

Дар шароити ҷаҳонишавии мубодилаи иттилоот тавассути технологияҳои иттилоотӣ зарурати таъмини амнияти иттилооти пардохтҳои электронӣ яке аз масъалаҳои асосиест, ки дар доираи он бонкҳо ва дигар ташкилотҳои қарзӣ корбарӣ намуда, чораҳои амниятиро дар ин самт пурзӯр менамоянд. Зеро асоси рушди хизматрасониҳои электронӣ ва инноватсиониро таъмини амнияти онҳо ташкил намуда, ин масъала ҳавасмандии истифодабарандагонро дучанд мегардонад. Дар ин радиф амнияти бонкиро ҳаммаъно ба амнияти иттилоотӣ медонанд, ки он маҷмуи усулҳо доир ба таъмини махфият, эътимоднокӣ ва дастрасӣ ба иттилоот мебошад.

Дар замоне, ки аксарияти мамлакатҳои ҷаҳон дар низоми бонкии худ ба технологияҳои иттилоотии рақамӣ рӯ овардаанд, низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон низ барои мутобиқ шудан бо равандҳои ҷаҳонишавӣ дар самти техника ва технологияҳои муосир ба ин масъала майл пайдо намуд. Дар низоми бонкӣ амнияти хизматрасониҳои электронӣ амнияти минбаъдаи фаъолияти онҳо маҳсуб ёфта, ба воситаи он таъмини захираҳои пулӣ ва дигар пардохтҳои ба ин алоқаманд мавриди таваҷҷуҳи доимӣ қарор мегиранд.

Дар шароити муосир масъалаи таъмини бехатарии навовариҳои бонкӣ дар давраи рақамикунонӣ яке аз мушкилоти ҳалталаб ба ҳисоб рафта, омӯзиши илмии он барои баланд бардоштани иқтидори ҳифзи амнияти

бонкҳо аз киберҷиноятҳо зарур ва саривақтӣ ба ҳисоб меравад. Бинобар ин, дар ин марҳила пайдо намудани роҳҳои оптималии баромадан аз ин мушкилӣ ё ҳалли мушкилоти таъмини амнияти бонкӣ, аз ҷумла таъмини ҳифзи маълумоти бонкӣ, таъмини амнияти технологияҳои иттилоотии бонкӣ лозим аст.

Бахши бонкиро дар ҷаҳони муосир, дар баробари пешрафти техникаву технология ва истифодаи технологияҳои рақамӣ, ки кори бонкҳоро осон намуда, муносибату муомилотро бо мизоҷон зич мегардонад, ҷинояткорони интернетӣ ва хуҷумҳои киберӣ таҳдид мекунанд. Ҷинояти киберӣ ин худ як амали ҷиноӣ мебошад, ки асосан ҷинояткорон бо истифода аз воситаҳои интернетӣ ба таври фосилавӣ сомонаҳоро рахна карда, пулҳоро аз суратҳисобҳо ғорат менамоянд. Чӣ тавре ки маълум аст, дар даст доштани иттилоот ин худ як ғолибияти комил бар зидди рақиб мебошад. Бинобар ин, ҷинояткорони киберӣ бо роҳи ба даст овардани маълумот маблағҳои мизоҷонро ба даст меоранд. Объекти асосии хуҷуми киберӣ ин компютер ба ҳисоб рафта, барои ин ҷинояткорон аз ҳамлаҳои компютерӣ, фишинг, спам ва таҳияи вирусҳо истифода мебаранд.

Қаллобии киберӣ асосан ба низоме таҳдид мекунад, ки дар он технологияҳои рақамӣ васеъ истифода мегардад. Бо сабаби он ки бонкҳо аз ин намуди технологияҳо фарох истифода мебаранд, таҳдидҳои қаллобони каберӣ низ зиёд аст. Қаллобии киберӣ дар бонк метавонад бо роҳу воситаҳои гуногун, яъне тавассути мактубҳои сохта ва ғайри қобили бовар ба почтаи электронӣ ва дар шабакаҳои иҷтимоӣ гузоштани ссилкаҳои бардурӯғ, ки дар сурати пайваст шудан ба он баромадан дигар душвор аст, ҳамчунин паёмакҳо ба телефонҳои мобилӣ ва ғайра ворид гардида, маблағҳои мизоҷон ва бонкро тавассути барномаҳои онлайнӣ ба суратҳисобҳои номаълум интиқол медиҳад.

Инчунин, ҷинояткорони киберӣ бо роҳи паҳн кардани барномаҳои махсус, шикастани рамзҳои мизоҷон, ба даст овардани рақамҳои кортҳои бонкӣ ва дигар реквизитҳои бонкии муштариён, равон кардани маълумот дар

шакли сурат ва файл ба базаи маълумотҳо ворид гардида, мақсади худро амалӣ мегардонанд.

Дар замони имрӯза яке аз роҳҳои маъмултарини ҷонояти киберӣ ва ба даст овардани маълумоти мизоҷони бонк ин занги телефонии бардурӯғ мебошад. Бо ин роҳ ҷинояторон кӯшиш мекунанд, ки бо суханҳои дурӯғу ваъдаҳои сохта маълумоти бонкии зарурии мизоҷонро ба даст оранд.

“...Дар Россия, тибқи маълумоти соли 2020, 70,6% ҷиноятҳои киберии қаллобӣ мебошанд. Навъи маъмултарини киберҷиноятҳо зангҳои телефонӣ мебошанд, чун қаллобон кӯшиш мекунанд маълумоти махфии соҳибони кортҳои бонкиро пайдо кунанд, интиқол диҳанд ё барномаҳои дастрасии дурдаст насб кунанд”[34];[33].

Вобаста ба маълумотҳои дар боло овардашуда гуфтан мумкин аст, ки Европол киберҷиноятҳоро ба ду намуд тақсим мекунад[35]:

- киберҷиноятҳо, яъне ҷиноятҳое, ки танҳо бо истифода аз компютерҳо, шабакаҳои компютерӣ ё дигар шаклҳои технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ содир карда мешаванд;
- ҷиноятҳое, ки тавассути технологияҳои киберӣ содир мешаванд, яъне ҷиноятҳои анъанавӣ бо истифода аз интернет ва технологияҳои рақамӣ.

Барои расидан ба ҳадаф аз тамоми технологияҳои ҳозиразамон самаранок истифода мебаранд. Ҳатто барои ноил гаштан ба ин мақсад барномаҳои махсусро ихтироъ намуда, ҳамчун воситаи дастрасӣ ба маълумот истифода мебаранд. Аз ин рӯ, ташкилотҳои қарзиро зарур аст, ки бо қаллобони насли нав мубориза бурда, аз технологияҳои навини ҳозиразамон истифода баранд ва чораҳои қатъии амниятиро пурзӯр намоянд.

Бинобар ин, низоми бонкии тамоми мамлакатҳои дунё, дар маҷмуъ, низоми молиявӣ дар шароити муосир таҳти таҳдиди қаллобии киберӣ қарор дошта, манбаъҳои молиявии ташкилотҳои қарзӣ ва муштариёни он дар хатар ҳастанд.

Дар баробари он ки низоми бонкии мамлакатҳои ҷаҳон таваҷҷуҳи худро пурра ба технологияҳои иттилоотӣ равона намудаанд, ин масъала низ

аз мадди назари низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва сохтору мақомотҳои дахлдор дур намондаанд. Ин таваҷҷуҳ дар иҷрои чунин вазифаҳо ба таври доимӣ муваззаф мегардонад:

- таҷдиди назар кардани санадҳои меъёрии ҳуқуқии марбут ба технологияҳои рақамӣ ва меъёрҳои бехатарии амалиётҳои электронӣ барои суботи бонкҳо ва рақобатпазирии онҳо;

- дар сатҳи зарурӣ ва қобили талабот ҷорӣ намудани технологияҳои электронии инноватсионӣ ва содагардонии сатҳи дастрасӣ ба амалиёт ва хизматрасониҳои виртуалӣ;

- дар низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар амал ҷорисозии таҷрибаи муваффақи хориҷӣ ва ғ.

Масъалаи таъмини бехатарии иқтисодиёти рақамӣ ва амалиётҳои электронӣ дар қатори он масъалаҳое мебошанд, ки он метавонад суръати афзоиши амалиётҳои электронӣ ва татбиқи рақамикунониро коҳиш диҳад. Аз ҳамин лиҳоз, БМТ вобаста ба салоҳиятҳои қонунии худ ҷиҳати дар амал татбиқ намудани рақамикунонии амалиётҳо ё электроникунонии онҳо бидуни таъсири омилҳои субъективӣ ва иштироки амалиётҳои накдӣ ва бо коғаз асосёфта пайваста чораҳои зарурӣ меандешад. Аз ин рӯ, санадҳои меъёрии ҳуқуқии қоидаҳои таъмини амнияти амалиётҳои пардохтро муқаррар ва аз рӯйи онҳо чораҳои зарурӣ меандешад.




**Расми 3.3. Қоидаҳои амалигардии таъмини амнияти низоми пардохтӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф дар асоси маълумотҳои дастурамал

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон БМТ масъули таъмини амнияти низоми пардохтии мамлакат дар шакли накдӣ ва ғайринакдӣ маҳсуб ёфта, он таъмини амнияти электронии пардохтҳоро низ тавассути низомҳои марказонидашудаи пардохтӣ ба ухда дорад. Ин амали ББМ хосияти марказонидашуда дорад, ки дар он иштирок ва фаъолнокии бонкҳо ва дигар ташкилотҳои қарзӣ низ муҳим мебошад.

"...Вобаста ба ин Бонки миллии Тоҷикистон ҷиҳати қонунигардонии салоҳиятҳо ва амалкардҳои худ дар самти танзими меъёрӣ ва бехатаргардонии амалиётҳо мувофиқи Дастурамали 201 ҳуқуқ дорад нисбат ба қабул гардидани тағйиру иловаҳо ба қоидаҳои низоми пардохтӣ ба онҳо эътироз баён намояд, агар ин тағйиру иловаҳо"[8]:

- "...ба манфиатҳои ҷамъиятӣ мутобиқ набошанд;
- хилофи манфиатҳои иштирокчиёни низоми пардохтӣ бошанд;
- хилофи манфиатҳои шахсоне бошанд, ки дар оянда мехоҳанд иштирокчии низоми пардохтӣ шаванд;

- хилофи талаботҳои муқарраргардидаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии Бонки миллии Тоҷикистон бошанд”[8].

Ҳамчунин, дар ҳамин санад “...ҳангоми ба охир расидани муҳлати муқарраршуда ва дар ҳолате ки агар Бонки миллии Тоҷикистон ягон эрод пешниҳод накунад, оператори низоми пардохтӣ уҳдадор аст дар давоми на кам аз 2 (ду) моҳ то мавриди амал қарор додани тағйиру иловаҳо иштирокчиёни низоми пардохтиро оид ба тағйиротҳо огоҳ намояд. Агар қоидаҳои низоми пардохтии аҳаммиятнок ба талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи хизматрасониҳои пардохтӣ ва низоми пардохтӣ” ва Тартиби мазкур ҷавобгӯ набошанд, Бонки миллии Тоҷикистон уҳдадор аст оператори низоми пардохтиро дар бораи чунин номутобиқатӣ ба таври хаттӣ огоҳ намояд. Дар огоҳинома бояд талаботҳое, ки ба қоидаҳои низоми пардохтии аҳаммиятноки ба Бонки миллии Тоҷикистон пешниҳодшуда мутобиқат намекунанд ва муҳлате, ки барои тағйиру иловаҳо ва бо мақсади санҷиши мутобиқат такроран ба Бонки миллии Тоҷикистон фиристодани онҳо наметавонад аз 90 (навад) рӯз зиёд бошад, дарҷ карда шаванд”.

Масъалаи таъмини амнияти амалиётҳои электронии пардохтӣ ва бехатарии онҳо яке аз масъалаҳое мебошад, ки дар он масъулияти БМТ, бонкҳои тиҷоратӣ ва дигар бонкҳои давлатию исломӣ муҳим аст. Барои пайгирии ин ҳадаф ба хотири таъмини суботи низоми бонкии кишвар БМТ аз як қатор шартҳои марбут ба амнияти технологӣ ва амалиётҳои электронии пардохтӣ истифода мебарад. Дар ин баробар, Бонки миллии Тоҷикистон аз принсипҳои бехатарӣ истифода мебарад, ки онҳо метавонанд дар оянда барои тақвияти минбаъдаи амалиётҳои электронӣ ва рақамикунонии иқтисодиёти миллӣ мусоидат намоянд. Вобаста ба ин, иброз доштан зарур аст, ки на танҳо дар Бонки миллии Тоҷикистон, балки дар сатҳи бонкҳо ва дигар ташкилотҳои молиявию қарзии ғайрибонкӣ риояи меъёрҳои бехатарӣ ва амнияти маҷмуии низоми бонкӣ ба риояи принсипҳои мавҷудаи тарафҳо асос

меёбад, ки ҳар кадоми он аз рӯйи салоҳият ва дигар имкониятҳо мавриди татбиқ ва амал қарор мегиранд.

Бонки миллии Тоҷикистон тавассути як қатор принсипҳо идоракунии хавфҳоро дар сатҳи низоми пардохт танзим менамояд, ки онҳоро дар расми 3.4 мушоҳида кардан мумкин аст.




**Расми 3.4. Принсипҳои идоракунии хавфҳо ва мушаххаскунии он дар низоми пардохт**

**Сарчашма:** аз тарафи муаллиф дар асоси маълумотҳои Дастурамали 201 сохта шудааст.

Тафсири принсипҳои идоракунии хавфҳо аз он шаҳодат медиҳад, ки дар шароити имрӯза риояи як қатор меъёрҳои мавҷуда ҳатмӣ ва зарурӣ буда, он амалкардҳои институтсионалиро тақозо менамояд. Илова ба ин, дар сатҳи низоми бонкӣ дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқие ҳастанд, ки мушаххасоти амалии масъаларо дар бар мегиранд [1], [2], [7]. Вобаста ба ҳамаи ин, Бонки миллии Тоҷикистон як қатор принсипҳоро барои татбиқи амалиётҳои электронӣ ва низоми пардохтӣ пешниҳод намудааст, ки дар айни замон риояи онҳо ҳатмист:

1. “...Роҳбарият: низоми пардохтӣ бояд принсипҳои фаҳмою шаффофи идоракунии низоми пардохтӣ, аз ҷумла принсипҳое, ки доираи бевоситаи масъулият ва ҳисоботдиҳиро муайян мекунанд, роҳандозӣ намояд” [10];

2. “...Идоракунии хавфҳо: низоми пардохтӣ барои идоракунии ҳаматарафаи хавфҳои низоми пардохтӣ, аз ҷумла хавфи ҳуқуқӣ, қарзӣ, пардохтпазирӣ, хавфҳои тиҷоратӣ ва амалиётӣ бояд пойгоҳи (платформаи) иттилоотӣ-технологии боэътимод ва ҷавобгӯи талабот дошта бошад” [10];

3. “...Анҷомёбии ҳисоббаробаркуниҳо: анҷомёбии ҳисоббаробаркуниҳо дар низоми пардохтӣ дар қоидаю расмиёти низоми пардохтӣ бояд барои иштирокчиён фаҳмо ва мушаххас бошад” [10];

4. “...Хавфҳои амалиётӣ: низоми пардохтӣ барои мониторинг ва идоракунии хавфҳои амалиётӣ бояд пойгоҳи иттилоотӣ-технологии боэътимоди идоракунии хавфҳои амалиётӣ, ки низомҳо, сиёсат, расмиёт ва механизми назоратро дар бар мегирад, таъсис диҳад” [10];

5. Меъёрҳои дастрасӣ ва иштирок.

Дар низоми бонкӣ агарчанде ки масъалаи сирри бонкӣ аз замони аввали ташкили низоми бонкӣ ҳамчун масъалаи асосӣ ҷой дошт, дар баробари рушди низоми бонкӣ ва дигаргуншавии шаклҳои фаъолияти он, ба маъмултарин масъалаҳои амниятӣ дар низоми иҷрои амалиётҳо ва хизматрасониҳо мубаддал гардид. Дар баробари ин, принсипҳои идоракунии хавфҳо дар сатҳи низоми пардохтӣ боз як қатор принсипҳои дигар низ мавҷуданд, ки муттасилии раванди низоми пардохтҳо бо усулҳои муосири амалигардӣ ва бехатарии саривақтӣ таъмин карда мешаванд. Иброз доштан зарур аст, ки дар баробари принсипҳои бехатарии низоми пардохтӣ боз дигар принсипҳо барои назорат ва танзими дурусти низоми пардохтӣ бояд риоя шаванд (нигар расми 3.5).




**Расми 3.5. Принсипҳои идоракунии низоми пардохтӣ ва танзими он**

**Сарчашма**: ҳисоби муаллиф дар асоси маълумотҳои Дастурамали 216 БМТ.

Дар таҷрибаи бонкдорӣ, махсусан, дар истифодаи амалиёт ва хизматрасониҳои бонкӣ риояи як қатор шартҳои меъёрӣ раванди танзим ва бехатарии амалиётҳоро имконпазир мегардонад. Зеро анҷоми ҳар як амал метавонад дар доираи шартҳои муайян ҷиҳати таъмини амният амалӣ карда шавад. Дар баробари ин, мусоидат ба тақвияти иқтисодиёти рақамӣ ва бамаротиб маҳдудкунии амалиётҳои нақдӣ ва идораи босамари хавфҳо мебошад. Бояд иброз дошт, ки шартҳои мавҷуда ва дар низоми бонкии кишвар истифодашаванда дорои бартариятҳои зерин мебошанд:

- таъмини шаффофият;
- риояи стандартҳои байналмилалӣ;
- дар сатҳи зарурӣ мавҷудияти ваколату имкониятҳо;
- пайдарҳамии иҷрои амалиётҳо;
- ҳамкорӣ бо дигар мақомот;
- имкониятҳои вазифавӣ;
- ба хавф нигаронидашуда;

- мутаносибӣ дар анҷоми амалиёт ва хизатрасониҳои электронӣ.

Татбиқи равандҳои меъёриро дар шакли пешниҳодҳо стратегия, барнома ва дигар консепсияҳо асоснок мегардонад [3],[4],[6].

Яке аз масъалаҳои асосие, ки дар шароити имрӯза ба нуфузу эътибори бонк ва ҳамзамон, ба сатҳи боварии истифодабарандагони амалиёт ва хизматрасониҳои бонкӣ таъсири манфӣ мерасонад, ин пеш аз ҳама, таъмини амнияти амалиётҳои электронӣ ва дигар пардохтҳои ба пардохтпазирии бонкҳо алоқаманд мебошад. Аз ин рӯ, таъмини амнияти низоми бонкӣ ҳам дар доираи амалиётҳои электронӣ ва ҳам сатҳи пардохтпазирии онҳо бисёр муҳим ва зарурӣ мебошад.

Дар давоми солҳои охир масъалаи таъмини амнияти иттилоотӣ ва пардохтии рақамикунонии иқтисодиёт дар муҳити инноватсионӣ яке аз масъалаҳои асосӣ мебошад, ки тавассути он бонк мавқеи худро муайян ва сатҳи пардохтпазириашро дар ҳама ҳолат метавонад ҳифз намояд. Аз ин хотир, ба андешаи мо, бояд ба масъалаҳои зерин аҳаммияти ҷиддӣ дода шавад:

1. Баланд бардоштани сатҳи пардохтпазирии низоми бонкӣ тавассути воситаҳои ҳозиразамони пардохтӣ ва дигар дастгоҳу воситаҳои ба ин баробар;

2. Коркарди воситаҳои қатъии муҳофизатшуда ҳангоми истифодаи кортҳои бонкӣ дар сурати гум шудан ё ғорат гардидани онҳо;

3. Коркарди воситаҳои нави муҳофизатшуда бо изи ангушт ва рӯшноии чашм ва дар ҳолати ба дасти дигар афтидани он ба таври автоматӣ блокировка гардидан;

4. Даст кашидан аз фурӯши кортҳои сарироҳӣ, ки он амнияти комил надоранд ва метавонанд дар оянда як қатор мушкилоти иловагиро ба миён оварда, эътимодро ба низоми бонкӣ коҳиш диҳанд.

5. Мураккаб кардани унсурҳои муҳофизатшудаи дастрасӣ ба амалиётҳои электронӣ ва дар заминаи қабул намудани қарорҳои дахлдори

муҷозотӣ ба истифодабарандагони воситаҳои пардохтӣ ва пардохт ҳангоми хариду фурӯш ва ғ.

Дар сарчашмаи дигаре омадааст, ки "...тибқи тавсияҳои Хазинаи байналмилалии асъор ва дар доираи матритсаи Барномаи маблағгузории сиёсати рушд бо кумаки техникии Бонки Ҷаҳонӣ дар Бонки миллии Тоҷикистон Кумитаи суботи молиявӣ (Кумита) ҳамчун мақоми машваратӣ дар назди Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон фаъолият мекунад ва ба зиммаи он вазифаҳои зерин вогузор карда шудааст"[54]:

1) "...Таҳлили вазъи макроиқтисодӣ ва низоми молиявӣ дар ҷумҳурӣ ва ҷаҳон ҷиҳати баррасӣ ва пешгирии хавфҳои бавуҷудоянда;

2) Баррасии тавсияҳои пешниҳодшуда аз рӯйи чораҳои имконпазири сиёсати макропруденсиалӣ (тибқи таҳлилҳо ва ҳисоботҳои даврӣ) ва баҳодиҳии хавфҳои низом;

3) Баррасии натиҷаҳо оид ба татбиқи чораҳои сиёсати макропруденсиалӣ;

4) Баррасии натиҷаҳо аз рӯйи раванди танзим ва назорати фаъолияти ташкилотҳои қарзии молиявӣ;

5) Ҳамоҳанг намудани фаъолияти Кумита бо самтҳои асосии Дурнамои сиёсати пулию қарзӣ ва назорати бонкӣ;

6) Мусоидат ба раванди мубодилаи иттилоот бо бахшҳои низоми молиявӣ ва миёни воҳидҳои сохтории Бонки миллии Тоҷикистон;

7) Ба роҳ мондани фаъолият дар самти бартараф намудани мушкилиҳои суботи молиявӣ дар ҳамоҳангӣ бо Хазинаи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ ва дигар мақомоти назоратии бахшҳои низоми молиявӣ"[54].

Бонки миллии Тоҷкистон ҳамеша баҳри ҳифзу ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагони хизматрасониҳои бонкӣ баромад намуда, ин ҷараёнро бо дарназардошти ҳимояи манфиати мизоҷон ва бехатарии фаъолияти худи бонкҳо зери назорати доимӣ мегирад.

Дар шароити имрӯзаи хоҷагидорӣ як қатор алоқамандиҳои низоми инноватсионӣ ва пардохтӣ моро водор менамояд, ки барои истифодаи дурусти амалиётҳои электронии пардохтӣ дар бораи истифода, самаранокӣ

таъсироти манфӣ ва як қатор масъалаҳои дигари марбут ба амалиётҳои электронии пардохтӣ маълумоти кофӣ дошта бошем. Ҳамчунин, гуфтан мумкин аст, ки дар таъмини амнияти дилхоҳ соҳа омилҳои гуногуни таъсиррасон ҷой доранд, ки ҳар кадоми онҳо метавонад андозаи зарар ва сатҳи таъсиррасонии худро дошта бошад. Бо ҳамин мақсад мо як қатор омилҳоро таҳлил ва ошкор намудем, ки дар таъмини амнияти рақамикунонии иқтисодиёт ва сатҳи хавфу хароҷотҳо ҳам дар иқтисодиёт ва ҳам дар низоми бонкӣ таъсир мерасонад.




**Расми 3.6. Омилҳои таъсиррасон ба рақамикунонии идоракунии хавфҳо**

**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф.

Гуфтан мумкин аст, ки дар бозори хизматрасониҳои бонкӣ ҳама вақт омилҳое ҳастанд, ки метавонанд ба фаъолияти соҳаҳо таъсири манфӣ ва мусбат расонанд. Тавре аз расми мазкур бармеояд, дар таҷрибаи низоми бонкии кишвар асоси муаммодор гардонидани низоми бонкӣ дар қолаби пардохтҳои гуногунҷанба омилҳои сохтор аст, ки он аз интернет ва дигар воситаҳои электронӣ мебошанд ва ҳамчун занҷира омилҳои субъективиро ба

вуҷуд меорад. Зеро иродаи истифодабарандагони хизматрасониҳои бонкӣ бевосита аз сатҳи дастрасӣ ба инфрасохтори пардохтии бонкӣ вобастааст, ки ин масъала дар солҳои 2012-2019 дар низоми бонкии кишвар ҳамчун мушкилоти асосӣ маҳсуб меёфт. Бо ҳамин мақсад дар ташаккул ва рушди иқтисодиёти рақамӣ дар самти институтҳои молиявию қарзии кишвар омилҳое ҳастанд, ки бевосита ба татбиқи раванди ғайринақдикунонии амалиётҳо таъсири манфӣ мерасонанд. Вобаста ба ин, мо дар расми мазкур омилҳои объективӣ ва субъективиро мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор додем, ки он ба таври мукаммал ба иқтисодиёти рақамӣ ва муҳити инноватсионии сохторҳои молиявию иқтисодӣ таъсир мерасонад.

Дар баробари таҳлили ҷиноятҳои киберӣ, истифодаи мафҳуми амнияти киберӣ ва таҳлили равандҳои он низ аз манфиат дур нест. Киберамният ё амнияти киберӣ (ё амнияти компютерӣ) ин аз маҷмуи усулҳо иборат мебошад, ки дар натиҷаи он компютерҳо, серверҳо, дастгоҳҳои мобилӣ, системаҳои электронӣ, шабакаҳо ва базаҳо аз ҳамлаҳои шубҳанок ҳифз мегарданд.

Яке аз роҳҳои таъмини амнияти иттилоотӣ дар низоми бонкӣ ин аутентификатсияи истифодабарандаи хизматрасонии бонкӣ буда, ба воситаи он имконияти минбаъд истифода бурдани хизматрасониҳо барои мизоҷон имконпазир мегардад. Бо воситаи аутентификатсия бонк бар замми он ки ба боварии мизоҷонаш сазовор гашта, маълумоти шахсии онҳоро маҳфуз нигоҳ медорад, аксари хизматрасониҳои худро аз ҳамлаи қаллобони интернетӣ муҳофизат мекунад.

**Хулосаи параграф**

Бонкҳо ва дигар ташкилотҳои қарзӣ барои нигоҳ доштани нуфузу эътибори худ ба таври доимӣ бояд аз роҳу воситаҳое истифода баранд, ки боварии мизоҷонро аз даст надиҳанд. Аз ҳамин лиҳоз, чораҳои бехатариро дар ҳама самтҳо пайваста мавриди пайгирӣ қарор медиҳанд. Инчунин, бонкҳо ба муштариёни худ паёмакҳо равон намуда, онҳоро аз таҳдидҳои бавуҷудомада хабардор менамоянд ва таъкид месозанд, ки ба ҳар гуна

саволҳои қалбакии телефонӣ ҷавоб нагардонанд. Зеро ҷинояткорони киберӣ метавонанд худро ҳамчун корманди бонк муаррифӣ намуда, бо роҳи саволдиҳӣ маълумотҳои зарурии мизоҷро баҳри дастрасӣ ба суратҳисоби ӯ ба даст оранд. Дар илова ба ин, доштани ҳассосият ба ҳама омилҳои таъсиррасон низ бояд дар маркази таваҷҷуҳи роҳбарон ва саҳомони бонк ҷиҳати нигоҳ доштани нуфузу эътибор қарор дода шавад.

### 3.3. Роҳҳо ва афзорҳои татбиқи амалии рақамикунонии иқтисодиёт ва ғайринақдикунонии амалиётҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

Яке аз ҳадафҳои асосии ҳукумати кишвар дар самти хизматрасонӣ ба аҳолии кишвар, ки он ҳамчун ҳадафҳои стратегии давлат дар рақамикунонии иқтисодиёт ва ғайринақдикунонии амалиётҳо, ташкили муҳити инноватсионӣ ва расидан ба стратегияҳои баояндаи муваффақ нигаронидашуда мебошад. Иловатан, қайд гардидааст, ки “...фаъолияти муосири бонкӣ бидуни истифодаи технологияҳои муосири молиявии рақамӣ, ки сифати хизматрасониҳоро беҳтар ва номгӯи онҳоро зиёд мекунад, ғайриимкон аст” [104, с.48]. Тамоюлҳои печида ва мушкилоти доимоафзояндаи замони муосир дар истифодаи воситаҳои ҳозирамони хизматрасонӣ ва фосилавӣ моро водор месозад, ки таҷрибаи мушкили солҳои қаблиро ба инобат гирифта, ҳамчун ислоҳот гузариш ба форматҳои навро истифода бурда, як фазои хуби баояндаи рушд нигаронидашударо дар сатҳи низоми бонкии кишвар муҳайё созем. Ҳамзамон бо ин, дар асоси таҳлили воситаҳои қаблие, ки онҳо имконияти рушди минбаъдаи хизматрасониҳои навро таъмин карда наметавонистанд, ба он боис гардид, ки бонкҳо ва дигар ташкилотҳои қарзӣ бо суръати баланд ба техника ва технологияҳои муосири хизматрасонӣ гузаранд ё таъҷилан ислоҳот ба роҳ монанд.

Бо ҳамин мақсад роҳҳои татбиқи иқтисодиёти рақамӣ ва истифодаи воситаҳои инноватсионӣ талаб менамояд, ки давлат, БМТ ва дигар бонку ташкилотҳои қардӣ дар стратегия ва сиёсати дурбинонаи худ роҳҳои содаи

расидан ба иқтисодиёти рақамӣ, ҳукумати элетронӣ ва пурра ғайринақдӣ кардани амалиёт ва хизматрасониҳоро ҷустуҷу ва дар ин замина афзорҳои таъмини амният ва бехатариро дар ин самт дарёфт намоянд. Қадамҳои аввали Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти гузариш ба иқтисодиёти рақамӣ, ба андешаи мо, аввал дар сатҳи низоми бонкӣ оғоз гардида, сониян он дар дигар соҳаҳои муҳимми иқтисодӣ бояд истифода гарданд. Дар масъалаи ҷорӣ намудани технологияҳои рақамӣ дар низоми нави хизматрасониҳо ва пардохтҳои электронӣ, дар навбати аввал, гузаштани соҳаҳои муҳимми иқтисодӣ, дастрасии сода ба воситаҳои электронии пардохтӣ ва баъдан дар дохили худ ва шарикон ҷорӣ намудани воситаҳои электронии пардохтӣ ба таври ҷиддӣ ҷорӣ карда шаванд. Дар мавриди дигар, вобаста ба зарурати масъала чунин зикр гардидааст, ки "...рақамикунонии низоми бонкӣ ин раванди татбиқи технологияҳои инноватсионӣ ва рақамӣ мебошад, ки ба беҳтар намудани сифати хизматрасонии мизоҷон, зиёд намудани самаранокии фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ ва мутобиқшавӣ ба вазъи тағйирёбандаи бозори молиявӣ равона шудааст" [97, с.53].

Иброз доштан зарур аст, ки истифодаи кортҳои бонкӣ яке аз воситаҳои татбиқи рақамикунонии амалиётҳои виртуалӣ буда, ба воситаи он воситаҳои молиявии электронӣ ва гардиши воситаҳои пулӣ татбиқ карда мешаванд. Бо таҳлили маълумоти мушаххаси низоми инноватсионӣ чунин муайян намудан мумкин аст, ки динамикаи рушди кортҳои бонкӣ дар чанд соли охир тамоили болоравӣ дошта, нишондиҳандаҳои рушди он дар ин самт вобаста ба ҳаракат ва фаъолнокии бонкҳо назаррас мебошанд (нигар диаграммаи 3.1).

**Диаграммаи 3.1. - Динамикаи афзоиши шумораи кортҳои пардохтии бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соҳои 2019-2024 бо млн адад**




**Сарчашма: [54]**

Рушди бомароми бозори хизматрасониҳои бонкӣ аз он шаҳодат медиҳад, ки баъзе воситаҳои электронии пардохтӣ ҳамчун омили асосии рушд буда, тавассути онҳо воситаҳои нави электронии бонкӣ ташаккул дода мешаванд. Дар марҳилаи аввали рушди бозори кортҳои бонкӣ як қатор бонку ташкилотҳои қарзӣ бо сабаби паст будани сатҳи рақамикунонӣ ва кам будани шумораи дастгоҳҳо ва воситаҳои электронии пардохт ба хатари муфлисшавӣ мувоҷеҳ гардиданд. Бо ин гуфтан мумкин аст, ки набудани дастгоҳҳои электронии пардохтӣ ба зиёдшавии пули нақд боис мегардад, ки вазъи пардохтпазирии бонкро мураккаб ва ҳолати молиявии онро душвор мегардонад. Аз ин хотир, ҷиҳати расидан ба як қатор ҳадафҳои стратегӣ дар солҳои минбаъда тақвияти истифодаи кортҳои бонкӣ шарти зарурӣ маҳсуб ёфта, рушди бомароми он ҳамчун уҳдадорӣ дар назди ҳукумат идома дорад.

Тибқи маълумоти таҳлилгардида шумораи кортҳои бонкӣ соли 2019 агар 2,1 миллион ададро ташкил дода бошад, ин нишондиҳанда дар соли 2024 8,4 млн ададро ташкил медиҳад, ки дар муқоиса ба соли таҳлилшаванда 6,3

миллион адад ё 3.0 маротиба зиёд мебошад, ки чунин суръат метавонад ба рушди иқтисодиёти рақамӣ дар сатҳи ҳадафҳои стратегии давлат дар ин самт мусоидат намояд.

Ҳамчунин иброз доштан зарур аст, ки вобаста ба бартариятҳои истифодабарӣ шаклҳои истифодаи кортҳои бонкӣ дар сатҳи иқтисодиёт гунногун будан ҳиссаи онҳо вобаста ба шакл ва хосияти фарогирӣ ҳархела мебошад. (нигар диаграммаи 3.2)

**Диаграммаи 3.2. - Ҳиссаи кортҳои пардохтӣ аз рӯйи низомҳои пардохтӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо %**




**Сарчашма: [54]**

Ба операторҳои дохилӣ дар фазои маҷозӣ имконият додан яке аз воситаҳои асосии татбиқи иқтисодиёти рақамӣ буда, барои тақвияти минбаъдаи соҳа мусоидат мекунад. Аз тарафи БМТ ташкили маркази "Протсесингӣ" ба низоми бонкӣ ва операторҳои пардохти дохилӣ имкон медиҳад, ки суръати татбиқи иқтисодиёти рақамӣ баланд ва рушди амалиётҳои фосилавӣ-электронӣ дар дохили давлат ва берун аз он баланд карда шавад.

Додани имконият ба истифодаи пардохтҳои дохилӣ имкон дод, ки ҳиссаи кортҳои миллӣ дар муқоиса бо дигар кортҳо бартарӣ дошта, 57,8%-ро ташкил диҳад. Дигар операторҳои пардохтӣ бошад, UnionPay 0,3, Express Pay 1, Mastercard 2,5, Дохилӣ 3,5, UnionPay- Корти миллӣ 10,7, Express Pay- Корти миллӣ 13 фоизи боқимондаро ташкил медиҳанд. Аз ин бармеояд, ки бартарии бештар ба корти миллӣ дар ин самт дода шудааст. Бояд иброз дошт, ки сатҳи дастрасӣ ба воситаҳои ҳозиразамони электронӣ дар шароити имрӯзаи хоҷагидорӣ аз фарогирии минтақавии кортҳои бонкӣ ва дигар дастгоҳу замимабарномаҳои электронӣ вобаста аст (нигар диаграммаи 3.3).

**Диаграммаи 3.3. - Ҳиссаи кортҳои пардохтӣ дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2024 (бо %)**




**Сарчашма:** [54], [15]

Қайд кардан зарур аст, ки ба таври баробар таъмин намудани минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ба инфрасохтори зарурӣ ягона роҳи баромад аз вазъи ногувори пардохтпазирӣ ва ба таври зарурӣ таъмин намудани талаботи доиморушдёбандаи аҳолӣ мебошад. Барои расидан ба ҳадафҳои рушди устувори иқтисодӣ дар муҳити инноватсионӣ пеш бурдани фаъолияти бонкҳо тавассути техника ва технологияҳои муосир шарти зарурӣ мебошад. “...Кортҳои пардохтӣ қисми таркибии низоми молиявии мамлакатҳо ва ҷомеаи иқтисодии ҷаҳон ба шумор меравад” [121, с.44]. Ғайр

аз ин, як қатор иқдомҳои дигар, ки истифодаи ин воситаҳои инноватсиониро дар Тоҷикистон асоснок мегардонанд, қабул гардидааст [12], [13]. Дар илова ба ин мо пешниҳод менамоем, ки ба операторҳои мобилӣ, операторҳои пардохтӣ ва низоми пардохтии дохилӣ имконияти бештар дода шавад, то дар заминаи ҳавасмандӣ тамоми мушкилоти ба ин масъала хос дар сари вақт роҳи ҳалли худро ёбанд.

Тибқи афзоиши нишондиҳандаҳои мавҷуда мо чунин пешниҳод менамоем, ки бонкҳо ва дигар ташкилотҳои қарзӣ модели минтақавии инфрасохтори пардохтии рушдро таҳия намуда, густариши онро тибқи марҳалаҳои стратегӣ зери назорати қатъии худ қарор диҳанд.

Таҳлили диаграмма аз он гувоҳӣ медиҳад, ки ҳиссаи кортҳои бонкӣ дар шаҳри Душанбе 34%, вилояти Хатлон 23,4%, вилояти Суғд 25,7% ва ВМКБ 1,5%-ро ташкил медиҳад, ки дар муқоиса бо дигар вилояту шаҳрҳо аз ҳама нишондиҳандаи камтарин аст. Аз ин хулоса баровардан мумкин аст, ки инфрасохтори зарурии низоми пардохтӣ тавассути кортҳои бонкӣ низ гуногун буда, нишондиҳандаҳо дар сатҳи ҳархела қарор доранд (нигар диаграммаи 3.4).

**Диаграммаи 3.4. - Инфрасохтори пардохтӣ барои қабул ва хизматрасонии кортҳои пардохтӣ дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон**




**Сарчашма: [54]**

Дар шароити имрӯза яке аз масъалаҳои асосие, ки тавассути он рақамикунонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври баробар таъмин карда мешавад, ин фароҳамсозии якхелаи инфрасохтори зарурӣ дар тамоми минтақаҳои кишвар мебошад. Дар шароити рушди технологияҳои рақамӣ ташкили инфрасохтори инноватсионии ҷараёни рақамикунонии амалиётҳои пулиро тариқи маҷозӣ бонку дигар ташкилотҳои қарзӣ ба уҳда доранд.

Ин бештар ба он алоқаманд аст, ки қонеъ гардонидани талаботи рӯзафзуни аҳолӣ ва дигар субъектҳои иқтисодӣ бо пули нақд ва дигар воситаҳои ғайринақдӣ вазифаи институтсионалии низоми бонкӣ мебошад. Тибқи таҳлили диаграммаи 3.4 ташкилотҳои қарзии молиявӣ барои бо пули нақд таъмин намудани дорандагони кортҳои бонкӣ 2 654 адад банкомат, 3 597 адад терминали электронӣ дар (НППН) ба мизоҷон хизмат мерасонанд ва ҷараёнҳои дигари рушди онро дигар санадҳо дар худ фаро мегиранд [9],[14].

Ҷиҳати анҷом додани пардохтҳои ғайринақдӣ то санаи ҳисоботӣ дар МСХ 7 939 POS-терминал насб карда шуданд, ки ба ҳамин давраи соли 2024 ба андозаи 71,2 фоиз зиёд мебошад. Ҳамчунин, дар МСХ 16 472 QR–рамзи ягона насб карда шудаанд, ки нисбат ба ҳамин санаи соли 2024 17,8 фоиз кам гаштааст, ки сабаби асосиаш, ба андешаи мо, тадриҷан гузаштан ба QR-рамзи ягона мебошад. Ин афзоишро дар шакли назариявӣ муҳаққиқи дигари тоҷик тасдиқ намуда, чунин қайд кардааст “...дар бозори хизматрасониҳои бонкӣ дараҷаи истифодаи навовариҳои муосир, ба мисли терминалҳои пардохтӣ, замима-барномаҳои мобилии бонкӣ, низоми пардохтҳои бесим (масалан, QR-пардохтҳо) аз ҷониби ташкилотҳои маблағгузории хурд, афзудааст” [122, с.35], [11].

Дар шароити имрӯза нишондиҳандаҳои муваффақи низоми бонкӣ дар масъалаи мубрами рақамикунонии иқтисодиёт ва низоми бонкӣ бояд дар давоми солҳои наздик мувофиқ ба як стратегияи кӯтоҳмуддат дар амал татбиқ шавад.

Соҳаҳои алоҳидаи иқтисодӣ ва махсусан, бахши воқеии он ва фаъолияти институтҳои молиявиро бидуни воситаҳои электронӣ ва

технологияҳои рақамӣ тасаввур кардан ғайриимкон аст. Дар шароити имрӯза восита ва барномаҳои мусоидаткунанда ба иқтисодиёти рақамӣ дар иқтисодиёт зиёд буда, ҳар кадоми онҳо дорои хосиятҳои гуногуни иҷтимоию иқтисодӣ ва объективию технологӣ мебошанд. Бинобар ин, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон технологияҳои гуногуни рақамӣ истифода бурда мешаванд, ки таркиботи онро дар расми 3.7 дидан мумкин аст (расми 3.7).




Расми 3.7. Воситаҳои амалигардии технологияҳои рақамӣ дар шароити гузариш ба таҳаввулоти рақамикунонӣ

**Сарчашма:** Коркарди муаллиф

Маълумотҳои овардашуда аз он шаҳодат медиҳанд, ки низоми рақамикунонии иқтисодиёт мураккаб ва печида буда, онҳо аз унсурҳо ва меъёрҳои гуногуни татбиқ иборатанд, ки корбарӣ бо ҳар кадоми онҳо дар сатҳҳои гуногун иҷро мегардад. Дастгоҳҳо ва воситаҳои интиқоли маълумот тибқи ишораҳои дар расм овардашуда метавонад иқтисодиёти рақамӣ ва

ҳукумати комили электронӣ, фармони роҳбари давлат дар бораи “Тадбирҳои вусъат додани ҳисоббаробаркуниҳои ғайринакдӣ”-ро дар амал татбиқ намоянд. Дар Тоҷикистон барои татбиқи иқтисодиёти рақамӣ дар муҳити инноватсионӣ зарур аст, ки ҳамаи он масъалаҳое, ки бевосита ин чараёнро дар сатҳи зарурӣ татбиқ ва пеш мебаранд, вобаста ба ташкили институтсионалӣ дар назорат ва роҳбарии давлат ба ҳар роҳу восита мавриди истифода қарор гирифта, аз рӯйи амалигардии онҳо назорати ҷиддӣ ба роҳ монда шавад. Новобаста аз зиёд будани талабот ба ин масъала ҳоло ҳам дар самти технология ва иқтисодиёти рақамӣ мушкилот ҷой доранд.

Қайд кардан зарур аст, ки вобаста ба зарурат ва талаботи рӯзафзуни ҷомеа ба рақамикунонӣ, айни замон бо талошу кӯшишҳои пайвастаи Ҳукумати кишвар тавассути қабули як қатор барномаву стратегияҳои дахлдори соҳавӣ дар якҷоягӣ бо бонку дигар институтҳои молиявӣ рақамикунонӣ ҳамчун масъалаи афзалиятнок қарор гирифта, нишондиҳандаҳо дар давоми 4-5 соли охир метавонад натиҷаҳои мусбати манфиатовар оранд. Имрӯз ба андешаи мо, таъмини инфрасохтори аввалияи воситаҳои электронии пардохтӣ ва дигар форматҳое, ки барои рақамикунонии иқтисодиёт ва амалиётҳои пулӣ ва ғайрипулӣ дар ин сатҳ мусоидат менамоянд, дар қадами аввал ҳамчун афзори асосӣ мавриди пайгирӣ бояд қарор дода шавад.

Сатҳи рақамикунонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо шарофати ташаббусҳои бевоситаи роҳбарияти кишвар ва ба таври ҷиддӣ муваззаф гардонидани мақомоту сохторҳои алоҳидаи дахлдор боло рафта, барои танзими қонунии масъалаи мазкур як қатор барномаву стратегияҳо ва қонунҳои дахлдор дар самти иқтисоди рақамӣ дар сохтори иҷтимоию иқтисодии кишвар қабул гардид (нигар расми 3.8).




**Расми 3.8. Сатҳи рақамикунонӣ дар соҳаҳои алоҳидаи иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**Сарчашма:** Коркарди муаллиф дар асоси рӯнамои Ш. Раҳимзода

Тоҷикистон дар давоми солҳои охир рақамикуниро ба сифати ҳадафҳои стратегии худ қарор дода, татбиқи онро дар солҳои наздиктарин ба нақша гирифтааст. Зеро пешрафти иқтисодиёти имрӯзаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар заминаи таъмини амнияти иқтисодӣ сурат гирифта, ба таври васеъ пайваст шудан ба равандҳои ҷаҳонишавӣ ва мутобиқшавӣ бо тамоюлҳои зудтағйирёбандаи ин раванд моро водор месозад, ки тақвияти минбаъдаи рақамикуниро дар сохтор ва соҳаҳои алоҳидаи кишвар таъмин намоем. Ин масъаларо ҳанӯз Роҳбари давлат соли 2018 мавриди таваҷҷуҳ қарор дода, чунин иброз намуда буданд, “...бо дарназардошти равандҳои

муосир мо бояд корро ҷиҳати татбиқи иқтисодиёти рақамӣ ва дар соҳаҳои иҷтимоиву иқтисодӣ ҷорӣ кардани технологияҳои рақамӣ вусъат бахшем” [20, с.3].

Вобаста ба тамоюлҳои доимо тағйирёбанда, ки онҳо ба фарогирии қонунӣ ва ба меъёрдарорӣ эҳтиёҷ доранд, тақозо менамояд, ки таҷдиди назари қонунҳо ва тағйирот дар онҳо ҳамчун шарти зарурӣ маҳсуб ёфта ба он аҳамияти аввалиндараҷа дода шавад. Равандҳои ҳамоҳангсозӣ дар самти тобеияти қонунӣ гирифтани амалиёт ва хизматрасониҳои ғайринақдӣ бояд дар сатҳи илм бояд муҳим ва зарурӣ бошад. Зеро идораи дурусти низоми ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ ба хотири таъмини самаранокӣ бояд тобеияти қонунӣ дошта бошанд то ниҳодҳои дахлдори соҳавӣ чараёни танзимнамоӣ ва таъсиррасониро истифода карда тавонанд. Бинобар аст, ки дар самти қонунҳо ва санадҳои меъёри ҳуқуқии мазкур бояд тағйиротҳои зерин ҳамчун асос, хусусияти доимӣ дошта бошанд;

1. Иловаи бандҳои алоҳида ва қабули қонунҳои нави соҳавӣ ба хотири маҳдудкунии амалиётҳои хатараафзо ва ҷорӣ намудани қонунҳои нав;

2. Тағйирот дар қонунҳои амалкунанда ва ворид намудани бандҳои алоҳида ба хотири танзими дурусти ҳисоббаробаркуниҳо;

3. Қабули барнома ва стандартҳои ҳуҷҷатҳои рақамӣ дар самти тақвияти ҳисоббаробаркунӣ ва пардохтҳо;

4. Аз байн бурдани бандҳои нолозим дар самти фаъолияти ҳисоббаробаркуниҳо ва пардохтҳои электронӣ ба расмият даровардашуда ва ғ.

Чӣ тавре ки маълумотҳои расмӣ нишон медиҳанд, аз ҳама соҳаҳои муваффақ дар самти татбиқи рақамикунонӣ иқтисодиёт маҳсуб ёфта, онро ҳамчун оғози гузариш ба низомҳои дигари рақамикунонӣ ё ҳамчун замина ҳисоб намудан мувофиқи мақсад аст.

Тибқи маълумоти овардашуда аз ҳама нишондиҳандаи баландтарин дар самти рақамикунонӣ ба соҳаи молияю бонкдорӣ рост меояд, ки ҳиссаи он 95%-ро ташкил медиҳад. Тавре маълум аст, дар шароити имрӯзаи

иқтисодиёти рақамӣ муваффақона пеш рафтани фаъолияти бонкҳо ва пешравии низоми молиявию бонкии кишварро бидуни воситаҳои электронӣ ва рақамикунонии амалиёт, хизматрасониҳо тасаввур кардан ғайриимкон аст. Ҳар як сохтору соҳаи алоҳидаро зарур аст, ки барои гузаштан ба иқтисодиёти рақамӣ ва ба таври билқувва анҷом додани амалиётҳои молиявӣ бояд дар бонкҳо суратҳисоби бонкӣ ва дар тобеияти худ ҳисобдории дуруст дошта бошанд.

Мо чунин пешниҳод менамоем, ки дар тамоми соҳаҳои алоҳидаи кишвар ду масъалаи асосӣ бояд ҳатмӣ кунонида шавад:

1. Дар бахши воқеии иқтисодиёт дар доираи нақшаи кӯтоҳмуддат ҷорӣ намудани низоми нави ҳисобдорӣ дар ҳамкорӣ бо бонкҳо;

2. Андешидани чорабиниҳои зарурӣ барои ворид намудани технологияҳои нави инноватсионӣ ҷиҳати татбиқи иқтисодиёти рақамӣ дар кишвар.

Аз ин лиҳоз, дар баробари тақвияти амалиётҳои электронӣ дар институтҳои молиявӣ дар низоми андоз ҷорӣ намудани он низ мувофиқи мақсад аст.

Маълумотҳо аз он шаҳодат медиҳанд, ки дар баробари бонку ташкилотҳои қарзӣ, ҳиссаи рақамикунонии иқтисодиёт дар низоми андози кишвар низ назаррас мебошад ва сатҳи рақамикунонӣ дар ин низом 95%-ро ташкил медиҳад. Вобаста ба ин масъала “...дар доираи Консепсияи ташаккули ҳукумати электронӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикстон аксарияти мақомоти давлатӣ низомҳои иттилоотӣ ва низомҳои баҳисобгирии худро ташаккул додаанд. Яке аз қисматҳои инфрасохтори ҳукумати электронӣ ин мавҷуд будани низоми электронии пардохтҳо мебошад” [103, с.39].

Чӣ хеле ки маълум аст, яке аз механизмҳои асосии босамаргардонии фаъолияти иқтисодӣ ин гузариш ба низомҳои нави рақамикунонӣ ва татбиқи амалиётҳои электронӣ мебошад. Зина ба зина гузаштани сохтору мақомотҳои дахлдор ба рақамикунонии иқтисодиёт Тоҷикистонро ба як фазои бемаҳдуди муносибатҳои гуногуни байналхалқӣ раҳнамун намуда, имкониятҳои онро

дар сатҳи муносибатҳои байналхалқӣ васеъ мегардонад. Бо ин мақсад татбиқи рақамикунонии иқтисодиёт дар сохторҳои алоҳидаи иқтисодӣ вобаста ба имкониятҳо дар сатҳи гуногун қарор дорад (соҳаи кишоварзӣ - 50%, саноат - 60%, тандурустӣ - 60%, нақлиёт - 70%, маориф - 70%, хадамоти гумрук - 90%, неруи барқ ё энергетика - 80% ва адлия -70%).

Дар шароити мураккаб ва таъсири манфии равандҳои ҷаҳонишавӣ ва афзоиш ёфтани омилҳои маҷозӣ дар сатҳи институтҳои молиявӣ ва муносибатҳои пулӣ, истифодаи васеъ аз воситаҳои электронии пардохт роҳи ягонаи расидан ба устувории фаъолият дар ин самт мебошад, ки он ба тақвияти рақамикунонии иқтисодиёт ҳамчун ҳадафи асосӣ ва стратегияи пешрафти ин ё он соҳа муайян мегардад. Барои тақвияти босуръати рақамикунонии иқтисодиёт ва дар маҷмуъ, тамоми сохторҳои алоҳидаи иқтисодиёт андешидани чораҳои зерин мувофиқи мақсад мебошад:

1. Ба таври маҷбурӣ ва дар асоси қарорҳои дахлдори ҳукумати кишвар ташкил намудани тартиби ҳисобдорӣ ва ҳисобгирии амалиётҳо дар ҳама сохтору корхонаҳои хурд, миёна ва калони иқтисодӣ ва ба таври маҷбурӣ ё ҳатмӣ кушодани суратҳисобҳо дар бонку ташкилотҳои қарзии ғайрибонкӣ;
2. Фароҳам овардани инфрасохтори зарурии пардохтӣ барои корхонаву муассисаҳои сатҳи гуногун, ки дар заминаи он имконияти гузоштани қадамҳои минбаъда дар самти рақамикунонӣ муҳайё мегардад;
3. Дар асоси чорабиниҳои сатҳи баланди давлатӣ ва ташаббусҳои ҳадафмандонаи низоми бонкии кишвар маҳдуд кардани хизматрасониҳои анъанавии хавфнок ва дарёфти механизмҳои ҷойивазкунии онҳо;
4. Аз тарафи ҳукумат дар ҳамоҳангӣ ва мувофиқа бо сохторҳои муҳимми давлатӣ марҳала ба марҳала гузаштан ба восита ва дастгоҳҳои татбиққунандаи иқтисоди рақамӣ аз рӯйи нақшаи пешбинишуда;
5. Дар доираи қонунҳои амалкунанда ташкили ҷораёни вориднамоии технологияҳои рақамӣ ва гузариш ба амалиётҳои электронии пардохтӣ ва коргузорӣ ба таври электронӣ бо усулҳои баланди муҳофизатшуда аз хавфҳо ва ғ.

Иброз доштан зарур аст. ки кишвари мо дар масири гузариш ба низомҳои нави рақамикунонӣ ва электроникунонии амалиётҳо қарор дорад ва бояд тамоми монеаҳои ба ин масъала таъсиррасонандаро паси сар намуда, ба таъсири манфии ками он аҳаммият надода, ба чараёнҳои мусбати он такя намуда, ҷоринамоии иқтисодиёти рақамиро дар муҳити инноватсионӣ ҳамчун ҳадафи асосии худ қарор диҳад. Новобаста аз он ки дар истифодаи технологияҳои рақамӣ як қатор мушкилот ҷой доранд, моро зарур аст, ки дар доираи афзалиятҳои мавҷуда пеш равем.

Дар шароити имрӯзаи Ҷумҳурии Тоҷикистон иқтисодиёти рақамӣ ё электроникунонии тамоми амалиётҳои молиявӣ ва ғайримолиявӣ дорои афзалиятҳои зерин мебошанд:

1. Дар шароити имрӯза технологияҳои рақамӣ заминаи эҷоди моделҳои нави тиҷорат ва шаклҳои муошират гардидаанд**.** Дар шароити нави хоҷагидорӣ онҳо яке аз шаклҳои маъмулеанд, ки имкониятҳои фоидаоварро ба шахсони алоҳида ва тоҷирону соҳибкорон ҳамчун шахси ҳуқуқӣ фароҳам меоварад, эътирофшуда мебошад. Моделҳои нави тиҷоратӣ ҷараёни коркард ва расмияти ҳамлу нақли бор, пардохти маблағ, ҳаракати мол аз як нуқта ба нуқтаи дигар ба тариқи электронӣ сурат мегирад ва дар баробари ин, он масъалаи таблиғот ва сатҳи дастрас будани амалиёт ва хизматрасониҳоро дар ҳама самту соҳаҳо сода мегардонад. Ҳамчунин, роҳандозии шаклҳои маъмули барномаҳои муоширатӣ ва таблиғотие, ки тавассути он ҷараёни муошират зуд ва босуръат гардонида мешавад, зарур аст.

**2.** Миқдори зиёди маълумотҳо, ки бо истифода аз зеҳни сунъӣ ҷамъоварӣ ва таҳлил карда мешаванд, равандҳои қабули қарорҳоро такмил ва самаранокии фаъолиятро афзоиш медиҳанд. Коркарди маълумотҳо ба воситаи дастгоҳҳо ва воситаҳои дорои зеҳни сунъӣ имкон медиҳад, ки як қатор хароҷотҳои иловагӣ бартараф ва маълумотҳои зиёд бидуни хароҷоти иловагӣ захира, нигоҳдорӣ ва идоракунии онҳо сода ва осон, инчунин сатҳи бехатариашон таъмин гардад. Ҳамзамон, раванди қабули саривақтии қарорҳо

ба воситаи дастгоҳҳои электронӣ яке аз афзалиятҳо ва бартариятҳои дигари иқтисодиёти рақамӣ мебошад.

3. Роёниши абрӣ дар сатҳи низоми бонкӣ харҷи идоракунии инфрасохтор ва нигоҳдории маълумотҳоро кам менамояд. Вобаста ба афзалиятҳо ва бартариятҳои ин низом роёнишҳои абрӣ нигоҳдории маълумотҳои зиёд ва бехатарии онҳоро дар шакли муҳофизатшуда таъмин менамоянд. Ҳамчунин, барқароркунии маълумотҳои гумшударо, ки аз ҳисоби нобудшавии дастгоҳи маълумотдошта ё дар ҳолати дигар ба вуҷуд омадааст, таъмин менамояд.

4. Афзоиши тиҷорати электронӣ ва пардохтҳои онлайнӣ имкониятҳои нави тиҷоратро фароҳам меорад ва зиндагии истеъмолкунандагонро осон мекунад. Ин шакли афзалият ба таври доимӣ ва ҳаррӯза дар амалиётҳои дохилӣ ва байналхалқие, ки тавассути дастгоҳҳо ва воситаҳои электронии пардохт сурат мегиранд, ба таври зарурӣ мушоҳида мегардад. Дар шароити нави хоҷагидорӣ пардохтҳои онлайнӣ ва бемаҳдуд кардани вақти иҷрои амалиётҳо яке аз афзалиятҳое мебошанд, ки дар заминаи ҳукумати электронӣ ва рақамикунонии иқтисодиёт ба даст оварда шудаанд. Ҳамчунин, назорати шаффофият ва бартариятҳои дигар аз зумраи он масъалаҳое мебошанд, ки тавассути электроникунонии амалиётҳо ва пардохтҳои онлайнӣ ба даст оварда мешаванд.

5. Рушди дастгоҳҳои мобилӣ ба одамон имкон медиҳад, ки ҳар вақт ва дар ҳама ҷо кор ва муошират кунанд. Дастгоҳҳои мобилӣ дар шароити имрӯза на танҳо барои сода ва манфиатовар кардани муошират байни одамони алоҳида ва корхонаву муассисаҳо, балки он имкониятҳои дигари хусусияти молиявидоштаро дар сатҳи ҷомеа манфиатовар мегардонад. Дар 5-10 соли охир дастгоҳҳои мобилӣ воситаҳои электронии пардохтие мебошанд, ки ба таври васеъ дар иҷрои амалиётҳои бонкӣ истифода бурда мешаванд ва то ҳол тақвияти амалиётҳои электронӣ тавассути дастгоҳҳои мобилӣ идома дорад.

Тибқи таҳлилҳои анҷомдодаи мо аҳёнан дар ин самт як қатор мушкилоти ҷузъиро метавон дид, ки онҳоро дар чунин шакл гурӯҳбандӣ намудан мумкин аст:

1. Сатҳи дастрасӣ ба технологияҳои рақамӣ

Новобаста аз он ки дар самти татбиқи рақамикунонии иқтисодиёт як қатор чораҳои зарурӣ андешида мешаванд, ҳамоно норасоӣ ва сатҳи пасти дастрасӣ ба технологияҳои рақамӣ дар тамоми манотиқи кишвар ба таври баробар яке аз мушкилоти асосӣ ва ҳоло ҳам ҳалношуда боқӣ мондааст. Бояд қайд намуд, ки дар сатҳи корхонаву муассисаҳо, нуқтаҳои савдо ва хизматрасонӣ набудани воситаҳои электронии пардохт ва дар баъзе маврид худсарона истифода набурдани онҳо яке аз мушкилоти асосӣ маҳсуб меёбад, ки ба ин масъала аҳаммияти ҷиддӣ додан ва онро ҳал намудан шарти зарурӣ мебошад.

2. Доштани маърифати иттилоотӣ

Дар айни замон доштани маърифати иттилоотӣ ба зумраи он мушкилоте шомил мешавад, ки онро ба саводнокии молиявӣ ва ё маърифати молиявии аҳолӣ рабт медиҳанд. Аз ин хотир, доштани маърифати иттилоотӣ дар масъалаи самаранокии дастгоҳҳои электронӣ ва воситаҳои электронии пардохт ҳамчун шарти асосӣ маҳсуб ёфта, ба ин масъала аҳаммияти аввалиндараҷа дода мешавад. Бо ин мақсад баланд бардоштани маърифати иттилоотӣ ва сатҳи самаранокии воситаҳои ҳозиразамони пардохтӣ шарти зарурист.

3. Харҷи калон барои истифодаи технологияҳои рақамӣ дар шароити кӯҳии кишвар

Вазъи кӯҳсор будани Тоҷикистон дар татбиқи иқтисодиёти рақамӣ як қатор мушкилотро ба миён оварда, то як андоза сатҳи дастрасиро ба он низ метавонад мушкил гардонад. Вобаста ба ин, дар самти расидан ба дастрасии рақамӣ ва электронӣ барои иҷрои хизматрасониҳои пулӣ ҳалли мушкилоти ҷойдошта ба мо имкон медиҳад, ки тибқи пешрафтҳои ҳосилшуда дар се-чор

соли наздик дар ҳадди то 90-95% ин масъала роҳи ҳалли худро ёбад, агар ба шарте, ки ба масъалаҳои зерин аҳаммияти аввалиндараҷа дода шавад:

❖ **Доштани имкони таъмини амният ва махфияти иттилоот.** Дар шароити имрӯза яке аз мушкилоти асосие, ки дар истифодаи технологияҳои рақамӣ истифодабарандагон ва пешниҳодкунандагони хизматрасониҳои рақамӣ ва дигар амалиётҳои ба ин баробарро ба чолишҳои бузурги эътимоду боварӣ ва дар сатҳи зарурӣ истифода намудан рӯ ба рӯ кардааст, таъмини амният ва махфияти иттилоот мебошад, ки ба он ҳам институтҳои молиявӣ ва ҳам ғайримолиявӣ аҳаммияти ҷиддӣ медиҳанд. Сатҳи пасти муҳофизашудаи кортҳои бонкӣ ҳангоми гум шудан, ки бидуни пурсидани рамзи махфӣ метавон маблағҳои дар суратҳисоби он мавҷудбударо гирифт, ин яке аз мушкилот аст.

Барои тақвияти минбаъдаи иқтисодиёти рақамӣ ва воситаҳои электронии пардохт, электроникунонии амалиётҳои молиявӣ дар шароити имрӯзаи Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳаммият додан ба масъалаҳои зерин шарти асосӣ мебошад:

❖ **Густариши интернети баландсуръат ва фарохмавҷ дар тамоми минтақаҳои алоҳидаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври баробар.** Дар шароити кӯҳӣ будани Ҷумҳурии Тоҷикистон фароҳам овардани шароит барои дастрасӣ ба интернети фарохмаҷро яке аз шартҳои асосӣ барои расидан ба ҳукумати электронӣ ва ғайринақдикунонии амалиётҳои молиявӣ ва пардохтӣ мебошад. Зеро як қатор монеаҳое, ки имрӯз дар татбиқи иқтисодиёти рақамӣ ба вуҷуд меояд, аз набудани интернети фарохмаҷро дар минтақаҳои алоҳида, махсусан дар ҷойҳои серодам ва бозорҳо мебошад. Аз ин хотир, таъмини интернети фарохмаҷро ва баландсуръат шарти асосӣ ва зарурӣ барои расидан ба ҳадафҳои татбиқи иқтисодиёти рақамӣ мебошад.

❖ **Густариши маърифати иттилоотӣ: таълиму омода кардани мутахассисон.** Маърифати иттилоотӣ ва тарбияи кадрҳои баландихтисос дар самти технологияҳои иттилоотӣ ва сохтани барномаҳои содакунандаи амалиётҳои электронӣ яке аз шартҳои асосӣ маҳсуб ёфта, ба он аҳаммият

бояд дод. Қайд кардан зарур аст, ки доштани маърифати иттилоотӣ заминаи босуръат расидан ба иқтисодиёти рақамӣ мебошад.

